Сайидалӣ Маъмур

ГУЛШУКУФТИ АРМОНҲО

Душанбе
«Адиб»
2018

https://bikhon.tj/

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-41

Муҳаррир *Гулназар*

М-41 **Сайидалӣ Маъмур**. **Гулшукуфти армонҳо** *(Гулчини ашъор)*. – Душанбе, «Адиб», 2018, 160 саҳ.

«Гулшукуфти армонҳо» барчидаи ашъори Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Сайидалӣ Маъмур буда, ҳосили мушоҳида ва андешаҳои муаллиф аз зиндагӣ мебошад. Китоб чанд ғазал, рубоӣ ва қитъаву фардиётро фарогир аст, ки ба муносибати 75-умин солгарди мавлуди шоир ба табъ мерасад.

ISBN 978-99947-2-558-8

© Нашриёти «Адиб», 2018

https://bikhon.tj/

ДИЛПАЙВАНД

Эй шеър, ҷо гирифтаӣ андар вуҷуди ман,
Пайванди тору пуди ту ҳар тору пуди ман.

Ҳар ҷой дӯсте ба худ аз даҳр кофтам,
Аммо ба ҷуз ту дӯсти ҷонӣ наёфтам.

Дар рӯзи шодию ғами ман меҳрубон шудӣ,
Ҳамсоя рафт аз бару ту соябон шудӣ.

Дар қолаби ту ҷой намуда ҳиҷои худ,
Худ қолабӣ нагаштаму рафтам ба пои худ.

Дафтар сиёҳ кардаму мӯи сафед монд,
Дастат раҳо накардаму рӯи сафед монд.

Эй шеър, сарнавишти ману ҳасту буди ман,
Чун дил ту ҷо гирифтаӣ андар вуҷуди ман.

Бе ту нафас кашидани ман сахт мушкил аст
Аз ту ҷудо шудан хабар аз марги оҷил аст.

https://bikhon.tj/

ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Агарчи Тоҷикистонам калон нест,
Ҷаҳон дар чашми ман бе он аён нест.
Ба уқёнусу баҳру наҳрҳояш
Маро беҳтар зи Вахшу Зарфишон нест.
Агар бошад фузун кӯҳи баландаш,
Вале ҷойи дигар Боми Ҷаҳон нест.
Агарчи мардумони беш дорад,
Шумораш бештар бе тоҷикон нест.
Ҷаҳон дорад агар қавми қадимӣ,
Зи суғдии куҳан бе он нишон нест.
Суханвар дар ҷаҳон гарчи зиёд аст,
Ба сони Рӯдакӣ соҳибқирон нест.
Чӣ ҷӯям ҷаннати рӯйи заминро,
Ки бе мулкам ба олам бӯстон нест.
Агарчи дар масоҳат танг тобад,
Чу тоҷик дилкушоде дар замон нест.
Ҷаҳоне дар ҷаҳон бошад бароям,
Ҷаҳон бе Тоҷикистонам ҷаҳон нест.

* * *

Ало, эй Тоҷикистонам, ки водию куҳистонӣ,
Ба кӯҳу водият дил бастаам чун тоҷикистонӣ.
Агар дар гӯшаат бар рӯи олам дида бикшодам,
Кушодам дил ба хатлонию раштию бадахшонӣ.
Агар дарёдилӣ омӯхтам, омӯхтам аз ту,
Ки дар ман Вахшиву Сайҳуну ҳам Панҷу Зарафшонӣ.
Надорам аз падар мерос ҷуз номаш, ки ман дорам,
Бисоти бебаҳоям мондаӣ аз оли сомонӣ.
Зибас худ хоки шоирхез будӣ аз қадимайём,
Зи хокат хестам ман низ чун як шоири сонӣ.

https://bikhon.tj/

Ба ҳар ҷое, ки будам, ҳамраҳам бурдам туро бо худ,
Туро болонишин кардам, агар рафтам ба меҳмонӣ.
Агар ман дер мемонам, ҳаётам аз ту медонам,
«Агар ман зуд мемирам, чӣ ғам, зеро ту мемонӣ».

* * *

Беҳтарин ганҷи равонам, эй забони модарӣ,
Ман туро пайдо намудам аз ҷаҳони модарӣ.
Ҳар куҷо тоҷикро гар бехато бишнохтам,
Шуд шиносономае моро баёни модарӣ.
Ком ширин мешавад аз ҳар каломи ширадор,
Қадри он боло гузорам ҳамчу нони модарӣ.
Мисли гул зебову рангоранг бошад шевааш,
Оварад пеши назар дасторхони модарӣ.
Чун забони ман забони шеъри оламгир буд,
Мекунам ифшо ба он ҳар ормони модарӣ.
Модарам рафту забонаш монд мероси гарон,
Мондаам имрӯз чун меросбони модарӣ.
Ман забони ноб аз дуздон ҳимоят мекунам,
Нашнавам то ки дигар оҳу фиғони модарӣ.
Дигаре гар ганҷу кохе баъди худ монад нишон,
Ман забонам мегузорам чун нишони модарӣ.
Ҳам намемонам забони ман шавад хору залил,
Чунки бар ҷонам даромад он ба ҷони модарӣ.

* * *

Дида во кардем дар олам қатори дигарон,
Пухта хомиҳо, шудем одам шумори дигарон.
Рӯзи сахти дӯст бар мо рӯзи хурсандӣ нашуд,
Бахти мо хандид аз он бахте, ки ёри дигарон.
Мо агар имрӯз соҳибному соҳибдавлатем,
Эътибори мо баланд аз эътибори дигарон.
Зиндагӣ дар зиндагонӣ баҳри худ кардан хатост,
Умру кори мо давоми умру кори дигарон.

https://bikhon.tj/

Шеъри аҷдоди ману ту сайри олам мекунад,
Шеъри мо гардад, яқин, фардо шиори дигарон.
Нобарорие агар дар кор шуд, маҳзун шудем,
Шод гардидем аммо аз барори дигарон.
Ҷаҳд бинмоем, то монад зи мо ному нишон,
Ифтихори мо бигардад ифтихори дигарон.
Гар равад аз мо хатое, дӯстон, ёрӣ кунед,
То нагардад саҳви мо як рӯз бори дигарон.

* * *

Бе чангу беғубор аст, эй дӯст, мафраши дил,
Бар хонаи дили ман боз ой бе ғаши дил.
Дар рӯ варам надорам чун нони нимпухта,
Ҳар хомии худамро пухтам дар оташи дил.
Боре бидидам озор аз дасти як дилозор,
Дар шеър мондам аммо ҳамчун ҷафокаши дил.
Ҷабру ситам бидидам аз дилбари ситамгар,
Аммо ситам накардам бар ёри маҳваши дил.
Дар мастиям бикардам ҷое агар кашокаш,
Дар ҳушёрии худ дидам кашокаши дил.
Ҳар мушкиле, ки ояд, худ чорае биҷӯям,
Мирам агар, бимирам аз дарди нохуши дил.

* * *

То ки мо арзандаи меҳри дили ҷонон шудем,
Чанд саргардон ба зери гунбади гардон шудем.
Гарчи чун куҳзодагон будем ҳар як бурдбор,
Мисли мавҷи бекарори баҳри пуртуғён шудем.
То ба васли ӯ расидан роҳ шуд дуру дароз,
Роҳҷӯю роҳпӯю роҳбин, раҳбон шудем.
То гули бӯса бичидем аз гулистони нигор,
Булбулосо ҳам ғазалхони нигористон шудем.
Ҳамчу занбӯри асал норафта аз гул бар гуле,
Бар гули яктои худ боаҳду бопаймон шудем.

https://bikhon.tj/

Пас махон, эй булҳавас, чун хеш моро гулҳавас,
Шеърҳо гуфтему худ бар ошиқон дастон шудем.

* * *

Дар ин замин, ки хонаи абнои олам аст,
Бедорчашм сад лаку бедордил кам аст.
Ҳар кас ба хок реша чу нахле бимондааст,
Ман чун кунам, ки нахли ман аз решаи ғам аст.
Дар ин ҷаҳон бидидаам олудадоманон,
Ҳар айби рӯзгор ҳам аз ҷурми одам аст.
Хушбину хушназар шуда бадбину бадназар,
Шодии мо ба дигаре андӯҳу мотам аст.
Мо содагӣ бикарда бигаштем содалавҳ,
Аз содалавҳӣ ин сари болои мо хам аст?
«Одам ғанимат аст», бигуфтанд оқилон,
Одам чаро, ки душмани бераҳми одам аст.
Имрӯз пир камшумару тир бешумор,
Дар пеши тир пир низор асту мулзам аст.
Гар ин замин чу модари мушфиқ бувад ба мо,
Ҳифзи замину зодаи он пас мусаллам аст.

* * *

Эй, ки машҳур шудӣ бо ҳунари беҳунарӣ,
То ба кай резахури хони манию дигарӣ?
Чашмсерему ба ҳар буда қаноат дорем,
Ту ба ду чашми гурусна сӯи мо менигарӣ.
Нашмарӣ рӯзу маҳу соли ҳаётат боре,
Лек ҳар бор ту моҳонаи мо мешумарӣ.
Ҳамчунон ток бипечидаӣ аз шох ба шох,
Бори мо карда гарон, шохи дигар мегузарӣ.
Сарпарастон зи ту имрӯз панаҳ меҷӯянд,
Боз чун соя ту ҷӯёи паноҳи дигарӣ.
Дар замоне ки зи бекор ҳама безор аст,
Хуш наояд бари пуркор чунин ҷилвагарӣ.

https://bikhon.tj/

Дар ҷаҳон марди ҳунарманд бақадр аст, бақадр,
Пас чаро қадр кунам ман ҳунари беҳунарӣ?!

* * *

Азбас надорам як маҳрами дил,
Дил дар ғами ман, ман дар ғами дил.
Ду меҳрубоне, ду ғамгусоре
Дар олами ман, дар олами дил.
Ҳар чиз дорем, бинем бо ҳам,
Бешу ками ман – бешу ками дил.
Қимат шуморем мо ҳар нафасро,
Ҳар як дами ман бошад дами дил.
Ҳарду натарсем аз мушкилоте
Печу хами ман – печу хами дил.
Ҳар гаҳ ки ҳарду ношод ҳастем,
Чашми нами ман – чашми нами дил.
Гар шод ҳастем бо ҳам бинӯшем,
Ҷоми ҷами ман – ҷоми ҷами дил.
Ҳар гарди худро шӯем, шӯем
Бо шабнами чашм, бо шабнами дил.
Хоҳед бошед, бошед бо мо,
Ҳам ҳамдами ман, ҳам ҳамдами дил.

* * *

Ҷуз ту дар ҳар ду ҷаҳонам дилбаре даркор нест,
Ман саре дорам, ки дигар ҳамсаре даркор нест.
Гавҳар аз дарё намеҷӯям чу гавҳарҷӯйҳо,
Пурбаҳо аз гавҳарию гавҳаре даркор нест.
Ахтари иқболи ман аз осмон пайдо нашуд,
Ахтари бахтам ту ҳастӣ, ахтаре даркор нест.
Дар замоне, ки дузандорӣ ба мардон мӯд шуд,
Чун ту яктои ман астӣ, дигаре даркор нест.
Хонаам бо омади ту пур шуду маъмур шуд,
Баски ҳастӣ сарватам, симу заре даркор нест.

https://bikhon.tj/

Мурғи танҳо будаму ҷуфти муносиб ёфтам,
Эй, ки ҳамболам туӣ, болу паре даркор нест.
Он қадар ширин бишуд лабҳоям аз шаҳди лабат,
Ҳам зи бозори «Саховат» шаккаре даркор нест.
Суратат дар дафтари дил баски зебо омада,
Баҳри тасвири ҷамолат дафтаре даркор нест.
Ман чӣ мегӯям, ки Соиб дурри маънӣ суфтааст,
«Чеҳраи хуршедро равшангаре даркор нест».

* * *

Эй хушо, мислаш ҳариси дигаре пайдо нашуд,
Сер шуд дунё аз ӯ, худ сер аз дунё нашуд.
Фикри дороиву сарват карда шабҳо то саҳар,
Чашми ахтар кӯр шуд, чашми дилаш бино нашуд.
Кӯҳсорон ҳам дари ганҷинаҳо карданд боз,
Лек сӯи мо дару дарвозаи ӯ во нашуд.
Ришвахорӣ карду ришаш ҳам нашуд торе сафед,
Зумрае нодортар шуд, то ки худ доро нашуд.
Гушнагӣ буду ба обу нон қаноат доштем,
Обу нони мо бихӯрду қадрдони мо нашуд.
Хешро, Маъмур, умре дуртар гир аз ҳарис,
Хушк шуд оби Арал, ӯ қатра бар дарё нашуд.

* * *

Эй он, ки дил ба сарвату давлат бидодаӣ,
Ғофил машав, ба навбати рафтан ситодаӣ.
Гар қасрҳои мармарие кардаӣ бино,
Дидӣ, ки сар ба хонаи хокӣ ниҳодаӣ.
Боди хазон зи кӯҳи аҷал мешавад вазон,
Парво намекуниву ту бо ҷому бодаӣ.
Аз халқ меситониву хурсанд мешавӣ,
Аммо напурсӣ аз худат, ӯро чӣ додаӣ?
Ҳарчанд хеш з-аҳли зиё бишмарӣ, вале
Худ дар миёни аҳли зиё ҳон, зиёдаӣ.

https://bikhon.tj/

Бар мардуми фитода чу дастат намедиҳӣ
Худ дар нигоҳи мардуми дигар фитодаӣ.
Ҳоло, ки зинсаворию аз мо канорагир,
Охир ба аспи чӯбиию бо пиёдаӣ.

* * *

Гар ёри ман намешавӣ, ағёри ман машав,
Худ неккор будаму бадкори ман машав.
Як нахли сабзу пурбари боғам ба шохи хам,
Чун навдаҳои ток ту сарбори ман машав.
Раҳчӯю раҳнавардаму раҳтӯшаам ба дӯш,
Раҳбину раҳкушо шаву раҳдори ман машав.
Он қадр пешпо, ки ба сад санг хӯрдаам,
Сангат бигир аз дилу девори ман машав.
Бас заҳрҳо чашидаам аз косаҳои давр,
Позаҳр хостораму ту мори ман машав.
Аз рӯзгор баски худ озор дидаам,
Зинҳор, боз аз паи озори ман машав.
Чун саггазидаам, машав одамгазидаам,
Захми наве ба синаи афгори ман машав.
Бар осиёб бори дил осон намебарам,
Гарди малоли дидаи бедори ман машав!

* * *

Ҳамвор дигар роҳу нишеб аст раҳи дил,
Маҳтоб пуранвору пур аз доғ маҳи дил.
Доро бихурад об агар аз чашмаи Замзам,
Хуноба ба нодор барояд зи чаҳи дил.
Бар кишти худ аз чашмаи чашм об бидодем,
Аз кишту дарав лек ба мо монд каҳи дил.
Ҳарчанд, ки бисёр бувад воизу носеҳ,
Ку уқдакушо, то бикшояд гираҳи дил?
Имрӯз ба ҳар шаҳр раис аст чу шоҳе,
Дорем вале боз ниёзе ба шаҳи дил.

https://bikhon.tj/

Худ богунаҳе ҳеҷ гунаҳкор нахонад,
Ҷурму гунаҳи хеш бихонад гунаҳи дил.
Гар бахт нахандид ба рӯ, ҷумла бимирем,
Хандида ба ин зиндагии бад зи таҳи дил.

* * *

Эй Худо, он чи ман аз ту ба ҷаҳон металабам,
Одамиасту ба ноодамакон металабам.
Ганҷи боқадр буд одобу варо гум карданд,
Ганҷи ороста бар хурду калон металабам.
Ҳар куҷо бечилавиясту шикасти қонун,
Ман низоме зи ҷилавдори замон металабам.
Чун камон қомати мо пеши камондорон аст,
Ҳар куҷо разм алорағми камон металабам.
Гар дар ин даҳр маро бахти сияҳ гашт насиб,
Бахти испед ба ҳар пиру ҷавон металабам.
Эй Худо, гӯш бидеҳ, бандаи худро боре,
Ба амонхостаат амну амон металабам.

* * *

Дида ман андаку беше ситами дигарҳо,
Хосторе нашудам рӯзи ками дигарҳо.
Аламам буд агар аз таъназану беаламон,
Алами доштаам буд алами дигарҳо.
Ғуссаам бори гарон гашту зи по н-афтодам,
Ғами ман кард сабук бори ғами дигарҳо.
Гиря дар чашми дилу пеши касон хандидам,
То набинам ба барам чашми нами дигарҳо.
Некие кардам агар, ҳеҷ накардам зоҳир,
Қадр кардам ҳама лутфу карами дигарҳо.
Қадамам гарки хато буд, ҷазои ман буд,
Нашудам санги раҳе дар қадами дигарҳо.
Бар ҳама саҳв ҳисобу рақаме худ дорам,
Зам накардам ба ҳисобу рақами дигарҳо.

https://bikhon.tj/

Ҳарчи фармуд дилам, ман ба қалам овардам,
Фарқ кун нақши варо аз қалами дигарҳо.
Ҳамдамӣ, ҳамдилию ҳанафасӣ карда шиор,
Хешро дур кашидам зи дами дигарҳо.

* * *

Дилхоҳи ман нагашта чӣ ағёр мешавӣ?
Хоҳони ғамбарораму ғамбор мешавӣ.
Ман субҳҳоҳ ҳастаму оӣ ба сони шом,
Шабҳо дарозу боз ту шабдор мешавӣ.
Чун мӯри донакаш бикашам бори умру шеър,
Ёвар намешавӣ туву сарбор мешавӣ.
Шеъри башира гуфтанам аст орзуи дил,
Аз чӣ магас ба шираи ашъор мешавӣ?
Пайванди рӯбораму чун чашма ҷориям,
Парчобае ту дар раҳи ҷӯбор мешавӣ.
Ҳар мисраам зи кӯҳи дилам меканам ба ранҷ,
Ганҷаш надида аз пайи озор мешавӣ.
Заҳҳок нестам, ки ниёз оварам ба мор,
Маъмуриям хуш асту абас мор мешавӣ.

* * *

Ҳарчанд ба даргоҳат по монда наметонам,
Ишқат зи дилам берун ман ронда наметонам.
Меҳри ту чу хуршеда гардад ба самои дил,
Чун шед ба пушти кӯҳ гардонда наметонам.
Дар оташи ҳичронат месӯзаму месӯзам,
Ёди ту дар ин оташ сӯзонда наметонам.
Ҳар бор ба дӯшам буд, бардоштаме осон,
Ҷуз бори ғамат, к-аз ҷо ҷунбонда наметонам.
То паҳлавию мехӣ омӯхтаму хондам,
Аммо хати бутлонат ман хонда наметонам.
Ҳарчанд, ки ишқамро кардӣ ба таҳи поят,
Ишқи ту бувад сӯзон, по монда наметонам.

https://bikhon.tj/

* * *

Эй биё, ғуссазудои дили ман,
Бори ҳачр аст ғизои дили ман.
Куҳ садоҳои маро акс намуд,
Нашнавӣ лек садои дили ман.
Занг зад қуфли дили пазмонам,
Худ бишав қуфлкушои дили ман.
Ҳама хонанд вафодор маро,
Шак маёвар ба вафои дили ман.
Бехудоӣ чу бало буду гузашт,
Пас, биё пеши худои дили ман.
Бутпарастӣ амали ҷаддон буд,
Худпарастии ту вои дили ман.

* * *

Мову туем сокин дар шаҳри зиндагонӣ,
Нӯшем ҳар ду обе аз наҳри зиндагонӣ.
Дар даҳр зиндагонӣ к-имрӯз навбати мост,
Бояст баҳра гирем аз даҳри зиндагонӣ.
Пас аз чӣ нӯш кардан заҳри маҳалгароӣ,
Ҷое, ки ҳаст ваҳдат позаҳри зиндагонӣ.
Бояд салоҳи коре ҷӯе шавад силаҳшӯр,
То ки аз ӯ наояд ҳам қаҳри зиндагонӣ.
Дар баҳри зиндагонӣ ҳар як шиновар астем,
Эй мавҷ, ғарқ манмо дар баҳри зиндагонӣ.
Авлоди ориёнем, боору бонишонем,
Мо нагзарем беном аз баҳри зиндагонӣ.

* * *

Дилсиёҳе, ки кинадори ман аст,
Ҳамдиёр асту аз табори ман аст.
Дигарон бо ман ифтихор кунанд,
Ӯ сияҳсози ному кори ман аст.

https://bikhon.tj/

Шеърҳоям тарона шуд имрӯз,
Нуктагире ба ҳар шиори ман аст.
Номи деҳ шуд ба номи ман машҳур,
Бенишон пурғам аз барори ман аст.
Хайрхоҳи ман аст бегона,
Хеш бадхоҳи рӯзгори ман аст.
Ҳар кӣ умри дароз металабад,
Дар мазоре вай интизори ман аст.
Лек бар қасди ӯ намемирам,
Шеъри ман умру ёдгори ман аст.
Ҳамдиёрам агар бадам бинад,
Дар ҳама гӯша дӯстдори ман аст.

* * *

Аз сарвати ҷаҳон ба ҳар одам расидааст,
Як ҳисса аз расида ба ман ҳам расидааст.
Ҳар кас гар ифтихор кунад аз расидааш,
Ҳар чӣ расидааст ба ман, ғам расидааст.
Ғамро надидаам, ки фурӯшанд одамон,
Ё қиммат асту бар дигарон кам расидааст?!
Ман ҳам ғами зиёд ба савдо намебарам,
К-ин сарвати гарон зи Худоям расидааст.

* * *

Лаҳзае бар рӯйи олам омадам,
Бо фиғону дидаи нам омадам.
Ашкҳоям ашки навзодӣ набуд,
Дидагирён ҳамраҳи ғам омадам.
Лек аз дунё нашустам дасту дил,
Бо дилу бо дасти гармам омадам.
Гарчи танҳо омадам аз модарам,
Дӯстдори ҳар як одам омадам.
Чашмсерии ман аз ғам хӯрдан аст,
Ман ба чархи сифла Ҳотам омадам.

https://bikhon.tj/

Бори ғам хам кард гоҳе қоматам,
Пеши хасмам бе сари хам омадам.
Зиндагӣ будаст майдони набард,
Ман ба ин майдон чу Рустам омадам.
Ғам агар бар куштани ман омадаст,
Ман барои куштани ғам омадам.

* * *

Эй роҳрав, ки бо равиши об меравӣ,
Тоб аз замона хӯрда, ки бетоб меравӣ?
Бас раҳкушой пайраҳаву раҳ кушодааст,
Гум кардай раҳат, ки ба гирдоб меравӣ?
Чун чашмасор раҳ ба суйи рӯдбор не,
Ҳайфо, ки рӯ ба ҷониби толоб меравӣ.
Дар ҷустуҷӯи роҳи худ аз хоб мондаем,
Чун санги соҳиле ту гарон хоб меравӣ.
Киштинишастагон бикушоданд раҳ ба моҳ,
Бо ин равиш, гумон, ки ба маҳтоб меравӣ?!
Бархез, агарки худ накушоӣ раҳи дигар,
Бо мо биё, ки бо раҳи нобоб меравӣ.

* * *

Ҳар босилоҳ толиби амру амон шавем,
Оташфишон нагашта худ оташнишон шавем.
То чанд тухми кина ба дил парвариш кунем,
То дони меҳр кишта ба ҳам меҳрубон шавем.
Ҷондор то ба кай ба ғами ҷони сарвар аст,
Ҳар ҷонсупор баҳри Ватан посбон шавем.
Ҳаргиз силоҳи мо набувад фахру шони мо,
Бояд, ки бе сало ҳама фахри замон шавем.
Оташзабон зиёд бидидему воизон,
Дар олами сухан чи хуш оташбаён шавем.
Суғдон накардаанд ба оташ хиёнате,
Меросдори оташи оташдилон шавем.

https://bikhon.tj/

* * *

Эй дили бесабри ман, ором бош,
Беҳарос аз гардиши айём бош.
Бигзарад ин рӯзи сахтӣ, бигзарад,
Пухта бошу дар ҳазар аз хом бош.
Пеша кун мушкилписандиро ба худ,
Субҳ шав, равшангари ҳар шом бош.
Гар дари бахтат ба рӯят во нашуд,
Даркушои қалъаи эҳком бош.
Гар вафою меҳр камтар дидай,
Худ ба меҳри беш боикром бош.
Роҳзанҳо ҳалқа гирандат агар,
Бохабар аз ҳалқаю аз дом бош.
Меравад даври ҷавонӣ, меравад,
Оқилу фарзонаву хушном бош.
Баъд аз ин ҳушёр бояд зистан,
Дуртар аз бодаю аз ҷом бош.
Зиндагӣ аз марг мушкил будааст,
Эй дили ман, зинда дар айём бош.

* * *

Ман ба оби ҷӯ назар дорам,
Чун ҳаёти даргузар дорам.
Шилдироси оби ҷӯ зангест,
Созад аз маргам хабардорам.
Лек ҳамчун оби ҷӯ бар пеш,
Ҳолиё ман ҳам сафар дорам.
Оби ҷӯ дорад хатар аз сел,
Ман на хавфу на хатар дорам.
Лойолуд оби ҷӯ бошад,
Ман дили ҳамчун саҳар дорам.
Оби ҷӯ бар рӯд пайвандад,
Рӯдпайванди дигар дорам.

https://bikhon.tj/

Худ, ки наҳри Истаравшонам,
То Зарафшон ман гузар дорам.
Бо Зарафшон ман намехушкам,
Чун Зарафшон Гулназар дорам.

* * *

Ошноӣ бо дили мо гар ту натвонӣ, макун,
Хӯрда савганди вафо, беаҳдупаймонӣ макун.
Дасти ман кӯтаҳ агар бошад, наям худ дастхуш,
Дастгириям насозӣ, пойафтонӣ макун.
Ҷонам аз санг аст, аммо қалби ман аз санг нест,
Санги роҳамро нагирӣ, сангғурронӣ макун.
Мо ба хуни дил суханро баски рангин кардаем,
Чун Муиззӣ пеши султон анварихонӣ[1] макун.
Муғ ба Тал пайванд буд аз ибтидо, эй косагул,
Гар ҷудоӣ хоҳӣ аз мо, косагардонӣ макун.
Мо дили оинае дорему якрӯ мондаем,
Пас дурӯие ба пеши Истаравшонӣ макун.

* * *

Ман ба ёрони баҳиммат ҳиммате дорам мудом,
Хоҳаме дар зиндагонӣ дил наозорам мудом.
Ман намепечам ба сони ток бар шохи дарахт,
Бори худро рӯи дӯши хеш бигзорам мудом.
То бимонад сарҳади дил эмин аз хавфу хатар,
Ҳамчу сарҳадбони навбатдор бедорам мудом.
Аз сафар мардум матои ранг-ранг оранд агар,
Шеъри рангинро ба ёрон армуғон орам мудом.
То намонад дасти ман аз гӯр берун баъди марг,
Баҳраҳо аз зиндагии хеш бардорам мудом.

[1] Аз рӯи ҳикояти Хондамир, шоири дарбор Муиззӣ шеърҳои шоирони дигар, аз ҷумла Анвариро азбар карда, чун моли худ ба султон Санҷар мехондааст ва дар баҳояш туҳфаҳо мегирифтааст.

https://bikhon.tj/

* * *

«Ғунча аз шарми рухат сар дар гиребон боду ҳаст,
Мавҷи гул аз ҷилваат дар худ ҳаросон боду ҳаст».[1]
Гул агар як бор айёми баҳорон бишкуфад,
Чор фасли сол баҳри ту баҳорон боду ҳаст.
Ғунча хандон мешавад танҳо ба саҳни бӯстон,
Олам аз гулхандаи ту шаккаристон боду ҳаст.
Хандаи гул нест ҳамчун хандаи ширини ту,
Хандаҳоят хандаи бахти шукуфон боду ҳаст.
Гул агар гардад хазон, бебӯй мегардад яқин,
Гулбадан, бӯи ту доим анбарафшон боду ҳаст.
Ёри арғуштӣ, гаҳе дар саҳна ҷавлон мекунӣ,
Ҷилваҳоят рашки гулҳои гулистон боду ҳаст.
Рӯи зулфони чалипоят агар бинам гуле,
Пеши ҳусни бемисолат гул пурармон боду ҳаст.
Масти бӯи гул саҳар булбул агар хонад ғазал,
Масти рӯят ҷовидон шоир ғазалхон боду ҳаст.

* * *

Ларзад агар ҷое замин, ҷон дар танам ларзон шавад,
Аз хавфи ҷони одамин ҷон дар танам ларзон шавад.
Зангӯлае бидҳад садо, ёде кунам аз мурдаҳо,
Сӯзад маро доғи Хатин, ҷон дар танам ларзон шавад.
Гар аскаре дар сангаре ҷангад алайҳи душманон,
Монад ба тири охирин, ҷон дар танам ларзон шавад.
Гар пур бигардад пуштаҳо аз кишта не, аз куштаҳо,
Дар пуштаҳои лолагин ҷон дар танам ларзон шавад.
Тифле бизояд модаре, аммо худ аз олам равад,
Аз рафтанаш гардам ғамин, ҷон дар танам ларзон шавад.
Ошиқ агар содиқ шавад бар ишқи маъшуқаш, хуш аст,
Гар бевафо гардад, аз ин ҷон дар танам ларзон шавад.
То зиндаам дар ин замин, дорам хаёли ону ин,
То лаҳзаҳои вопасин ҷон дар танам ларзон шавад.

[1] Аз шоири афғон Абдулаҳмади Адо.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҳар хатои зиндагӣ будаст аз тақсири мо,
Чараи мо ҳам хато будаст чун тадбири мо.
Шираҳои шири модар ком ширин карда буд,
Шири хушконда надорад шираҳои шири мо.
Тифли мо гар як замон домони модар мегирифт,
Ҳолиё чун кинавар гардида домангири мо.
Он, ки дӯш аз ҷанги гирмон дошт дар тан захми тир,
Оқибат дар хонаи худ шуд шаҳид аз тири мо.
Гар ба ҳам будем мисли ҳалқаи пайвастае,
Аз маҳалбозӣ бишуд бигсаста ин занҷири мо.
Бехабар аз рӯзи фардо умр бар сар мебарем,
Шубҳае дорам, ки донад фолбин таъбири мо.
Ҳар мурид аз баҳри худ гар пири ботадбир дошт,
Дур шуд аз носипосиҳо зи мо ҳам пири мо.
Пас биё, Маъмур, худ тақдирҷунбонӣ кунем,
Кас наҷунбонду наҷунбонад дигар тақдири мо.

* * *

Душманам вақте намакчаш аз лаби хонам кунад,
Ӯ намакро хӯрда қасде бар намакдонам кунад.
Санги таҳқире бароям дар бағал дорад ниҳон,
Метавонад чун Ҳилолӣ сангборонам кунад.
Ҳолиё бинад маро ҷое чу гул бишкуфтарӯ,
Мекунад ҷаҳде, ки хористон гулистонам кунад.
Аз ҳавои кишварам озод мегирам нафас,
Хоҳадам чун Саъди Салмон банди зиндонам кунад.
Худ, ки як ҷони ҷавон дорам, намоям эҳтиёт,
Душмани бераҳми ман кай раҳм бар ҷонам кунад?!
Лек ман Маъмурзодам, душманам бечора аст,
«Мешавам маъмуртар, чандон, ки вайронам кунад».[1]

[1] Аз Соиб.

https://bikhon.tj/

* * *

Шабони тира, ки рӯи ту моҳтоби ман аст,
Ба рӯзи меғ зиёяш худ офтоби ман аст.
Гар аз китоб кунанд интихоб байти сара,
Ду абруи хуши ту байти интихоби ман аст.
Чӣ ҳоҷат аст варақро сияҳ кунам ба қалам,
Ки чашмҳои сиёҳи ту шеъри ноби ман аст.
Чӣ эҳтиёҷ, ки ҳар сатри худ китоб кунам,
Ки холи рӯи ту худ нуқтаи китоби ман аст.
Барои мисраи печидае ба худ печам,
Ду гесуи ту гувоҳе зи печутоби ман аст.
Ба ҷуз сухан чӣ бигирам зи киштзори умед,
Ки чанд сатри накӯ ҳосили азоби ман аст.
Ту худ чу шеъри тарӣ, ки наметавонам гуфт,
Зи шӯри ишқи ту дар сина изтироби ман аст.
Дар ин замона, ки мардум ҳисоб гум карданд,
Ба олами дили ту роҳи сарҳисоби ман аст.
Барои рӯзии худ дигарон кунанд шитоб,
Барои рӯзи висолат ҳама шитоби ман аст.
Хитоби зиндагӣ ояд, ки умр кӯтоҳ аст,
Биё, азизи дилам, бар ту ин хитоби ман аст!

* * *

Ҷуфте, ки ба сарманзили худ хонахудоянд,
Ин хонахудоён ба амал хонаҷудоянд.
Ҳарчанд, ки аз як дару дарвоза бароянд,
Як ҷуфт зи дар мисли ду бегона дароянд.
Ҷуз ишқ аз ин хона ҳама чиз биёбӣ,
Бо сарвати худ ҳар ду ҳақиранду гадоянд.
Аз меҳру вафо гарчи сабақ дод муаллим,
Ин ҷуфти ҷудо бехабар аз меҳру вафоянд.
Доранд калидеву кушоянд ҳама дар,
Аммо дари дилро ба муҳаббат накушоянд.

https://bikhon.tj/

Ҳар гарду ғубор аз рухи ойина бишӯянд,
З-ойинаи дил гарду ғуборе назудоянд.
Бар саҳву хато ҳаст атоеву ҷазое,
Ин ҷуфт сазовори ато, ё ки ҷазоянд?!

* * *

Одамиро ба ҷаҳон қисмату тақдире ҳаст,
Баҳри ҷунбондани тақдир варо пире ҳаст.
Ҳар кӣ бо саҳв хатое бинамояд содир,
Чорасоз асту илоҷи ҳама тақсире ҳаст.
Дар «Палангон»[1] набувад гарчи паланге имрӯз,
Мардхез аст замини Ватанам, шере ҳаст.
Гар зи бозори ҷаҳон лаъли Бадахшон ҷӯянд,
Боз қимматтар аз он мардуми Помире ҳаст.
Эй, ки бар қасди дигар тиру камон медорӣ,
Дон, ки дар дасти дигар рағми ту ҳам тире ҳаст.
Меҳмон, боз биё, хона нарӯбам зи пасат,
«Нон агар нест маро, чашму дили сере ҳаст»[2].
Ҳам ту, Маъмур, магӯ пир надорӣ бар худ,
Зиндагӣ баҳри ту чун пири батадбире ҳаст.

* * *

Эй шеъри нагуфтаам, бурун шав,
Чун рози нуҳуфтаам бурун шав!
Шаб рафту дамид субҳи содиқ,
Баҳри ту нахуфтаам, бурун шав!
Мурғон ҳама сӯ парида рафтанд,
Эй мурғи[3] нарафтаам, бурун шав!
Хуршед бурун шуд аз таги абр,
Эй шӯълаи тафтаам, бурун шав!

[1] Номи беша.
[2] Моли Соиб.
[3] Мурғи илҳом

https://bikhon.tj/

Куҳҳо дари ганҷи худ кушоданд,
Эй ганҷи нуҳуфтаам, бурун шав!
Дарёи дилам хурӯш дорад,
Эй гавҳари суфтаам, бурун шав!
Дар хоб туро шунида будам,
Бо байти шунуфтаам, бурун шав!
Дидам ҳамаро шукуфтарӯе,
Бе ту нашукуфтаам, бурун шав!
Ман аз пасат, эй парии илҳом,
Ҳам хона наруфтаам, бурун шав!
Аз рӯйи ту, эй арӯси зебо,
Ман парда гирифтаам, бурун шав!

* * *

Сахтҷонам, лек ман ҷонсахт чун сандон наям,
Оташе дар синаам дорам, вале вулқон наям.
Дар миёни кӯҳ агарчи зиндагонӣ мекунам,
Сахтрӯям, устувор аммо чу кӯҳсорон наям.
Пешпоӣ мехӯрам гоҳе ба пои дигарон,
Сахтпоям, лек ман ҳушёр чун раҳбон наям.
Душманам аз содагиям гаҳ фиребам медиҳад,
Сахтҷӯшам, лек ҳамчун рӯд боисён наям.
Бо ҳама нопухтагиям нестам ман марди хом,
Гарчи орӣ аз хатою саҳв, аз нуқсон наям.
Сахтчашму сахтпанҷа нестам мисли хасис,
Ман агар бесиму зар бошам, вале бенон наям.
Рӯзии худро биёбам худ ба ҳаққи заҳматам,
«Мӯрам, аммо доначини хирмани дунон наям»[1].
Бо Саидиям нагаштам дар ҷаҳон гарчи саид,
Лек чун афтодарӯҳ аз бахти худ нолон наям.
Ахтари ман саъд буду ахтари бад шуд падид,
Лек худ дар осмони шеъри нав пинҳон наям.

[1] Аз Соиб.

https://bikhon.tj/

Ман бинои умри худро мекунам таъмири нав,
Дар ниёзи зиндагисозони ин даврон наям.
Ман ҳам инсонам, чу инсон умр бар сар мебарам,
Шукри он, ки нашнавидам аз касе: Инсон наям!

* * *

Надорам бим аз фардеву аз фардои худ тарсам,
Биёбам чораи дардеву аз ғамҳои худ тарсам.
Ба савдо мондаанд имрӯз мардум молу ҳоли худ,
Харидоре намеёбам, ман аз савдои худ тарсам.
Бисоти хонаамро рӯзи равшан бурд бедарде,
Набурдам арза бар ҷое, ман аз даъвои худ тарсам.
Ба ҳар ҷое ниҳам по, пешпоӣ мехӯрам он ҷо,
Чу кӯтоҳ аст дастам, аз шикасти пои худ тарсам.
Биҳишт ин ҷост мегӯянд дунёдорҳо бар ман,
Ҳаросам не аз он дунё, аз ин дунёи худ тарсам.
Бигӯяд носеҳам ҳар дам махӯр ғам, шоири маҳзун,
Ғамам гар меравад имрӯз, аз фардои худ тарсам.

* * *

Боз зи кӯҳу пуштаҳо бӯи баҳор мерасад,
Боз ба ёду хотирам рӯи нигор мерасад.
Фасли баҳор оварад пайку паёми тозае,
Хушхабаре ба ман ҳам аз ҷониби ёр мерасад?!
Ман ба қарор омадам, н-омада ӯ ба як қарор,
Дилбари беқарори ман кай ба қарор мерасад?!
Боз баҳор мешавад, мешукуфад гули мурод,
Кай ба муроди хештан ошиқи зор мерасад?!
Ошиқи дигаре агар дорад умед аз баҳор,
Бошад умеди ман зи ёр, ӯ ба нигор мерасад?!
Солу маҳе гузашту ман дар раҳи ёр интизор,
Ёри канорачӯи ман кай ба канор мерасад?!

https://bikhon.tj/

* * *

Ҷони ман, бо ҷон нигаҳ дорам туро аз чашми бад,
Бо чунин рӯи хушу қадди расо аз чашми бад.
Дар ҷаҳон шояд, ки бадбинони ту кам нестанд,
Ман ҳимоят мекунам, эй дилрабо, аз чашми бад.
Як хато кардам, ки танҳоят бимондам соате,
Аз хатои худ бидидам сад ҷазо аз чашми бад.
Чун тилисме дар паси дарвоза пас наъле задам,
То ки бошӣ дар амону бебало аз чашми бад.
Буттаи гулхорро дар хона медорам нигоҳ,
То гулам дорад паноҳат доимо аз чашми бад.
Он қаранфул, ки ба гардан мисли марҷон бастаӣ,
Ҳам нигаҳбонат шавад дар ҳар кучо аз чашми бад.
Ман саробони туям, то зиндаам ҳифзат кунам,
Рӯзу шабҳо дар сурайёву саро аз чашми бад.
Гар набитвонам зи чашми бад туро дорам нигоҳ,
Дар паноҳи худ нигаҳ дорад Худо аз чашми бад.

* * *

Чунонат дӯст медорам, зи ман беҳтар намеёбӣ,
Ба мислам дӯстдореро ба баҳру бар намеёбӣ.
Ба ту ман ишқи покамро чу ганҷи бебаҳо додам,
Ба ишқи ман баробар дурру симу зар намеёбӣ.
Даруни сина аз меҳри ту дорам шӯълаи хуршед,
Ки гармии варо дар моҳу дар ахтар намеёбӣ.
Маро, эй нозанин, охир худо овард пеши ту,
Агар ронӣ, маро аз коҳи бодовар намеёбӣ.
Агар хоҳӣ, ту меёбӣ бароят ҳамсари дигар,
Вале монанди ман бар худ сару сарвар намеёбӣ.
«Чунонат дӯст медорам, ки аз худ шуд фаромӯшам»,[1]
Маро гар гум кунӣ, дар ду ҷаҳон дигар намеёбӣ.

[1] Аз Носири Бухорой.

https://bikhon.tj/

* * *

Ба куҷо шитоб кардӣ, ки маро надида рафтӣ,
Чу насими навбаҳорон зи барам вазида рафтӣ.
Ба забон гирифта номат зи пасат хитоб кардам,
Чу шабе бикарда рӯзам, ту зи пеши дида рафтӣ.
Ба мисоли субҳи содиқ ба ту интизор будам,
Ба мисоли субҳи козиб нафасе дамида рафтӣ.
Гули орзуи худро ба умед баста будам,
Чӣ кунам ман он гулеро, ки ту ношамида рафтӣ.
Ба фурудгоҳи шаҳрам агар омадӣ ба парвоз,
Ба гузаргаҳи дили ман зи чӣ норасида рафтӣ?
Ҳама дам ба хоб бо ту ба само парида будам,
Ту маро бимонда танҳо зи саро парида рафтӣ.
Чӣ кунам ба мурғи ин дил, ки ба сина мезанад пар,
Ту ба боли мурғи дигар тани орамида рафтӣ.

* * *

Бо сад ҳазор неши замон зиндаам ҳанӯз,
«Бо сад ҳазор захми забон зиндаам ҳанӯз».
Сарборие ба дӯши касон ҳам нагаштаам,
Бар дӯши хеш бори гарон, зиндаам ҳанӯз.
Борони ғусса рехт ба сар ҳар дам аз қазо,
Тар гаштам аз ғамеву ҳамон зиндаам ҳанӯз.
Ман бо гузаштагони худ аз реша восилам,
Аз рафтагон чу ному нишон зиндаам ҳанӯз.
Сомони аҳли ол агар аз даст рафтааст,
Ҳон, ол зиндаасту ба он зиндаам ҳанӯз.
Дар гирудори зиндагӣ аз по намондаам,
Ман бар алайҳи мурдадилон зиндаам ҳанӯз!

* * *

Як шаби ман боз бе дилбар гузашт,
Як шабам чун сад шаби дигар гузашт.
Шуд гурезон хоб аз ду дидаам,
Пеши чашмам хоб бо лашкар гузашт.

https://bikhon.tj/

Моҳро дидам ба тоқи осмон,
Имшаб он ба чеҳраи заъфар гузашт.
Маҳ магар бемор буд чун моҳи ман,
Зардрӯю хираю бефар гузашт.
Доштам тарсе, напӯшад рӯи моҳ,
Эй хушо, як пора абр аз бар гузашт.
Зӯҳраро дидам ба тоқи осмон,
Бе навои чангу бе соғар гузашт.
Буд Зӯҳра ҳамдаму ҳамдарди ман?
Имшабаш ё бо ғами хоҳар гузашт?
Абр ҳам имшаб парешон менамуд,
Аз бари маҳ бо ду чашми тар гузашт.
Як шаби ман боз бе дилбар гузашт,
Бо нигоҳи моҳу як ахтар гузашт.

* * *

Чанд рӯз аст, ки борон паиҳам меборад,
Ҳамчу ашкест, ки аз чашми дилам мешорад.
Бедарак гаштию аз ту дараке меҷӯям,
Чашми ман дар раҳи қосид, ки хате меорад.
Мурғи илҳоми маро нест хаёли парвоз,
Бори ҳаҷрат раҳи парвози варо медорад.
Дар замини дили ту тухми вафо парвардам,
Бохабар бош, аҷал донаи худ мекорад.
Дар самои дили ман бошӣ агар чун хуршед,
Пас баро, нуру зиёи ту ба ҷон мефорад.

* * *

Чун туро, эй нигор, мебинам,
Аз ҷамолат баҳор мебинам.
Ҳамчу гулҳои куртаи чаканат
Чамани лолазор мебинам.
Мисли рӯи базебу пурнурат
Шедро нурбор мебинам.

https://bikhon.tj/

Аз сабо мавҷ мезанад мӯят
Резиши обшор мебинам.
Осмон софу чашми ту рӯшан,
Дар дил аз он шарор мебинам.
Ишқи ту ҷӯш мезанад аз нав,
Чашмаро беқарор мебинам.
Меравӣ аз барам ту бепарво,
Кӯҳро устувор мебинам.
Боз аз ман канора бигрифтӣ,
Кай туро дар канор мебинам?

* * *

Накҳатат, эй нигори ман, аз чаманам намеравад,
Нузҳатат, эй баҳори ман, аз суманам намеравад.
Бӯй зи гул гирифтӣ ё гул бигирифт бӯ зи ту,
Гулбаданам, бӯи хушат аз баданам намеравад.
Рӯи ту ҳам чӣ рӯй буд, рӯйи ту рашки гул бишуд,
Васфи рухи шукуфтаат аз суханам намеравад.
Бӯсаи ту чӣ бӯса буд, бӯсаи дилбарона буд,
Шираи бӯсаҳои ту аз даҳанам намеравад.
Он шаби васл дар дилам нақши абад ниҳодааст,
Ишқи ту ҷои ҷон бишуд ҷо ба танам, намеравад.
Гаҳ бикунанд одамон хоки дигар ба худ макон,
Ошиқи ту дар ду ҷаҳон аз Ватанам намеравад.

* * *

То чанд ҳаме магас шуморед?
Эй ҳамнафасон, нафас шуморед!
Рӯзе ки зи худ нишон намонед,
Он рӯз зи умр абас шуморед.
Кам хор кунед хештанро,
Кам қимати хору хас шуморед.
Мурғи дилатон нахонад имрӯз,
Он ҷурм на аз қафас шуморед.

https://bikhon.tj/

Бе ҳамдил агар хушед, худро
Аз ҷумлаи булҳавас шуморед.
Гар соати мизатон занад занг,
Онро ба масал ҷарас шуморед.
Худ сарвати пурбаҳо бувад умр,
Чӣ сарвату моли кас шуморед?
Ҳар лаҳзаву ҳар нафас ғанимат,
Дилшодии ҳар нафас шуморед!

* * *

Аз тӯдаи хунсард манам хаставу дилгир,
Ҳайфо, ба ҷавонӣ шуда ин тӯда басе пир.
Аз шӯру шарар нест асар дар дили онон,
Саркӯбу хамӯшанд равон аз раҳи тақдир.
На азму талошеву на ҷӯшеву хурӯше,
Дар зиндагии худ шуда бе чораву тадбир.
Аз ҳар навӣ ин қолабиён сахт ҳаросанд,
Тарсанд, ки афтанд яке бар чаҳи тақсир.
Эй дил, ту бишав тӯдакаши роҳи нави хеш,
То зумраи гумраҳ бишавад пайраву пайгир.

* * *

Ба замони норизоӣ зи туям, нигор, розӣ,
Ҳама ҷо қарорбозӣ, мани беқарор розӣ.
Ба ту баста қисмати худ, нашудам аз ин пушаймон,
Ба замони бебарорӣ, манам аз барор розӣ.
Худ агарчи айни сармо ба ҷаҳон кушодаам чашм,
Чу баҳори ман, туро дод, шудам аз баҳор розӣ.
Ба канор то набудӣ, ба канор монда будам,
Ба канор чун гирифтам, зи ту шуд канор розӣ.
Ба хумори чеҳраи ту нашикаст май хуморам,
Чу хумор бо ту бишкаст, зи ту шуд хумор розӣ.
Ба ҷаҳони бевафоӣ зи ту чун вафо бидидам,
Чу ту бовафо бимирам, зи вафои ёр розӣ.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҷонбахшу дилорост чу дунёи Душанбе,
Ҷон бандаву дил бастаи савдои Душанбе.
Ҳар субҳи Душанбе, ки ба мо субҳи мурод аст,
Мо ошиқи шайдои саҳарҳои Душанбе.
Тоҷик ба дарёдилии хеш бинозад,
Дарёи дили ӯ шуда дарёи Душанбе.
Бар тангдилон шаҳр агар танг намояд,
Бин аз дили мо вусъату паҳнои Душанбе.
Аз ҳар тарафаш силсилакӯҳ аст намоён,
Кас сер нагардад зи тамошои Душанбе.
Чун одами бедарду ғаме нест ба олам,
Ман ҳам шудаам дар ғами фардои Душанбе.
Имрӯз ҳама Мавлавии Рум бихонанд,
Як мавлавие нест чу Мавлои Душанбе.
Баргир сари хеш аз ин шаҳр, суханвар,
Ё дурру гуҳар рез ту бар пои Душанбе.

* * *

Дар ҷаҳон ман ҳам ҷаҳони бекароре доштам,
Баҳри худ чун рӯзгор омӯзгоре доштам.
Зиндагӣ бо сахтии худ сахтҷонам карда буд,
Варна сангин рӯи дӯши хеш боре доштам.
Чун нагаштам бевафо бар дилбари осемаам,
Бо вафодории худ ман эътиборе доштам.
Гар барору нобарориям ҳаду сарҳад надошт,
Дар ҳади одамшиносиям бароре доштам.
Душмане гар рӯзи сахтам аз ғами ман шод шуд,
Дар барам рӯзи ғамам сад ғамгусоре доштам.
Мардумон дар зиндагонӣ аз паи коре шуданд,
Ман ба дафтар, бо қалам як умр коре доштам.
Бо қаламчӯбам нарафтам як қадар бар роҳи каҷ,
Сад қадам аз каҷравон худро каноре доштам.

https://bikhon.tj/

Гар набудӣ дар дилам ҷӯшу хурӯши рӯдбор,
Дар дилам ҷӯшу хурӯши чашмасоре доштам.
Гар нашуд шеъру сурудам ҷой дар ҳар банди дил,
Бо ду-се банди равонам ифтихоре доштам.
Ман равам ношод рӯзе аз канорат, зиндагӣ,
Шод гардам, гар бигӯйӣ: хоксоре доштам.

* * *

Як қосиди амонӣ, мисли кабӯтарам ман,
На мурғи паршикаста, хушболу хушпарам ман.
Бар хеш лона дорам, як бому хона дорам,
Дигар махон дубома, ҳар сӯ намепарам ман.
Гоҳе агар ба дурӣ парвоз мекунам ман,
Бар ошиқони пазмон пайғом мебарам ман.
Гар паст мепарам ман, айбам макун ту зинҳор,
Аз мурғи хонагие болою беҳтарам ман.
Бар обу донаи худ ман мекунам қаноат,
Ҳар сӯ намехалонам минқору ҳам сарам ман.
Роҳи сафед дорам чун болу чун пари худ,
Аз зоғ дар канорам, бо бод ҳамбарам ман.

* * *

Гар ту аз мо меравӣ, моро, нигорин, ёд дор,
Бинӣ ар парвонае, моро чу Парвин ёд дор.
Дар дили бекинаи ман кинае аз ту намонд,
З-ин сабаб моро ту ҳамчун ёри бекин ёд дор.
Ёри дигар ёфтам гуфтӣ, муборак кардамат,
Ман нагаштам лек бар бахти ту зомин, ёд дор.
Ман нахоҳам зиндагии ту бигардад талху шӯр,
Рӯзи бад он зиндагии хубу ширин ёд дор.
Мушти бадхоҳе мабодо бар сарат боло шавад,
Даст мебардоштам танҳо ба омин, ёд дор.

https://bikhon.tj/

Гар сари худро ниҳӣ бар кифти ёр аз баҳри хоб,
«Он ки кардӣ зонуи моро ту болин, ёд дор»[1].
Бевафоие кунад ёри нават вақте ба ту,
Он замон меҳру вафои ёри пешин ёд дор.

* * *

Шеъри дил бе шӯри дил иншо намегардад,
Лек ҳар шӯридадил Мавло намегардад.
Ҳар кӣ дорад чашми биное ба сар, аммо
Чашми дил бе нури дил бино намегардад.
Мекунад хуршед агар ҳар гӯшаро равшан,
Офтоби сидқи дил ҳар ҷо намегардад.
Қатраҳою чашмаҳо гарданд агар дарё,
Чашмаи бечӯши дил дарё намегардад.
Эй дили ман, гум макун ҷӯшу хурӯшатро,
Рӯди пуртуғён ба як мачро намегардад.
Гар ҳар одам рӯи олам оламе бошад,
Кам мабин моро ҳама дунё намегардад.

* * *

Дар осмони ту моҳу ситора тобон аст,
Дар осмони дилам меҳри ту фурӯзон аст.
Агар чанор ба хоки ту реша меронад,
Ба хок решаи ман маҳкам аз чанорон аст.
Агар зи синаи ту рӯд мешавад ҷорӣ,
Ба сони рӯд дил аз ишқи ту хурӯшон аст.
Насими шӯх зи Варзоб мевазад сӯят,
Ҳаловате зи насими ту бар дилу ҷон аст.
Гар осмони ту ногоҳ пурғубор шавад,
Аз ин ғубор дили беғубор ҳайрон аст.
Дар осмони ту печад даме ки дуди сиёҳ,
Дар осмони дилам оҳ дуди печон аст.

[1] Аз Мавлавӣ.

https://bikhon.tj/

Ба рӯи хоки ту нав-нав бино шавад бунёд,
Бинои меҳру вафоят баланд аз он аст.
Ба кӯчаҳои ту шабҳо чароғ даргирад,
Даруни синаи ман з-ин чароғ рахшон аст.
Ба боғҳои ту бинам чу ҳайкали воло,
Сад ифтихор зи ҳар пайкари ниёкон аст.
Чу шаҳри ишқу умедам шудӣ, Душанбеям,
Дилам зи ишқи ту чун булбули ғазалхон аст.

* * *

Ту на офтоб ҳастӣ, ки ҷаҳон шавад мунаввар,
Ту на моҳтоб будӣ, ки бирехт шӯъла бар сар.
Ту на кӯҳсор ҳастӣ, ки ба қалб ганҷ дорад,
Ту на рӯдбор ҳастӣ, ки ба сина карда гавҳар.
На баландиву на пастӣ, на замин, на осмонӣ,
Ба миёни ахтаристон туӣ бефурӯғ ахтар.
Дили ту даруни сина ба мисоли санги сард аст,
Туӣ ё чароғи мурда, туӣ ё фусурда ахгар?
Ту кӣ ҳастию чӣ ҳастӣ, ки зи ҳастият пушаймон,
Ту яке дарахти хушкӣ, ки намонда шохаву бар.

* * *

Дило, бигӯ, ба сони кӯл аз чӣ орамидаӣ?
Дамидаанд рӯдҳо, вале ту нодамидаӣ.
Макун сукут ихтиёру мисли рӯд ҷӯш зан,
Ба соҳили муроди худ ҳанӯз норасидаӣ.
Хати кашидаат нашуд магар писанди хотират,
Ба худ бикаш хати дигар, агар хато кашидаӣ.
Агар раҳи ту банд шуд, бигир санги роҳи худ,
Зи нав ба пеш шав равон, чӣ сангҳо надидаӣ?
Паи умеду орзу талош кун, талош кун,
Ки дар замири худ варо зиёда парваридаӣ.
Аё дили ҷавони ман, хурӯш кун, хурӯш кун,
Ту бо қиёму шӯри худ ҳанӯз нотапидаӣ.

https://bikhon.tj/

Баланд кун садои худ, дучанд кун навои худ,
Ки бо таронаҳои худ ҳамидай, ҳамидай.

* * *

Ӯ аз раҳи дил гузар надорад,
Ё аз раҳи дил хабар надорад?
Ғайр аз раҳи кору хонаи худ
Дар пеш раҳи дигар надорад.
Дорад ғами ҷони худ ҳамеша,
Ғамҳои касон асар надорад.
Гӯё ки бувад дарахти худрӯй,
Дар шохи тараш самар надорад.
Дарёи ҳаёт мезанад ҷӯш,
Аммо дили ӯ хабар надорад.
Мурғи дили ӯ намезанад пар,
Сангест, ки болу пар надорад?
Якҷон бишаванд аҳли олам,
Ӯ ҳамдилу ҳамназар надорад.
Маъмур, ки зиндай ба некон,
Дурӣ зи бадон зарар надорад.

* * *

То кай шикоят мекунӣ аз мушкилоти зиндагӣ,
Вақт аст, то азбар кунӣ дарси суботи зиндагӣ.
Берун намеой ту аз хатти кашида як қадам,
Бояд, ки худ созӣ рақам хатти бароти зиндагӣ.
Бовар макун, эй дил, ту бар афсонаи оби ҳаёт,
Бояд, ки худ пайдо кунӣ оби ҳаёти зиндагӣ.
Чун зиндагии хешро гунҷондай дар қолабе,
Бишкан ту қолабкӯҳнаро баҳри наҷоти зиндагӣ.
Бас талхие, ки дидай дар рӯзгор аз рӯзгор,
Мекӯш, то ширин кунӣ ком аз наботи зиндагӣ.
Гар пеш ояд мушкиле, мушкилкушои хеш бош,
Осон шавад он гаҳ ба ту ҳар мушкилоти зиндагӣ.

https://bikhon.tj/

* * *

Олам пур аз мисолу туӣ бемисоли ман,
Бисёр хубрӯю туӣ хушҷамоли ман.
Бовар намекунам ба суханҳои фолбин,
Ту воқиф аз савоби ману аз вуболи ман.
Дар ҳирси молу зар нашудам ман, намешавам,
Эй давлатам, шаҳомати ҷоҳу ҷалоли ман.
Бо парру боли ишқи ту парвоз мекунам,
Худ кист он, ки бишканад ин парру боли ман?
Аз ҳар барори ман шуда хушдил қариби ман,
Ҳошо, рақиб ғам бихурад аз камоли ман.
Дар даҳри безавол чу ман бо ту зиндаам,
Ту зинда бош, то ки наояд заволи ман.

* * *

Эй ёр, ишқат аз дилам осон намеравад,
Дар мағзи ҷон даромаду аз ҷон намеравад.
Ҳарчанд дур кардаӣ аз сар хаёли ман,
Ёди ту бо хаёли парешон намеравад.
Имшаб ҳазор шаб, ки ба хобам даромадӣ,
Аз пеши дида чеҳраи хандон намеравад.
Аз тоқи осмон маҳи нав меравад, вале
Аз осмони дил маҳи тобон намеравад.
Аз нав сапеда медамаду шом меравад,
Аммо шаби фироқи ту бо он намеравад.
Бошад, ки боз бинамат, эй ёри рафтаам,
Ман меравам, вале зи дил армон намеравад.

* * *

Баҳор омаду зебонигор нопайдост,
Баҳор гулбасару гулбаҳор нопайдост.
Баҳор лолаи кӯҳӣ зи нав барорад сар,
Валек лоларухи кӯҳсор нопайдост.

https://bikhon.tj/

Баҳор аз сари нав гарм мешавад хуршед,
Чаро, ки гармрухам ин баҳор нопайдост?
Тамоми рози диламро ба чашма мегуфтам,
Зи сел гашта ниҳон, чашмасор нопайдост.
Шикаст шишаи чашма чу шишаи чашмам,
Ба роҳи ёр шудам интизор, нопайдост.
Ба рӯйи сел фақат хору хас намоён аст,
Ба рӯйи чашм хас асту нигор нопайдост.

* * *

Дар банди хаёли ту печидаву печида,
Хобам бипарид имшаб аз дидаву аз дида.
Маҳтоб бувад тобон, аммо шуда ту пинҳон,
Кай, моҳ, туро бинам тобидаву тобида?
Гардун ҳама ахтарзор, абре набувад дар тор,
Дар сақфи дилам борон боридаву борида.
Ҳам Зӯҳра ба рақс ояд бо пираҳани нилӣ,
Эй куртачакан, боз о, рақсидаву рақсида.
Гулҳо ба чаман хандон, ғам дар дили ман чандон,
Эй гул, ғами дил кам кун хандидаву хандида.
Пайванд бишуд дарё, моем чу соҳилҳо,
Ин сӯ ману он сӯ ту хобидаву хобида.
Дур аз манию бар ту аз меҳр ғазал гӯям,
Эй кош, ки боз ой бишнидаву бишнида.

* * *

Орзу ҳарранга чун рангинкамоне будааст,
Рангҳояш дилфиребу дилситоне будааст.
Мепарам дар осмони орзу рӯзу шабон
Осмони орзуям бекароне будааст.
Мебарам ман дасту домонаш намеояд ба даст,
Дар назар наздик, дур аз Каҳкашоне будааст.
Зиндагӣ бе орзӯ будаст талху тунду шӯр,
Орзу ширинии ин зиндагонӣ будааст.

https://bikhon.tj/

Орзу ҳам чор фасли умри инсон доштаст,
Беҳтарин айёми он фасли ҷавонӣ будааст.
Орзу кардан набошад айб дар дунё, вале
Бар муроди дил расидан қаҳрамонӣ будааст.

* * *

Навбаҳор омад, куҷоӣ, гулбаҳори ман, биё,
Менагир аз ман канора, бар канори ман биё.
Лаҳзае аз ту ҷудоӣ аз бароям мушкил аст,
Ихтиёрам рафт аз даст, эй қарори ман, биё.
Бе ту бар чашмам надорад рангу бӯе зиндагӣ,
Эй баҳори гулфишону зарнисори ман, биё.
То биёӣ, пешвозат сабза пояндоз шуд,
Канда шуд дар роҳи ту чашмони чори ман, биё.
Ишқи ту болу парам шуд, хестам аз ҷои худ,
Турна танҳо кай кунад парвоз, ёри ман, биё.

* * *

Дил бо хаёли рӯи ту масрур мешавад,
Кошонаам зи меҳри ту пурнур мешавад.
Бигзаштаҳо чу бигзарад аз лавҳи хотирам,
Як қисса аз китоби ту манзур мешавад.
Бедорхобиям агар ояд ба ёди ман,
Хоби хушам зи дидаи ман дур мешавад.
Он моҳи пуррае, ки ба сар шӯъла мефишонд,
Эй моҳ, бе ту нимаву бенур мешавад.
Рафтӣ агар зи дидаам, аз дил нарафтай,
Дил аз фироқу ҳаҷри ту маҳҷур мешавад.
Боз о, к-аз интизории ту чашми чори ман
Чун чашми ахтарони саҳар кӯр мешавад.

* * *

Ту маро бад магӯ, нигори ман,
Ки хазон мешавад баҳори ман.

https://bikhon.tj/

Ту марав аз барам, ки ҳамроҳат
Меравад бахт аз канори ман.
Ту зи чашмам марав, ки дар раҳи ту
Мешавад канда чашми чори ман.
Ту зи қалбам марав, ки мегардад
Бе ту пурғам дили фигори ман.
Ту марав аз сарам, ки тира шавад
Бе ту хуршеди рӯзгори ман.
Ту магӯ рафта барнамеояд,
Бо баҳорон биё, баҳори ман.

* * *

Одами бедарду ғам дар зиндагӣ кам будааст,
Лек ҳар дарду ғамеро боз марҳам будааст.
Куҳнаварде бишканад гар пои худ дар кӯҳсор,
Мӯмиё дорую дармони мусаллам будааст.
Шохаи хамгаштае дорад дарахти мевадор,
Муттакое аз барои шохаи хам будааст.
Хатти пешонии ман нақши ятимии ман аст,
Дар хати пешонии ман шеъри мӯълам будааст.
Дар ҷаҳон аз дарди танҳоӣ чӣ бошад дарди бад,
Доруе бар рафъи дарди бедаво ҳам будааст.
Беҳтарин дорую дармоне, ки ман дарёфтам,
Ҳамдаму ҳамрозии одам ба одам будааст.

* * *

Тирадил хоҳад, ки бинад тирарӯ дунёи мо,
Менависад то ба боло ҳар дам аз болои мо.
Чашмаи камоб буду хушк шуд дар нимароҳ,
Хоҳад ӯ бо санги дил бандад раҳи дарёи мо.
Бад кунад бо номааш бадгӯй номи неки мо,
Сад балое оварад то бар сари танҳои мо.
Гаҳ ниҳону гаҳ аён аз боғи мо гул меканад,
Ҳам аён, ҳам ноаён хораш занад бар пойи мо.

https://bikhon.tj/

Дар назар чун ҳақталоше карда худро вонамуд,
Дар амал дорад талоши обрӯю ҷойи мо.
Дигарон доранд дар сар фикри савдои дигар,
Бадгумон оворагӣ дорад сари савдои мо.
Дида-дида хешро бо дидаи бадбини худ,
Боз бинотар бигардад дидаи бинои мо.
Чун сари болои моро бори туҳмат хам накард,
Пас сари худ мехурад, то мехурад сарҳои мо.

* * *

Аз сияҳкеши ҷафокор дилам мемонад,
Аз сияҳкосаи беор дилам мемонад.
Сурхии себ намебинаду меҷӯяд доғ,
Аз сияҳрӯзи ситамгор дилам мемонад.
Аз «нависандагӣ» – яш ман нарасидам ҷое,
Нарасад худ агар ин бор, дилам мемонад.
Гар хати ӯ хати бутлони умедаш нашавад,
Аз хату коғази бисёр дилам мемонад.
Хешро хонда ҳақиқатталабу ҳақпарвар,
Боз ҳақро бикунад хор, дилам мемонад.
Гови бешир бувад ӯ, ки баланд овозаш,
Гӯшҳоро диҳад озор, дилам мемонад.
Дар замоне, ки ҳақиқат ҳама ҷо размгар аст,
Нарасад ҳақ чу ба ҳақдор, дилам мемонад.

* * *

Эй ёр, туро донам ман то нафаси охир,
Дилдор туро хонам ман то нафаси охир.
Ҳамболи ҳавасҳоям, эй асли таманноям,
Чун ҳамнафасат монам ман то нафаси охир.
Бо номи ту, хушномам, ман нек барам номам,
Бадном нагардонам ман то нафаси охир.
Аз коми ту хушкомам, ҳам ком ситонам хуш,
Ноком нагардонам ман то нафаси охир.

https://bikhon.tj/

Бар рӯи ту чашмонам, рӯй аз ту нагардонам,
Бар рӯи ту пазмонам ман то нафаси охир.
Аз чашми сияҳ дидам чун бахти сафедамро,
Зинҳор нагирёнам, ман то нафаси охир.
Хушпою қадам будӣ, хуш бо ту шудам ҳампо,
Ҳам ҳамқадамат монам ман то нафаси охир.
Дорам зи мағал парҳез, ҳастам зи ғазал лабрез,
Баҳри ту ғазалхонам ман то нафаси охир.

* * *

На зи кору амалаш метарсам,
На зи шӯру мағалаш метарсам.
Тарси ман нест зи ҳарфи талхаш,
Гаҳ зи ҳарфи асалаш метарсам.
Санги роҳам бишавад, бимам нест,
Ман зи санги бағалаш метарсам.
Розиям номи ман орад чу мисол,
Аз мақолу масалаш метарсам.
Душмани ман, ки маҳалбоз бишуд,
Ман зи номи маҳалаш метарсам.
Касалаш то ки сироят накунад,
Рӯзу шаб аз касалаш метарсам.
Баҳри маҳвам бикунад ҷаҳду ҷадал,
Кай зи ҷаҳду ҷадалаш метарсам?
Ӯ зи ман ҳамчу аҷал метарсад,
Ман зи рӯзи аҷалаш метарсам.

* * *

Умр бо кулфату бо роҳати худ мегузарад,
Некие кун, ки бадӣ то хати худ мегузарад.
Умри одам баҳисоб асту сари вақт бикӯш,
Умр бо вақти худу соати худ мегузарад.
Қисмати мо, ки ба дасти ту бувад, саҳл мадон,
Дон, ки фардо ҳама бо қисмати худ мегузарад.

https://bikhon.tj/

Сарваре рӯй бигардонад агар аз миллат,
Рӯсиёҳ аст, ки аз миллати худ мегузарад.
Қудрати хеш нишон деҳ ту, ки фурсат танг аст,
Марг ояд, ҳама аз қудрати худ мегузарад.
Ту ҷадал кун, ки шавад шӯҳрати меҳан боло,
Андар ин роҳ кас аз шӯҳрати худ мегузарад.
Ту мапиндор, ки ҷовид бимонӣ ба ҷаҳон,
Ҳар кӣ аз зиндагӣ бо навбати худ мегузарад.

* * *

Ман, ки бе ту бекасам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Ман ба қадрат мерасам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Гарчи ман қадри туро аз хеш боло доштам,
Аз бароят чун хасам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Бар вафоят монда ҳамчун кӯҳсорон устувор,
Ҳеҷ нашкастам қасам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Аз дуруштии ту гарчи ҷони ман омад ба лаб,
Ман ҳамон чун атласам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Эй ба як ҷони ҷавонам сад ҷафое мекунӣ,
Эй ҷафоҳоят басам, кай ту ба қадрам мерасӣ?
Дар замоне, ки бишуд одам чунин хору залил,
Гар набошӣ аз пасам, кай ту ба қадрам мерасӣ?

* * *

Дар само пурнур маҳтоб аст,
Бе маҳе дил дар табу тоб аст.
Хоби ширин рафтааст аз ёд,
Ёди ӯ ширинтар аз хоб аст.
Худ чу мавҷе мезанам паҳлӯ,
Гарчи дар бар рӯди Варзоб ст.
Рӯд агар орому камоб аст,
Рӯди дил пуршӯру сероб аст.
Гӯши ман бар нағмаи Варзоб,
Гӯши дил бар сӯи Яғноб аст.

https://bikhon.tj/

Рӯд наздику нигоре дур,
Дар миён чун қалъа Анзоб аст.
Мекушоям ман дари дилро,
Дар ҳисораш боз як боб аст.
Чун кушоям ман дари дилро,
Роҳи дил пурпечу пуртоб аст.
Ман ба ёди шӯхи яғнобӣ,
Ӯ ба ёди ёри Вандоб аст.

* * *

Як зумра зиёда пасту зиштанд,
Бадзоту шариру бадкуништанд.
Ин тӯдаи пастфитратонро
Аз тӯдаи хок ё сириштанд?
На некдиланду некандеш,
Бас қолабиянду мисли хиштанд.
То донаи некие бикоранд,
Тухми бадие ба хок киштанд.
То ном ба некие гузоранд,
Бад кардаву номи бад навиштанд.
Ин тӯда танида тори тазвир
Чакман ба худу дигар биришанд.
Эзид, бинигар, ки дӯзахиён
Дар ҳасрати ҷаннату биҳиштанд.

* * *

Душманам неку бадам медонад?
Нақши ҳар монда қадам медонад?
Ҳар қадар, ки шумарад ӯ қадамам,
Бешак, аз беш камам медонад.
Бари ночида касе нашморад,
Вазни он шохаи хам медонад.
Барг ҳар қадр, ки бо ҳам печад,
Сирри он боз карам медонад.

https://bikhon.tj/

Ашк ҳам талхиву шӯрӣ дорад
Таъми он дидаи нам медонад.
Беғам аз дарду алам бехабар аст,
Бори ғамро баалам медонад.
Дар нафасҳои пасинаш одам,
Қадри ҳар одаму дам медонад.
Гар надонад баду некам хасмам,
Зиндагӣ ҳаст ҳакам, медонад.

* * *

Мо барои бераҳон гаҳ раҳкушоӣ мекунем,
Роҳгумҳоро ба роҳе раҳнамоӣ мекунем.
Худнамоӣ, худситоӣ нест дар бунёди мо,
Худфурӯзӣ, худшиносӣ, худкушоӣ мекунем.
Бехабар аз дарди худ гаҳ умр бар сар мебарем,
Лек баҳри дилшикаста мӯмиёӣ мекунем.
Мо ба нони дасти худ доим қаноат кардаем,
Дастамон аз тан ҷудо бод, ар гадоӣ мекунем.
Оҳанинҷонему ҳаргиз оҳаниндил нестем,
Дилнавозему аз он оҳанрабоӣ мекунем.
Чун суханвар мо ба майдони сухан ворид шудем,
Андар ин майдон чу аскар ҷонфидоӣ мекунем.

* * *

То замини ташналаб обию корам мешавад,
Дар ҷабини барзгар ожангҳо зам мешавад.
То барорад ҷӯяе бар киштзорон ҷӯйкан,
Ҷӯй дар пешонаю рухсори ӯ ҳам мешавад.
То дарахти борвар гардад ниҳоле дар замин,
Қомати болои марди боғбон хам мешавад.
Кӯҳкан бо ранҷҳо аз кӯҳ гирад ганҷҳо,
Кӯҳсор аз ҳиммати кашшоф Ҳотам мешавад.
Шоирӣ ҳам мушкил аст, осон магир, эй нуктагир,
Дар хаёли байти дилҷӯ хуни дил кам мешавад.

https://bikhon.tj/

Шоиронро мардуми девонахӯ хонанд, лек
Шеъри моро хонда-хонда одам Одам мешавад.

* * *

Дунёст беканора, мову ту дар канора,
Эй кошкӣ бубинам рӯи туро дубора.
Ту аз ману ман аз ту ногаҳ ҷудо бигаштем,
Ҷои туро нагирад на моҳу на ситора.
Умре замин бигардад дар гирди меҳвари хеш,
Бошад, сарам бигардад дар гирди ту дубора?
Ҳарчанд нозанинон дар шаҳр бешуморанд,
Аммо равам ба сӯят, аз ту шавад ишора.
Бо ёди ту нишастам бедорхоб имшаб,
Чун чатри ту намоён шуд абри пора-пора…

* * *

Меҳрубони ман ба ман номеҳрубонӣ карду рафт,
Хушзабони ман буд, аммо бадзабонӣ карду рафт.
Мушкилаш осон шуду мушкилкушои ман нашуд,
Бори ишқи мо ба ӯ охир гаронӣ карду рафт.
То канори ман биёмад, аз канори ман бирафт,
Дилнавози ман нагашту дилситонӣ карду рафт.
Корвони ишқи моро монда андар нимароҳ,
Корвони дигареро сорбонӣ карду рафт.
Ташнагиҳои маро нашкаст бо дидори худ,
Нуктагирӣ, нуктафаҳмӣ, «нуктадонӣ» карду рафт.
Ошиқе чун ман наёбад, хуни ман гирад варо,
Шоир аз тобу таби дил шеърхонӣ карду рафт.

* * *

Фориғ наям зи меҳнату ғамҳои зиндагӣ,
Дорам ба сар тасаввури фардои зиндагӣ.
Гаҳ пешпой хӯрда ба санги сукути давр,
Қалбам нагашт сард зи дунёи зиндагӣ.

https://bikhon.tj/

Дар пеши пои кас ба тамаъ хам накарда сар,
Ҳампои давр гардаму ҳампои зиндагӣ.
Вақти сукут рафту замони амал расид,
Ҷӯшад дилам зи ҷӯшиши дарёи зиндагӣ.
Ҳамсаф ба размиёнаму дурам зи базмиён,
Парвои даҳр дораму парвои зиндагӣ.

* * *

Шеър ҳам чун ишқи дилбар будааст,
Шоиру ошиқ бародар будааст.
Сӯзи шоир ҳам ба ёди шеъри тар,
Сӯзи ошиқро баробар будааст.
Шеър ҳам ҳар дам бурун н-ояд зи дил,
Нози он чун нози духтар будааст.
Ахгари ишқ, ахгари шеъри баланд,
Ҳар ду аз аввал як ахгар будааст.
Ҳам китоби шоирону ошиқон
Баста дар як ҷилди дафтар будааст.
Ахтари иқболи ҳар ду дар само,
Аз азал тобон як ахтар будааст.
Изтироби шоирону ошиқон
Пас магӯ, Маъмур, дигар будааст.

* * *

Ғамамро ҳеҷ бар беғам нагӯям,
Зиёдамро ба ҷое кам нагӯям.
Сари сабзам бувад аз решаи пок,
Чу зарпечак ба ҳар хоке нарӯям.
Чу занбӯри асал ман гулпарастам,
Гули хушкидаро асло набӯям.
Ба худ мушкилписандӣ пеша кардам,
Бароям роҳи осоне наҷӯям.
Чу бо равшандилон ҳампой гаштам,
Яқин, бо кӯрдилҳо раҳ напӯям.

https://bikhon.tj/

* * *

Ин нокасон, ки фахр ба аҷдод мекунанд…
Соиб

То чанд ифтихор ба аҷдод мекунӣ,
Дар мушкилат ту такя ба авлод мекунӣ?
Бар мо зи рафтагон чу ғазалҳои пухта монд,
Пас шеъри хомро зи чӣ эҷод мекунӣ?
Дар чорчӯби назми куҳан банда гаштай,
Кай хешро зи бандагӣ озод мекунӣ?
Дар мактаби гузашта чу шогирд мондай,
Шогирди хешро ба чӣ устод мекунӣ?
Имрӯз агар нишон нагузорӣ зи умри худ,
Фардо магӯ: «Ба хайр маро ёд мекунӣ?».

* * *

Аз бахту сарнавишт чу шукрона мекунам,
Ҷонро фидои дилбари ҷонона мекунам.
Як бор умри хеш ба савдо гузоштам,
Бар қадри он расидаву савдо намекунам.
Чун кафтари дубомаи белона нестам,
Ман дар замини қалби ту кошона мекунам.
Бар тифлакон чу хонаи ман танг мешавад,
Бар тифлакони худ ба дилам хона мекунам.
Хоҳад агар фасона зи ман тифли кӯчакам,
Ман сарнавишти худ ба вай афсона мекунам.

* * *

Кош, эй шӯх, дили мову ту ҳамдаст шавад,
Раҳи дил мисли ду абрӯи ту пайваст шавад.
Нахли пайвандии ишқи ману ту бор орад,
Нестӣ дар назари беназарон ҳаст шавад.
Шарбату шираи ҳар боғ насозад сархуш
Аз лаби нӯш ҳаме ошиқи ту маст шавад.

https://bikhon.tj/

Ёри шаккарлаби ман, хандаи ту бас бошад,
То ба бозори ҷаҳон нархи шакар паст шавад.
Хонаи чашми дигар хона нагардид ба дил,
Хонаи қалби ту шояд, ки варо баст шавад.
Дил, ки бар шаст чу моҳӣ нафитодаст ҳанӯз,
Ба дили якрави ман зулфи ту чун шаст шавад.

* * *

Бо ту баҳори зандагиям бехазон бишуд,
Нахли умеду орзуям гулфишон бишуд.
Дар зери абр буд ниҳон офтоби дил,
Бо меҳрат офтоби дилам зарфишон бишуд.
Борони лутфи ту, ки басе файзбор буд,
Аз файзи он замини дилам гулситон бишуд.
Селоб ҳам набаст раҳи рӯдборро,
Дарёи умр боз ба маҷро равон бишуд.
Дар осмони бахт набошад ғубору дуд,
Тирукамон чу қисмати рангин аён бишуд.
Ҳар сол буд баҳору дилам шодмон набуд,
Бо ту, гули ҳисории ман, шодмон бишуд.
То ман набуд шоире аз Яккабоғи ман,
Маъмур аз муҳаббати ту шеърхон бишуд.

* * *

Ту яктои ҷаҳон ҳастӣ, ба пиндорам, ба пиндорам,
Туро танҳо, туро танҳо талабгорам, талабгорам.
Агарчи себи хубонӣ ба ҳар бозор мебинам,
Дили чун себи сурхатро харидорам, харидорам.
Ба гардун моҳтоб асту ба чашмам хира метобад,
Ба нури ҳусни ту равшан шаби торам, шаби торам.
Агарчи бо ҷафоҳоят маро бинмудаӣ дилхун,
Кашида ҳар ҷафоятро, наёзорам, наёзорам.
Садоят бишнавам то чанд аз дурии дуриҳо,
Биё, эй булбули хушхон, ба гулзорам, ба гулзорам.

https://bikhon.tj/

Агар мастӣ ту мебинӣ, зи ман пастӣ намебинӣ,
Ки хондам дарси ибратро зи куҳсорам, зи куҳсорам.
Ба ҳар шӯхе набахшидам суруди шӯху шеъри тар,
Фақат васфи туро кардам дар осорам, дар осорам.
Туро ман дилбарам хондам, ба ишқат бовафо мондам,
Бишав, эй гул, ту ҳам охир вафодорам, вафодорам.
Биё бар хонаи Маъмур, аё дилбурдаи мағрур,
Ки гӯям бо сарафрозӣ: туро дорам, туро дорам!

* * *

Ҳоло, ки нигор мешитобад,
Дил карда фигор, мешитобад.
Дар мулки фироқ монда ошиқ,
Худ сӯи диёр мешитобад.
Ӯ мераваду зи сина якҷо
Орому қарор мешитобад.
Кай аспи ғамам расонад ӯро?
Тайёрасавор мешитобад.
Монанди баҳор дер омад,
Чун боди баҳор мешитобад.
Маштоб, аё баҳор, маштоб,
К-ин умри шарор мешитобад.

* * *

Эй ёри ҳамида, дӯстат медорам,
Бо ҳусни расида дӯстат медорам.
Аз субҳи рухат шуд шаби ҳичрон равшан,
Чун субҳи дамида дӯстат медорам.
Бе ту нашуд осиёби умрам гардон,
Чун боди вазида дӯстат медорам.
Бе хандаи ту гули муродам нашукуфт,
Сад гул бишамида дӯстат медорам.
Дарёи дилам гавҳари сероб надошт,
Чун гавҳари дида дӯстат медорам.

https://bikhon.tj/

Ҳар ҷабру ҷафое ки кашидам, бигзашт,
Нози ту кашида дӯстат медорам.
Пайваста бимонд риштаи аҳду вафо,
Ман ҳам набурида дӯстат медорам.
Бар қимати ҷонам, ки баробар гаштӣ,
Эй ҷони харида, дӯстат медорам.

* * *

Имсол ҳам гузашту манам дар хаёли ту,
Дар синаам нишаста савобу вуболи ту.
Ояд арӯси сол ба ҳусну ҷамоли нав,
Аммо дилам асир ба ҳусну ҷамоли ту.
Дар шеъри ман зиёда бувад нуқтаҳо, вале
Оромиши дилам бувад он хатту ҳоли ту.
Парандаҳои гумшуда пайдо шуданд боз,
Дорад ниёз мурғи дили ман ба боли ту.
Гардун ба чашми обии худ мекунад нигоҳ,
Як пораабр гар бинамояд чу шоли ту.
Эй ёри гумшуда, бинамо худ ба дидагон,
Наврӯз то ба ман бишавад хуш зи Соли ту.

* * *

Дил, эй дил, эй дил, дили қаринам,
Ту ёри аввал, ҳам охиринам.
Кафили ҳастӣ маро ту ҳастӣ,
Ки зинда алъон дар ин заминам.
Ба аспи ғайрат туям нишондӣ,
Ки хушсаворе ба рӯи зинам.
Ту қисматамро навишта будӣ,
Ки хондамаш аз хати ҷабинам.
Ба софу покӣ маро бихондӣ,
Ки дурӣ аз кинавар гузинам.
Зи ту шабонам бигашта рӯшан,
Ки бе чароғе раҳам бубинам.

https://bikhon.tj/

Маро нишондӣ ту бо ҳабибон
Ки бо рақибон дигар нашинам.
Ба шоириам ту раҳ кушодӣ,
Ки ман гул аз боғи ту бичинам.
Сабақ бидодӣ зи меҳру ихлос,
Ки бовафоям ба нозанинам.
Чи ғамшарике, чи ғамзудое
Туӣ, туӣ, ту, дили ҳазинам.
Азобу ранҷам ту бас кашидӣ,
Кашида ранҷат, ғамат набинам.

* * *

Дорам ғами зиёде аз беғамии даврон,
Сарчарх гаштаам ман дар зери чархи гардон.
Ғамҳои хештанро танҳо фурӯ барам ман,
Ғамҳои дигари дил бошад ғами азизон.
Будам агар замоне чун рӯдҳо хурӯшон,
Имрӯз ҳамчу Сайҳун ман мондаам зи исён.
Ҳар сӯ, ки раҳ кушоям, бар санг мезанад сар,
Дилнармҳо куҷоед, сангиндилон фаровон.
Ҳар бор дар задам ман, як дил нашуд кушода,
Дарҳои оҳанине биншондаанд чандон.
Чарми сиёҳ бар дар чарминапӯш дорад,
Чарми дигар ба рӯяш бикшидааст эшон.
Қамчин гирифта бар даст як зумра зинсаворон
Доранд асптозӣ холӣ бидида майдон.
То миллиард рафта миқдори қарзи кишвар,
Мерос қарз монад бар ворисони Сомон.
Дар фикри халқу меҳан гар хоб шуд гурезон,
Ҷои гурези ман нест аз хоки Тоҷикистон.

* * *

Оромише надорам дар шаҳри Интизорӣ,
Дарди фироқ дорам, аммо хабар надорӣ.

https://bikhon.tj/

Дар хонаи дили ман ишқат шуда муқимӣ,
Аз хонаи ду чашмам худ гаштаӣ фирорӣ.
Гуфтӣ, ба пешвозат дар турнапар бароям,
Аммо туро надидам бо турнаи баҳорӣ.
Гуфтам равам ба наздат, нозир бубаст роҳам,
Гуфто, ки нестам ман аз мардуми Бухорӣ.
Баски зи шаҳри армон имрӯз барканорам,
Ту дар канори ман бош, эй ишқи ёдгорӣ.
Дар гирди хона алъон пар мезанад кабӯтар,
Эй кош, аз ту орад пайки умедворӣ.

* * *

Ҷавонӣ, ҷавонӣ, ҷавонӣ, ҷавонӣ,
Бишав бовафоям ба дунёи фонӣ.
Чу рӯди хурӯшон куҷо мешитобӣ?
Бубояд, ки қадру баҳоят бидонӣ.
Ба тезӣ марав ту чу Вахшу Зарафшон,
Ба монанди Сайҳун бишав дар равонӣ.
Зи дилсардии дилбаре номуродам,
Ба кӯи муродам бубояд расонӣ.
Ҷаҳони маро аз чӣ рангин насозӣ,
Агар бо ҷамолат чу рангинкамонӣ.
Ба гардуни гардон машав наҷми паррон,
Ки бар дидагонам ту худ Каҳкашонӣ.
Бихоҳам, ки бошӣ чу хуршеди тобон,
Зи ту дил шавад гарм бар зиндагонӣ.
Чу бахшидам аз чор як фасли умрам,
Ба ман, мон, ки бинам ҳаёти ҷавонӣ.
Ҷавонӣ, ҷавонӣ, марав аз барам зуд,
Ба дунёи фонӣ бимон ҷовидонӣ.

* * *

То чанд мекашам ман бе ту дами ҷудоӣ?
Эй ёр, ҳамнафас шав, кам кун ғами ҷудоӣ.

https://bikhon.tj/

Байни ману ту монда тақсими нобаробар,
Беше бимонда бар ман, бурдӣ ками ҷудоӣ.
Дардест сахту ҷонкоҳ, ҷӯям давою дармон,
Эй васл, ту куҷоӣ, шав марҳами ҷудоӣ.
Шебу фарози дунё дорад ҳаду масофа,
Будаст садди мушкил зеру бами ҷудоӣ.
Мардум ба сайри олам доранд майлу рағбат,
Аммо ту менишинӣ дар олами ҷудоӣ.
Дорем як ҷаҳону аз ҳамдигар ҷудоем,
Ҷуз эзидам набошад як одами ҷудоӣ.
Рӯи ниёз дорам бар лутфу меҳрубонӣ,
Бахшой ганҷи эҳсон, эй «Ҳотами» ҷудоӣ.
Ҳарчанд нестам худ ҳоҳони маргу мире,
Бошад, ки мо нишинем дар мотами ҷудоӣ.

* * *

Дар зиндагӣ, ки зиндагии тоза доштам,
Ман дони меҳр дар дили ёрон бикоштам.
Бо содагӣ зи кинаварон бехабар шудам,
Ҳар ҳамзамони хеш чу худ баргумоштам.
Қасдам зи шоирӣ, ки нашуд ному шӯҳрате,
Ному нишон зи одамии худ гузоштам.
Аз беғамон ба синаам ар доғи ғам бимонд,
Худ қасди доғкории як дил надоштам.
Доғе агар гузоштам, аз рӯи кин набуд,
Он доғи бӯса буд, ки дар лаб гузоштам.

* * *

Тозадил, бо тозаҷонам дӯст медорам туро,
Берун аз андоза, ҷонам, дӯст медорам туро.
Ман барои ту дари дилро кушодам пештар,
Эй кушо дарвоза, ҷонам, дӯст медорам туро.
Бодбони умри ман бо ту ба соҳил мерасад,
Чун насими тоза ҷонам, дӯст медорам туро.

https://bikhon.tj/

Гуфтиам, ки ошиқии мову ту овоза шуд,
Мон, шавад овоза, ҷонам, дӯст медорам туро.
Аз вафодории ту дар сина менозад дилам,
То абад, дилнозаҷонам, дӯст медорам туро.

* * *

Дар саҳфаи ёди ман мондаст шаби маҳтоб,
Мову ту ба ҳам наздик, буд дур зи чашмон хоб.
Пойиз буду Варзоб ором равон мешуд,
Дарёи муҳаббат буд дар ҷӯшу хурӯшу тоб.
Бар ҳусну ҷамоли ту мебурд ҳасад кавкаб,
Рухсори туро медид дар ойинаи Варзоб.
Ҳарчанд, ки худ ҳастам бар субҳи сафо ошиқ,
Ин бор бигуфтам: «Шаб, то дер бимон, маштоб».
Дар соҳили беодам пур буд канори мо,
Дарёи муҳаббат дошт гаҳ мавҷу гаҳе гирдоб.
Бигзашт маҳу соле, нагзашт зи ёд он шаб,
Дар дафтари хотир монд чун шеъри тару ҷаззоб.

* * *

Борони тирамоҳӣ оҳанг менавозад,
Чун мутриби хушилҳон хуш чанг менавозад.
Хоҳам тарона гӯям бо сози нарми борон,
Илҳом тори дилро ҳарранг менавозад.
Борон ба кӯҳу пушта борида реза-реза,
Нахлу гиёҳи ҳар тал, ҳар санг менавозад.
Ёди гузашта дорад гоҳе мақоми борон,
Дар маънии «Авасто», «Аржанг»[1], менавозад.
Борон ҳаменавозад ҷуз табл бо ҳар асбоб,
Таббол сози дигар дар ҷанг менавозад.
Бишнида рези борон, айёми баргрезон
Дил барг-барг резаш аз нанг менавозад.

[1] Номи китобҳои қадима.

https://bikhon.tj/

* * *

Шод шав, эй дил, ки ёри рафта боз омад,
Будӣ ту озурдаву он дилнавоз омад.
Гар ба дарди интизориат набуд дармон,
Чун табиби меҳрубони чорасоз омад.
Бар сарат борони ғам мерехт рӯзу шаб,
Ҳамчу борони нишоти ғамгудоз омад.
Хонаат буд мисли шабҳои сияҳ тира,
Нури меҳр аз нав дурахшон кард, соз омад.
Дарди танҳоии худ дигар ба васл омез,
Он арозии ту боз омад, ба ноз омад.
Тоза кун ойинаи дил аз ғубору чанг,
Дилбари машшоқаат бо чангу соз омад.
Эй дили Маъмур, вайронат шавад обод,
Чунки меъмори ту бар пардоз боз омад.

* * *

Он сустназмакон, ки бас эҷод мекунанд,
Бо хоми хеш бар ҳама бедод мекунанд.
Чун пухтагӯйҳо бинамуда ба базмҳо,
Навбофта бихондаву фарёд мекунанд.
Гӯё набуд пеш чунин шеъри ширадор,
Худ ширхору таънаи устод мекунанд.
Як гул накарда сабз ба бустони бехазон,
Помол карда з-он дили худ шод мекунанд.
Аз шеъру шоирӣ сабақе дода ҳар замон,
Мактабнадидаҳо каҳи худ бод мекунанд.
Аз рӯду чашмасори ҷаҳон хӯрда обҳо,
Ҷӯе наканда даъвии Фарҳод мекунанд.
Маъмур, эҳтиёт зи ношоирони давр,
Каҳдон ба ҷои кох чу бунёд мекунанд.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҷуз хаёли ту хаёли дигаре нест маро,
Мисли занбӯр ба ҳар гул назаре нест маро.
Гарчи бо Дардариям дӯст, наям дарбадаре,
Ҷуз дари қалби ту уммеди даре нест маро.
Ҳар гаҳ аз аҳду вафо шеъру ғазал мегӯям,
Баҳри ташбеҳ мисоли дигаре нест маро.
Нахли ишқам, ки бисабзид ба хоки кӯят,
Боғбонам ту набошӣ, самаре нест маро.
Бахти мо мешукуфад ҳамчу гули шомусаҳар,
Бе ту шом аст сиёҳу саҳаре нест маро.
Мурғи илҳоми маро ишқи ту болу пар дод,
«Сари парвоз ба боли дигаре нест маро»[1].

* * *

Пирӣ омад бар сар, аммо сар ғами пирӣ надорад,
Аз ҷамоли нозанинон чашми ман серӣ надорад.
Дил агар бошад ҷавон, аз пирии худ шиква бечӯст,
Дилҷавонӣ баҳри пирон ҳамзамон дерӣ надорад.
Офарин хонам ба дил, к-он то кунун дорад хурӯше,
Метапад орому ноором, дамгирӣ надорад.
Бо бузургии худ ин дил хоксору бурдбор аст,
Даъвии мардӣ варову даъвии мирӣ надорад.
Мезанад зарбе ба тори хеш, то бидҳад садое,
Ту магӯ, ки торҳои дил баму зерӣ надорад.
Сӯҳбати ширини пирон як ҷаҳон бахшад ҳаловат,
Аз барои талхкомон лаззати ширӣ надорад.
Одамӣ ҳам дар мисоли сол дорад чор мавсим,
Фасли пирӣ файзи хосу зиннати дерина дорад.

* * *

Эй гашта азизи дил, дигар «Хайр» магӯ,
Файзи қадамат файзи саҳар, «Хайр» магӯ.

[1] Мисраъ аз Соиб.

https://bikhon.tj/

Ман бар ту кушодам дари дилро шодон,
Манмой ғамин, зи пушти дар «Хайр» магӯ.
Дер омадию зуд чаро мегардӣ?
Ту нестӣ абри даргузар, «Хайр» магӯ.
Борони муҳаббати туро хоҳонам,
Бо нам-нами борони саҳар «Хайр» магӯ.
Умр аст мисоли шохборон гузарон,
Эй шохаи арғувони тар, «Хайр» магӯ.
Маъмур, ки аз висоли ту сер нашуд,
Бар гушнаи хеш ин қадар «Хайр» магӯ.

* * *

Ман сер рӯйи модари худро надидаам,
Аз шир беш заҳри фироқаш чашидаам.
Аз абри пора-пора ба ман ҷома дӯхтанд,
То ҷомаҳои беқасаб аз тан кашидаам.
Бар шаст қулла рафтаму шастам нагаштааст,
Эй хуш, ки дар мақоми сухангӯ расидаам.
Ёрон нахондаанд маро хому гумраҳе,
Ҷони сухан ба қимати ҷонам харидаам.
Кайҳоннавард нестам, аммо ҳазор бор
Бо киштии хаёл ба кайҳон паридаам.
Боми баланду шӯҳрати арзон нахостам,
Шодам ба некномии худ ман ҳамидаам.

* * *

Ту меравию «нарав» намегӯям,
Аз ту дили ман рамид, оҳӯям.
Гумкардаи худ биҷӯям аз дунё,
Гум карда туро вале намеҷӯям.
Роҳи дили мо ба ҳам нашуд пайванд,
Он роҳи куҳан дигар намепӯям.
Худ як гуливу ҳазор занбӯрат,
Бӯидагуле зи нав намебӯям.

https://bikhon.tj/

Ман чун гули ханҷарии якҷоям,
Мисли ту ба ҳар куҷо намерӯям.
Чашмони ту дошт бозии дигар,
Ҳарчанд назар накандӣ аз сӯям.
Ман бе ту чу Зарфишон намехушкам,
Дарёдиламу равон чу Омӯям.
Гарчи ба раҳат намезанам обе,
Роҳи ту сафед бод, мегӯям.

* * *

Эй, ки худ некрой мехонӣ,
Аз чӣ бадхоҳи ҷумла инсонӣ?
Дигарон санги роҳ бардоранд,
Пешпоӣ диҳиву афтонӣ.
Гашт девори шӯравӣ яксон,
Боз девор байни мо монӣ.
Гар «Авасто» шиори худ кардӣ,
Маънии панди он чӣ медонӣ?
Хӯрда савганд боз бар «Қуръон»,
Мекунӣ корҳои шайтонӣ.
Чун ҳазар дорӣ аз накӯройӣ,
Вой, сад войи ин мусалмонӣ!

* * *

Ёди як шаб, ки бо ту будам ман,
Менагардад зудуда то мурдан.
Бӯсаҳое, ки аз ту бистондам,
Нақшҳо монда дар лабу дар тан.
Ҳарфҳои хуше, ки бишнидӣ,
Дигар ифшо намешавад ба сухан.
Гарчи буд мавсими хазонрезӣ,
Ту шукуфтӣ мисоли гул ба чаман.
Он шабе аз ҳазору як шаб буд,
Ҳамчу афсона аз китоби куҳан.

https://bikhon.tj/

Шеър кардам хаёли он шабро,
Ғазали мондагор шуд аз ман.
Кош он шаб шавад зи нав такрор,
Рӯзҳои маро кунад равшан.

* * *

Дар ҷавоби нома

«Дер шуд вақти ба пас гаштани ман»,
Аз паси ёри ҳавас гаштани ман.
Солҳо будӣ чу мурғи қафасӣ,
Нест майле ба қафас гаштани ман.
Дур будӣ ту ба сарсабзии умр,
Омадӣ мавсими хас гаштани ман.
Хостӣ ҳамнафаси ман бошӣ,
Дар ҷаҳон то ба нафас гаштани ман.
Ишқи пинҳони ту буд бефарёд,
Хоҳӣ имрӯз ҷарас гаштани ман.
Зиндагӣ баски нафасгирам кард,
Дер шуд вақти ба пас гаштани ман.

* * *

Мо ҳам ба умри даргузар озор дидаем,
Ёрони хеш дар сафи ноёр дидаем.
Ғамҳои беш хӯрдаву ғамошно шудем,
То дар канори худ тани ғамхор дидаем.
Хомӣ накардаем дар ин олами Сухан,
Аз пухтагон мадад ҳама дар кор дидаем.
Зоҳид, дигар аз оташи дӯзах мазан ту ҳарф,
Оташзанон ба хоки Ватан хор дидаем.
Худ монда аскарони вафодори марзу бум,
Макру фиребу фитнаи ағёр дидаем.
Гумраҳ намешавем дигар аз фиребу фанд,
Дар гирудори зиндагӣ аз кордидаем.

https://bikhon.tj/

* * *

Бе ту ҳаво намерасад бар дили сактадори ман,
Сактаи шеър кам шуду сактаи меҳр бори ман.
Шоми зиёд субҳ шуд, шоми фироқи ман бимонд,
Бе ту сафо намерасад бар шаби ҳаҷру тори ман.
Гашта баҳор гулбасар, мурғи ҳазор нағмагар,
Бе ту наво намерасад аз чамане, ҳазори ман.
Оби шифо бихӯрдам аз Зам-зам агарчи бо умед,
Бе ту даво намерасад бар дили ғуссабори ман.
Гарчи алайҳи бевафо гашта вафо шиори ман,
Бе ту вафо намерасад, дилбари ҷоншикори ман.

* * *

Дар поварақи «Ҳашт китоб»-и
Сӯҳроби Сипеҳрӣ.

Сӯҳроб, ки шоири замон шуд,
Дар кишвари шеър бонишон шуд.
Аз шир сафедие ба ҷон монд,
Дар шеъри сафед хушбаён шуд.
Дил баста ба ҳар ҳиҷои Бедил,
Тасвиргарои нуктадон шуд.
Суратгари хушқалам ба даврон
Дар сурати шеър хуш аён шуд.
Пайванди Сипеҳр буду алҳақ
Ҳам шоири хоси мардумон шуд.
Хун карда сафед бо ғами шеър,
Худ аз саратони хун хазон шуд.
Парвоз намуда мурғи табъаш
Бо абри сафед парфишон шуд.
Чун ахтари шеъри нав дурахшид,
Бо давраи ахтарон қирон шуд.
Бар хоки сияҳ агар танаш рафт,
Бо шеъри сафед ҷовидон шуд.

https://bikhon.tj/

* * *

Шоиратро дур аз минбар макун,
Сангро дар роҳи ӯ сангар макун.
Сангсории Ҳилолӣ бас набуд?
Қасди ҷони шоири дигар макун.
Ӯ савори аспи илҳоми худ аст,
Ин савори аспро бесар макун.
Ҳамчу абри пора худ дилпора аст,
Он дили абгорро абтар макун.
Дар баҳори ғам дарахташ сабз монд,
Ту варо бешохаву бебар макун.
Ҳолиё, ки қадри шоир костаст,
Қадри ӯро дар замон камтар макун.
Бесадо фарёд дорад қалби ӯ
Ҳуш шав, гӯши дилатро кар макун.

* * *

Зери гардун, ки на гардунасаворӣ дорам,
Марди гардунакашам, ҷомаи корӣ дорам.
Зинбапуштам агар имрӯз ба амри қисмат,
Ёвару чорагаре – аспи қаторӣ дорам.
Меравам бо раҳу пайроҳа барои рӯзӣ,
Донакаш мӯраму гаҳ-гоҳ бароре дорам.
Ҷипсаворон зи барам пешу қафо мегузаранд,
Эҳ чӣ донанд, ки ман ҳоли низоре дорам.
Зинсаворон, ки надоранд қароре дар роҳ,
Ман ба ҳар ҷабри замон сабру қароре дорам.
Гар шабонгаҳ пули худро шумарад дорое,
Мани нодор шаб исторашуморӣ дорам.
Баччагонро бинишонида ба гардунаи худ,
Шодмонам, ки сабук одаму боре дорам.
Агарам бори гунаҳ бор кунад пургунаҳе,
Худ гунаҳкор шуда, нолаву зорӣ дорам.
Зери гардун, ки на гардунасаворӣ дорам,
Марди гардунакашам, ҷомаи корӣ дорам.

https://bikhon.tj/

* * *

Беҳтарин ҳарфи муҳаббат Ватан аст,
Меҳру ихлосу садоқат Ватан аст.
Шеърбофӣ ҳунаре нест, ки нест,
Сухани аз ҳама қимат Ватан аст.
Шоиру шеър худододӣ аст,
Ҷуръату кӯшишу заҳмат Ватан аст.
Шоири шеъри сара доро нест,
Баҳри ӯ давлату сарват Ватан аст.
Худ Ватан гулшану хораш накунед,
Бар Ватандор ғанимат Ватан аст.
Худ Ватан шеъру шиораш накунед,
Пурбаҳо аз ҳама санъат Ватан аст.
Гар Ватанро ҳама модар хонанд,
Модари модари миллат Ватан аст.

* * *

Дидаӣ рӯи хуши духтари субҳ,
Гар надидӣ, ту даро аз дари субҳ.
Чодари шаб бидарад, пора шавад,
Чу намояд назар аз чодари субҳ.
Он қадар ҳусну ҷамоле дорад,
Бикунад шарму равад ахтари субҳ.
Моҳ ҳам шарм зи доғаш дорад,
Дида зебоии ин дилбари субҳ.
Офтоб аз паси ӯ меояд,
Дидани чеҳраи афсунгари субҳ.
Чун арӯсони замон пираҳанаш,
Зебиши он шуда зебу фари субҳ.
Бо чунин ҳусни расояш гӯям,
Офарин бар ту, аё модари субҳ.
Рафт Маъмур ба рӯбинонаш,
Тӯҳфааш шуд ғазали дафтари субҳ…

https://bikhon.tj/

* * *

Фаҳме, ки ба маънии хирад дорам,
Сарҳад ба миёни неку бад дорам.
Қасдам набувад туро, банӣ одам,
Ман қасд ба рағми деву дад дорам.
Бар некқадам намегузорам садд,
Бар раҳзану каҷниҳод сад(д) дорам.
Аз умри гузар намешавам навмед,
Ман ҳам, ки умеди умри сад дорам.
Нагзорам аз он, ки бигзаранд аз ҳад,
Бар душману дӯст ҷумла ҳад дорам.
Аз дасти фитодагон ҳамегирам,
Ман чораву даст бар мадад дорам.
Тоҷик бувад, ки зиндаам, бар ӯ –
Шукреву сипос то абад дорам.

* * *

Ҳоло, ки наёмадаст шомам,
Аз бодаи субҳ шодкомам.
Пойизи ҳаёти ман, ки сабз аст,
Сабз аст аз он хату каломам.
То зиндагиам ба пухтагӣ бурд,
Бо гармии дил бипухт хомам.
Таслим ба қисматам нагаштам,
Сайёд намекашад ба домам.
Бисёр чакид хонаи дил,
Подор бимонд боз бомам.
Бас рӯсияҳон сияҳ намуданд,
Шодам, ки нагашта доғ номам.
Ман мансабу ҷо талаб надорам,
Дар шеър биёфтам мақомам.
Омӯхт низоми дил Низомӣ,
Ман раҳрави шеъри бонизомам.
Эй марг, наё ба қасди субҳам,
Ҳоло, ки наёмадаст шомам.

https://bikhon.tj/

РУБОИЁТ

Душвор бишуд чу баҳри мо дилёбӣ,
Он рӯз мабодо, ки зи ман рӯ тобӣ.
Ишқи ману ту чу меҳр бошад рахшон,
Рахшон нашавад чу кирмаки шабтобе.

Шуд бо нигаҳи ту тираруҳам равшан,
Аз хандаи ту бурун шуд оҳ аз дили ман.
З-имрӯзи ту ояндаи худро бинам,
Эй бахт, хуш омадӣ ту бар манзили ман.

Маъюс машав, ки аз вафо ҳарф нагуфт,
Ӯ рафту гули баҳори қисмат нашукуфт.
Охир, ба дили кӯҳ фақат тилло нест,
Танҳо ба чаман навои булбул кӣ шунуфт?!

Бодомгуло, зи шаҳду бӯйӣ ба канор,
Занбӯри асал ба ту надорад сари кор.
Ман лек туро аз он ҷиҳат дил додам,
К-орӣ зи ҳама пеш ту пайғоми баҳор.

Сад кӯҳ агар ба гарданам бор шавад,
Побанд сарам ба ҳалқаи дор шавад,
Ҳаргиз накунам дурӯягӣ пешаи худ,
То хор гулу гул ба назар хор шавад.

Ҳарчанд, ки худ рафтаӣ аз пеши назар,
Бар аввали ишқ дода анҷоми дигар,
Ман боз ҳамонам, ки нагуфтам падруд,
Дар роҳи туям, ситода чун нури саҳар.

https://bikhon.tj/

Ҳарчанд ҷафо раво бубинӣ бар ҷон,
Ҳаргиз наканам риштаи аҳду паймон.
Чун қулла агар ту дастнорас бошӣ,
Ман мисли уқоб меравам болзанон.

Ҳар сол зи фасли навбаҳораш нозад,
Ҳар нахл зи шоху баргу бораш нозад,
Куҳҳо ҳама аз баландии қуллаи хеш,
Ошиқ зи муҳаббати нигораш нозад.

Ин ҳалқа, ки дар гӯш бувад овезон,
Ин гирда нигин, ки ҷой дар ангуштон,
Аз ҳалқаи бандагӣ, ки шуд бигсаста,
Имрӯз зи фатҳи падарон аст нишон.

То ин ки шамоле навазад сӯйи писар,
Пӯшид дару панҷараашро модар.
Имрӯз чу бод мекушояд дарро,
Бо дидаи чор медавад ҷониби дар…

Ман пир шавам, замин ҷавон мемонад,
Аз даҳр равам, замин ҳамон мемонад.
Ҳар фасли баҳор медамад сабзаи нав
Сарсабз замини меҳрубон мемонад.

Инсон, инсон ту аз ҳама болоӣ,
Ту роҳ ба сӯи меҳру маҳ бикшоӣ.
Бо ақлу заковати баландат гоҳе
Пас ном ба пастӣ аз чӣ меолоӣ?

Ин зиндагии хуш зи падарҳо бошад,
Кӯшем дар он нишона аз мо бошад.
Беному нишон агар равем аз дунё,
Бадномии мо нанги писарҳо бошад.

https://bikhon.tj/

Вақте ки зи марг дар дили ту ваҳм аст,
Эй дӯст, магӯ, ки зиндагӣ бераҳм аст.
Майдони ҳаёт ҷои буздилҳо нест,
Ин нукта аён ба ҳар як аҳли фаҳм аст.

Ҷуфтанд замину осмон, мо тоқем,
Ҷуфтанд маҳу ситорагон, мо тоқем,
Боз ой, ки ду ҷуфти кабӯтар бошем,
То кай чу шабу рӯз ҳамон мо тоқем?

Тоҷикаму лафзи ман чу шаккар бошад,
Аҷдоди ман аз азал суханвар бошад.
Дороии дигарон агар симу зар аст,
Дороии ман забони модар бошад.

Тоҷик забон дораду сомон дорад,
Фарҳанги ғанӣ – Ғиёсу Бурҳон дорад.
То кам нашавад таровату файзи хушаш,
Ин боғ зиёда боғбонон дорад.

Вақте ки ман аз пойи равон мемонам,
Бар аҳли ҷаҳон моли ҷаҳон мемонам,
Бар вориси умри хеш ҳангоми видоъ
Чун ганҷи равони худ забон мемонам.

Гар соати марги ман биояд фардо,
Ман рӯи ниёз оварам сӯи Худо.
Ҳаргиз нашавам дар талаби умри дароз,
Хоҳам, ки забони ман бимонад барҷо.

Пуршира бувад забони ман мисли асал,
Аз ӯст баланд шираи байту ғазал.
То шираи он забон бувад дар комам,
Обам набувад зарур дар рӯзи аҷал.

https://bikhon.tj/

Фахрам, ки забони нарму шево дорам,
Бо лафзи дарӣ шӯҳрати дунё дорам.
Аз файзу шукӯҳи беназираш ман ҳам
Дар қасри сухан барои худ ҷо дорам.

Ин қадр забони ёри ман ширин аст,
Ҳар ҳарфу баёни ёри ман ширин аст.
Бо форсӣ ӯ сухан бигӯяд нозук,
Ин лафз чу ҷони ёри ман ширин аст.

Вақте ки шумори душманонаш афзуд,
Тоҷик миёни кӯҳҳо пинҳон шуд.
Бо хеш набурд он ҳама буду набуд,
Ӯ бурд забони модарашро бо худ.

Ман дида ба чашми худ ҷаҳони нопок,
Бисёр шунидаам забони нопок,
Ҳошо, ки забони мо шавад олуда,
Бо лафзи ҳароми ҳамзамони нопок.

Тоҷик забони бой дорад дар даҳр,
З-ин рӯй махонаш, ки надорад ӯ баҳр.
Ҳар шеваю лаҳҷа чашмаю наҳр бувад,
Ин баҳр пуроб бошад аз чашмаю наҳр.

Лафзи дариям чу шаҳду шаккар бошад,
Ширинии он зи шири модар бошад.
Бошад ба ҷаҳон забони ширини дигар,
Бо лафзи дарии ман баробар бошад?!

Хоки Ватанам бидид чандин лашкар,
Гардид зи тозубози душман абтар.
Аз оташи ҷанг сӯхт бисёр, вале
Тар монд ҳамон хоку нашуд хокистар.

https://bikhon.tj/

Ҳар фард дар ин ҷаҳон ҷаҳоне дорад,
Дар синааш оташи ниҳоне дорад.
Ин мӯи сияҳ, ки гашт хокистарранг,
Аз тафси замири ман нишоне дорад.

Буданд ду тан ба даҳр чун гурбаву муш,
Аз муш яку дигар зи гурба беҳуш.
Падруди ҷаҳон карда ба навбат ҳар ду,
Хобанд ба як мазор акнун хомӯш.

Аз душмани нотарс надорам гилае,
Тарсу бувад ар дӯст, кунам ҷингилае.
Як бор бидод пешпояш хасмам,
Андар назараш намуд чун зилзилае.

Дирӯз, ки будӣ бандаи банди амал,
Имрӯз шудӣ ту бардаи банди маҳал.
Фардо ба маҳалбозию мансаббозӣ,
Донам, ки шавӣ ту бандаи банди аҷал.

Имсол ба ман бишуд чу соли мотам,
Гум карда азизи хеш гаштам сархам.
Ман бо сари хам рӯи замин мекобам,
Гумкардаи худ дигар куҷо меёбам?!

Аз нархи гарон гарон бишуд чун ҳолам,
Ҳар фолкушо намекушояд фолам.
Дар дидаам обу сӯз дар дил дорам,
Бо сӯзу гудоз меравам з-ин олам.

Шуд нарху наво баски ба бозор гарон,
Беқадр бишуд аз он баҳои инсон.
Аз пастии нокасон, ки менолидем,
Нолем зи беқадрии инсон алъон.

https://bikhon.tj/

Ҳар рӯз калидсоз бар пиру ҷавон
Месохт калиду буд зи кораш шодон.
Бар қуфли аҷал насохт чун мифтоҳе,
Рӯзе зи ҷаҳон бирафт ӯ бо армон.

Ҳар фарди ҷаҳон дилеву модар дорад,
Ҳар шоири он китобу дафтар дорад.
Тоҷик ба дилномаву «Модарнома»
Як Лоиқи хушдилу суханвар дорад.

Хуршедсавораму саҳар мехезам,
Дилташна ба ёди шеъри тар мехезам.
Аммо нашикаста ташнагиям батамом,
Ман пештар аз субҳи дигар мехезам.

Бахшида маҳу соли зиёдам бар шеър,
Ҳар рӯзу шаб аст ҳушу ёдам бар шеър.
Мақсуди ман аз шеър набуда сарват,
Ҳастию вуҷуди хеш додам бар шеър.

Эй шеър, ки ту тифлаки зебои манӣ,
Чун ному нишони ман ба фардои манӣ.
Дунё, ки вафо намекунад бар одам,
Ман бар ту вафо кунам, ки дунёи манӣ.

Аз ҳасрату оҳи мо замин меларзад,
Аз бахти сиёҳи мо замин меларзад.
Ё айбу гуноҳи мо шуда бори гарон
Бо ҷурму гуноҳи мо замин меларзад?!

Ҳар гаҳ ки сарои манзилам меларзад,
Ҳамроҳи замин ҷону дилам меларзад.
Он қадр ба дил дарду аламҳо дорам,
Ифшо бикунам, дасту қалам меларзад.

https://bikhon.tj/

Монанди замин вуҷуди ман меларзад,
Якҷоя ба тору пуди ман меларзад.
Тори асабам чу тор гардида таранг,
Ҳамсоя зи абри дуди ман меларзад.

Дар зиндагӣ як замон чӣ вазнин будам,
Монанди замин басе батамкин будам.
Монанди замин набошам имрӯз ором,
Ҳарчанд, ки устувору сангин будам.

Аз тиру гулӯла бар замин озор аст,
Монанди замин синаи ман абгор аст.
Аз марги азизон дил агар реш шавад,
Дар қалби замин зилзилаи бисёр аст.

Гум карда қалам, қарори худ гум кардам,
Ҳамрозу аламбарори худ гум кардам.
Вақте хабаре шунидам: Одам гум шуд,
Бо гумшуда ихтиёри худ гум кардам.

Аз хона бадар рафту наомад писарам,
Аз пеши назар рафту наомад писарам.
Хуршед бирафт шому омад саҳарӣ,
Ҳангоми саҳар рафту наомад писарам.

Хуршед зи пушти қулла сар метобад,
Бетобу парешон ба назар метобад.
Хуршед магар чу ман писар гум кардаст,
Ҳар кунҷу канор аз саҳар мекобад?

Имрӯз, ки молу чиз қимат шудааст,
Баргир ҳаво, ки он ғанимат шудааст.
Фардо натавонияш харидан дигар,
Ҳам обу ҳаво сарвати давлат шудааст.

https://bikhon.tj/

Аз ҷӯи калон оби равон мегузарад,
Бо оби равон барги хазон мегузарад.
Хомӯш ба ҳар барги хазон менигарам,
Об аз бари ман таронахон мегузарад.

Гар рӯзии худ ёфтам аз кишти Сухан,
Тафти дили ман бувад зи ангишти Сухан.
Ман хона дар ин ҷаҳон накардам бунёд,
То хонаи охират шавад хишти Сухан.

Аз ҳаҷри Бухоро, ки ба дил оҳе монд,
Бар чашм зи кохҳои он коҳе монд.
Будӣ Маҳи хоса фахри хосу омаш
Дар синаи ом доғ аз он моҳе монд.

Шуд зиндагӣ аз барои ман дояи марг,
Парвард зи тифлиям таҳи сояи марг.
Медоштам ар қудрати яздониро
Мекандам аз ин хок буну пояи марг.

Эй кишвари дил, ман арҷмандат дорам,
Пастӣ накунам, ба гӯш пандат дорам.
Гар одамӣ офаридаи хоку гил аст,
Ман хоку гил аз марзи баландат дорам.

Чун боди гузар гузашт аз дори фано,
Ҳам ном ба хеш бурду нагзошт ба мо.
Дар зиндагӣ рӯйи хок агар ҷой наёфт,
Охир таҳи хок ёфт ӯ бар худ ҷо.

Чаҳкоб бирафт агар, ба мо чоҳаш монд,
Раҳсоз намонду з-ӯ нишон роҳаш монд.
Маъмур, бубар ҳар ғаму оҳат бо худ,
Хоҳӣ, ки нагӯянд ғаму оҳаш монд.

https://bikhon.tj/

Конҳои намак, ки ҳар куҷо мебинӣ,
Бо чашми сарат дигар куҷо мебинӣ?
Бо чашми дилат нигар, ки дар шӯрии он
Ту ашки гузаштагони мо мебинӣ.

Борони баҳор шеъри тар мехонад,
Сарводаи Наврӯз аз ҷигар мехонад.
Чун баччаякони идгардак аз субҳ
Ҳамроҳи насим дар ба дар мехонад.

Борони баҳор армуғон мехоҳад,
Бекинагӣ аз пиру ҷавон мехоҳад.
Ҳар гарду ғуборро бишуста бо худ,
Ойинагӣ аз сияҳдилон мехоҳад.

Борони баҳор тар кунад, боке нест,
То тар нашавад, каромати хоке нест.
Мекӯш, ки борони ғазаб тар накунад,
Борони ғазаб нишона аз покӣ нест.

Дар тифлӣ агарки хокбозӣ кардам,
Аз хок ба худ хоначасозӣ кардам.
Хоки Ватанам барои ман монд азиз,
Оварда суҷуд, сарфарозӣ кардам.

Эй дӯст, нигар, ки дар чӣ ҳолам имрӯз,
Аз хеш нанолам, аз кӣ нолам имрӯз?
Азбаски дили сафеду нозук дорам,
Чун докаи зери дарзмолам имрӯз.

То шеъри тарам пухтаву ҷаззоб кунам,
Тарки ҳавасу фароғату хоб кунам,
Монандаи мум сӯхта дар оташ,
Дар шӯълаи хеш хешро об кунам.

https://bikhon.tj/

Дил ташнаи ту, ту раҳ дигар сӯ дорӣ,
Эй чашмаи меҳр, шав суи дил ҷорӣ.
Рӯзе чу замин дилам сафолак бандад,
Бар киштаи хушки он ту суде н-орӣ.

Як субҳи дигар боз дамон мегузарад,
Хуршеди саҳар нурфишон мегузарад.
Бигзашта шабам шеъри тар аз хеш бимонд,
Аз ҷӯи сухан оби равон мегузарад.

Ранҷида зи ман дилбари хушрой бирафт,
Бо қаҳр бирафту бе ҳаю ҳой бирафт.
Ӯ рафт ба кӯйи модар, омад хандон,
То омаданаш дилам ба сад ҷой бирафт.

Гар умр чу абри гузарон мегузарад,
Афсӯс хурам, ки бенишон мегузарад.
Чун оби равон гар гузарад, бокам нест,
З-он ташнагии пирҷаҳон мегузарад?!

Ҳарчанд, ки худ зи пухтагон мехонӣ,
Ту хома чу хомкорҳо меронӣ.
Азбас ба танӯри дил туро нест шарар,
Хомат ба танӯри сард мечаспонӣ.

Ҳамқисмати ман нигори Дарвоз нашуд,
Бар мурғи висол боли парвоз нашуд.
Дарвоз ба рӯ сад дари худ боз намуд,
Бар рӯи дил он як дари дил боз нашуд.

Бар сар бинишастааст гарди пирӣ,
Бар тан шудааст ҷой дарди пирӣ.
Шодам, ки дилам ҷавон бимондаст ҳамон,
Мегуфт вагарна ёр: «Марди пирӣ!»

https://bikhon.tj/

Гуфтӣ: «Зи чӣ сархамию дорӣ мотам,
Аз боғи ҳаёт чида гӯё гули ғам?»
– Лайлии ман имрӯз бигашта маҷнун,
З-ин рӯ шудаам чу беди маҷнун сархам.

Аз шӯр ба талху туршу ширину тез,
Имрӯз гароишам набошад бечиз:
Он қадр бирехт ашки шӯр аз чашмам,
З-он аст, ки мекунам зи шӯрӣ парҳез.

Гар шеър барои дӯстонам гуфтам,
На баҳри тамаъ, аз дилу ҷонам гуфтам.
Дар даҳр агар намонам аз хеш асар,
Аз дӯстӣ осор бимонам, гуфтам.

Ҳарчанд, ки нест Қутбӣ алъон дар бар,
Бар марги ҷаҳондида надорам бовар.
Як қутб бикард аз барояш тангӣ,
Ӯ раҳ бигирифт ҷониби қутби дигар.

Лаб монда замоне ба лаби ҷӯйи равон,
Ман ташнагиям шикаста будам шодон.
Имрӯз нишаста ташнадил дар лаби ҷӯ,
Ман лаб накушода меравам бо армон.

Аз саҳна нигори фарғарӣ мегузарад,
Бо нозу адои дилбарӣ мегузарад.
Аз ҳусни худододаву овози хушаш
Як лаҳзаи кӯриву карӣ мегузарад.

Ин олами бевафо вафодор нашуд,
Бар Лоиқи бебаҳо бақодор нашуд.
Бо дарду алам ӯ ба дигар дунё рафт,
Олам ба муҳаббаташ сазовор нашуд.

https://bikhon.tj/

Дунё гузарон, ту ҳамчу абри гузарон,
Ҳар рӯзи гузаштаат бувад барги хазон.
Чун абри гузар мапӯш рӯйи хуршед,
Чун барги хазон аз паи худ дуд намон.

То чанд равӣ ба майлу ройи дигарон,
То чанд кунӣ кор ба ҷойи дигарон.
Эй дил, ту бирас ба қадри худ, варна шавӣ
Чун барги хазон ба зери пойи дигарон.

Ҳарчанд, ки шеърҳои ман шуд девон,
Номам бубаранд чун «ва ғайра» ба забон.
Шеъри тарам об хӯрда аз чашмаи дил,
Чун чукрии зерсангие нест аён.

Гулпарвару гулфурӯш буд ӯ ба замон,
Бо хандаи ту дошт лабони хандон.
Имрӯз, к-аз ӯ бӯи хазон меояд,
Эй гул, ту бикун бӯи баҳорат арзон.

Ҳарчанд, ки модар аз паи омин шуд,
Ҳайфо, падарат ба бахти мо зомин шуд.
Зонуи ту болишти парам буд, дареғ,
Рафтӣ зи ману санги ғамат болин шуд.

Эй дӯст, ҳар он, ки рӯзгоре дорад,
Бо душмани хеш гирудоре дорад.
Ҳарчанд, ки хор хорпушта дорад,
Душман ба худ ӯ ба сони море дорад.

Бо рафтани ту ҳоли дилам гашта хароб,
Чун вориси Фарҳод кашам ранҷу азоб.
Ман то дили ӯ ҷӯи вафо мекандам,
Бошад, ки «ба ҷӯйи канда боз ояд об»?!

https://bikhon.tj/

Гӯед ба дил, хаёли ҷонон накунад,
Бо хомхаёл аҳду паймон накунад.
Ман сӯхтаму валек он хом напухт,
«Кас сӯхтаро дубора бирён накунад».

Пойиз чӣ зарнисор, зар мерезад,
Ҳар буттаи пурбор самар мерезад.
Ҳарчанд, ки бед аст дарахти бебар,
Он ҳам ба хазонрез шакар мерезад.

Бар боғи гулат дер расидам, афсӯс,
Гул дидаму рӯи ту надидам, афсӯс.
Дар боғи дилат гули таманно киштам,
Аммо гули васли худ начидам, афсӯс.

Худ меравию бадии ту мемонад,
Нафрин ҳама бар ҷои дуо мехонад.
Бо шустани покшӯ намегардӣ пок,
Айбу гунаҳат кафан намепӯшонад.

Эй кӯҳнабаён, ки гулшукуф мехезӣ,
То чанд бигӯӣ сухани даҳлезӣ?
Ҳамчун гули пажмурда ҳиҷову ҳарфат,
Ту аз сухани сабз магар парҳезӣ?!

Пеш аз ману ту боғи сухан буд маъмур,
Карданд басе меваи ширин манзур.
Бар боғи сухан кунун равам бар лошӣ,
Бар ҷустани шингили ниҳони ангур.

Бар зишту дағал дурушт номе будаст,
З-ӯ талх ба рӯзгор коме будаст.
Бин, дар назар ангораи одам дорад,
Ё хоки дурушт аз гили хоме будаст?!

https://bikhon.tj/

Дирӯз, ки тифл будаму бедандон,
Буд гиря чу тарҷумону ман бастазабон[1].
Он қадр бикард рӯзгорон сӯҳон,
Имрӯз манам ба зиндагӣ бастадаҳон.

Чандест, ки дӯст, аз диёрам дурӣ,
Аз чашми ману аҳли таборам дурӣ.
Худ рафта ба дурие, маро мехонӣ,
Ман мавҷаму аз рӯд надорам дурӣ.

Ин пир, ки пеш аз дигар бедор аст,
Барнову ҷавондил асту марди кор аст.
Олудаи хоб шири хоболудон,
Бедор зи шири субҳ бархурдор аст.

Эй мард, ки бо пурхурӣ оганда шудӣ,
Бо сурати зишт боиси ханда шудӣ,
Мо бандаи ранҷему надорем азоб,
Ту банди ғамастӣ, ки шикамбанда шудӣ.

Дунё гузарону умри одам гузарон,
Дарёи ҳаёт меравад ҷӯшзанон,
Эй дӯст, вале чу кӯл ҳастӣ сокит,
Чун ахтари собита машав ноҷунбон.

Ҳар бор туро ба чашми ҳайрат дидам,
Аз ранги ту ман сиришту фитрат дидам.
Ҳар гоҳ, ки пӯстат дигар мекардӣ,
Ҳирбосифате туро ба сурат дидам.

[1] Мазмун аз Калими Кошонӣ.

https://bikhon.tj/

Аз рафтани умр баски мондам ғофил,
Бе суд басе солу маҳам шуд ботил.
Киштам ба замини дил фузун дони мурод,
Аз ҳосили он нашуд муродам ҳосил.

Аз ҳаҷри ту ғамхона шавад манзили ман,
Бо рафтанат осон нашавад мушкили ман.
Ҳар хори ба по халида берун кардам,
Ҷуз хори ғамат, ки мехалад бар дили ман.

Дар шаҳри азиму пурсадо, пуродам
Ман гӯш ба ҳар садои ту медодам.
Дар шаҳри фироқ мезанам бонги висол,
Дар шаҳри сукут нашнавӣ фарёдам.

Ҳаргиз ҳавасе ба булҳавасҳо набарам,
Ҳар гулҳавасе магас бувад дар назарам.
Ман монда вафодор ба гул чун булбул,
Аз гул ба гуле чу гулпаракҳо напарам.

Устоди ту нек буд, бадомӯз машав,
Дар рӯзи ҷанозааш кафандӯз машав.
Ӯ дар раҳи ту буд чароғи равшан,
Ту баъди сараш кирми шабафрӯз машав.

Дар Хонаи пирон, ки иқомат доранд,
Ҳар як самар аз киштаи худ бардоранд.
Дирӯз ба ҳоли зор монда фарзанд,
Имрӯз зи бекасӣ ба ҳоли зоранд.

Лоиқ, ки дар ин ҷаҳони пуршӯру мағал
Афтод зи шасти умр бар шасти аҷал,
Мегуфт дубайтиву рубоию ғазал,
Бо рози ниҳон бирафту худ гашт масал.

https://bikhon.tj/

Эй шӯх, нарафтаӣ зи ёди дили ман,
Боре бишунав ту арзу доди дили ман.
Дар кӯчаи номуродиям саргардон,
Гардонда ту боз рӯ, муроди дили ман.

Дар шоми ғамам чу маҳ бароӣ, чӣ шавад?
Монандаи шаббода биёӣ, чӣ шавад?
Чун рӯзи муроди ошиқи пазмонат
Ё аз дари субҳ ту бароӣ чӣ шавад?

Хоҳад дили ман ҳамеша хушбахтии ту,
Хоҳад тани ман ҳаршаба ҳамрахтии ту.
Бар сахтии айём намоям тоқат,
Тоқат набувад вале ба дилсахтии ту.

Имрӯз ки як суханвари айёмам,
Бо шираи шеър ҳаст ширин комам.
Гар ном намонам ба китоби таърих,
Дар дафтари айём бимонам номам.

Чун решаи ман сабз бувад дар хокам,
Аз қайчии айём набошад бокам.
Бо навдаи тоза қад кашам аз сари нав,
Айём агарчи мебурад чун токам.

Бехобии ман гарону душвор бишуд,
Ду дидаи сурх рашки рухсор бишуд.
Айём чу афлок ба гардиш омад,
То бахти бахобрафта бедор бишуд.

Ё хоки ту шӯрида шуд аз хоки дигар?
Ё ки ту фитодаӣ зи афлоки дигар?
Моем зи як замину зери як чарх,
Бар синаи садчок мазан чоки дигар!

https://bikhon.tj/

Тарсам, на зи тири ҷонситон метарсам,
Аз теғи нигоҳи нокасон метарсам.
Дар гурснагӣ чашму дилам гушна набуд,
Аз гурсначашмони замон метарсам.

Ду дидаи пардадор дорад дилбар,
Нодида маро гузашт дирӯз аз бар.
Гуфтам, ки чаро надида рафтӣ, ба ҷавоб
Боз аз паси парда ҷонибам дӯхт назар.

Фарёд зи бераҳмии чархи каҷрав,
Бо доси аҷал киштаи ман кард дарав.
Ҷони ду писар гирифту ҷонам нагирифт,
Ҳарчанд, ки дар бадал бимондам ба гарав.

Соиб, Соиб, ки соҳиби девонӣ,
Худ лоиқи шеъру ғазалу дастонӣ.
Султони ғазал Ҳофизу Саъдӣ бошанд,
Бар бандаи ошиқ ту дигар султонӣ.

Овози туро чу аз садо бишнидам,
З-оинаи дил рӯи шиносат дидам.
Дар ҳалқаи дилбарони осоишгоҳ
Номат ба забон гирифтаму болидам.

Оне, ки набуду нест огоҳи сухан,
Дар Кохи сухан бод диҳад коҳи сухан.
Аз ҳастии ин шоиракони хасакӣ
Имрӯз бигашта танг даргоҳи сухан.

То худ накашӣ машаққату дарди сухан,
То худ начашӣ аз намаку гарди сухан,
Эй навқадаму навсафари роҳи адаб,
Дар саҳни сухан намешавӣ марди сухан.

https://bikhon.tj/

Андарзи гузаштагони худ ёд кунем,
Бо кори накӯ хотирашон шод кунем.
То хона барои хеш бунёд кунем,
Мо хонаи дил пештар обод кунем.

Эзид, зи ҷаҳон намон, ки ноком равем,
Бояд биравем пухта, на хом равем.
Моро ту амон зи марги бадномӣ деҳ,
Магзор, ки бе нишон аз айём равем.

Дар бурдани пора соате дер накард,
Дар хӯрдани ришва ҳеҷ таъхир накард.
Бунёд бикард баҳри худ қасри азим,
Як хонаи дил дубора таъмир накард.

Модар, ки писар ба ноз мепарвардӣ,
Охир ту варо балои ҷонат кардӣ.
Бегона ба ҷони хастаат дармон шуд,
Бар дарди ту ӯ намекунад ҳамдардӣ.

Коҳил, ки ба муфтхор ёрест ҳамон,
Бар дӯши замона хуфта борест ҳамон.
Мардон зи саро раҳ ба сурайё бурданд,
Он ришсафед ширхорест ҳамон.

Беҳудасуханҳо ба замон кам буданд,
Ногоҳ чу кӯзақандие афзуданд.
Гар «шеър зи сарчашмаи дил обе» буд,
Ин оби зулолро ба гил олуданд.

Ҳошим, Ҳошим, ки худ Гадоӣ ҳастӣ,
Дар олами хеш як фидоӣ ҳастӣ.
Ҳарчанд, ки одамию ҳастӣ ба Замин,
Донам, ки худододу самоӣ ҳастӣ.

https://bikhon.tj/

Худ монда Ато[1], атои дунёи ҳунар,
Чун фарди ҳунар бирафт аз нав ба сафар.
Аз асп ба аспи дигаре гашта савор,
Бори ҳунараш бурд ба дунёи дигар.

Ҳар бор агар шароб хӯрдам ҷое,
Бар рафъи ғаму азоб хӯрдам ҷое,
Аз хушдилиям рақиби ман хун мехӯрд,
Гар худ маи софу ноб хӯрдам ҷое.

Бар гӯш садои об меояд боз,
Аз умри равон хитоб меояд боз:
«Эй раҳрави роҳи орзую уммед,
Дар роҳи амал шитоб» меояд боз.

Бигзашт агар ҷавоният бо хорӣ,
Имрӯз чӣ хуш, давлати пирӣ дорӣ.
Дар кори сухан нагаштаӣ нодаркор,
Чун пири сухан ту мондаӣ даркорӣ.

Огаҳ ки ту нестӣ аз асрори сухан,
Худро чи занӣ бар дару девори сухан.
Мо дастагули тозаву тар мехоҳем,
То чанд ту даста бандӣ аз хори сухан?!

Аз ишқи ту шоир шудани ман фарз аст,
Тавсифи туро ба шеър кардан қарз аст.
Худ байти сара миёни ашъор шудӣ,
Ҳар байт, ки интихоб шуд, андарз аст.

[1] Ато Муҳаммадҷонов.

https://bikhon.tj/

Сар фикру хаёли ёри ҷонӣ дорад,
Бар рӯи ду дида хас гаронӣ дорад.
Дилбар, ки саёҳати ҷаҳонӣ дорад,
Дил сайр чу абри осмонӣ дорад.

Ту хобию, эй нигор, ман бедорам,
Нашнид дилат садои қалби зорам.
Дарвозаи субҳ шуд кушода бар рӯз,
Уммеди кушоиши дари ту дорам.

Ду сӯхтабахт умеди бориш накунанд,
Дилҳои шикастаро навозиш накунанд.
Дунё раҳи оримишу созиш бигирифт,
Чун оташу об ҳар ду созиш накунанд.

Аз омади худ ба даҳр нолиду бирафт,
Чун барг хазони умри худ диду бирафт.
Пок омаду нопок бирафт аз олам,
Монандаи гирдбод печиду бирафт.

Бар кӯҳ нигар, ки он чӣ манзар дорад,
Дар фасли тамуз ранги дигар дорад.
Дар айни ҷавонияш магар пир шудаст,
Аз барфи сафед салла дар сар дорад.

Дилбар, ки вафодор шуду ҳамсар монд,
Меҳраш ба дилу хаёли ӯ дар сар монд.
Ҳар бор, ки дур аз ӯ бихӯрдам обе,
Осон нагузашту дар гулӯям дармонд.

Фарзанди замонему замонбехабарем,
Дорем ҷаҳоннамо, ҷаҳонбехабарем.
Ҷамшед ба ҷоми худ ҷаҳонбинӣ кард,
Мо ҷомбадастему ҳамон бехабарем.

https://bikhon.tj/

Дар хоки Ватан чаро гадое бошем?
Мӯҳтоҷ ба эҳсону сахое бошем.
Ҳар як кафи хоки мо, ки зарбахшо аст,
Нанг аст, ҳақиру бенавое бошем.

Бо рафтани ду пури накӯ пеш аз ман,
Хушкид дарахти орзу пеш аз ман.
Гӯянд, ки орзу бимирад охир,
Гӯед, пас аз чӣ мурд ӯ пеш аз ман?!

Аз чашмаю рӯд ман наво бишнидам,
Бас нағмаю сози дилрабо бишнидам.
Ҳар ду шуда ҷӯр шашмақомам хонданд,
Бо кӯҳу дара мақомҳо бишнидам.

Дар гулдара Ҷӯрабеки хушхон мехонд,
Бо шеваи хосу ҷӯши илҳон мехонд.
Бо қақраи хеш ҷӯр гардида ба он
Аз пуштаи куҳ кабки хиромон мехонд.

Ҳар кас, ки сурудаам пас аз ман хонад,
Хоҳам, ки маро ҳамдами ду Гул[1] донад.
Дар байни варақҳои китобам фардо
Бас бошад, агар се барги ёде монад.

Чун асри куҳан ҷавониям бурд осон,
Тарбарги дарахти умри ман гашт хазон.
Ҳар рафтабаҳор боз бармегардад,
Эй асри куҳан, баҳори ман баргардон.

[1] Гулрухсор ва Гулназар.

https://bikhon.tj/

Абрест ба рӯи осмони қисмат,
Хуршед наменамояд аз он талъат.
Майдони кушода бузкашие доранд
Як зумра нишаста рӯи аспи шӯҳрат.

Ду соҳили дарё, ки ба ҳам пайванд аст,
Ҳар раҳгузар аз дидани он хурсанд аст.
Дарёи ғам аст дар миёни ману ту,
Эй ёр, ҷудоии ду дил то чанд аст?

Ту рафтаӣ бар саёҳати дунёӣ,
Рӯзу маҳи ман гузашт бар раҳпоӣ.
Дар шаҳри Ҷудоӣ сафарат тӯл кашид,
Бошад, ки ба шаҳри Васл раҳ паймоӣ.

«Аз мурдаи одамӣ замин сер нашуд»,
Ҳам сер зи марги рӯбаҳу шер нашуд.
Пас аз чӣ ба Иблис надорад коре,
Бар мурдани Иблис магар дер нашуд?!

Ин даҳр, ки худ бувад пур аз шӯру мағал,
Пас, аз чӣ кунем боз ғавғои маҳал?
Бояст, ки шаҳри Меҳр бунёд кунем,
Сарҷамъ шавем ҳар як аз пушти амал.

Ҳарчанд саноати сухан медонӣ,
То чанд ба кӯҳнагӣ қалам меронӣ?
Ҳар шеъри нав аст чун арӯси зебо,
Пас аз чӣ либоси кӯҳна мепӯшонӣ?!

Наврӯзи Аҷам, ки ҳадя аз Ҷамшед аст,
Аз Қайс ба ёдгор маҷнунбед аст.
Ту одамию умед парвар дар дил,
Шайтон ба раҳи муроди худ навмед аст.

https://bikhon.tj/

Аз нури сухан, ки бахшиши Яздон аст,
Чашму дили ман равшану нуристон аст.
Хонанд агарам суханвари равшангӯ,
Ҳар ҳарфу баён равшан аз он эҳсон аст.

Бар кӯҳ назора мекунад кабки қафас,
Як лаҳза нигоҳ меканад аз маҳбас.
Ӯро набувад ба донаю об ҳавас,
Сангеву ҳавои кӯҳ мехоҳаду бас.

Пайдо шуда ҳолиё сухандузде чанд,
Ҳам номи китоби шеъри ман дуздиданд.
Тарсам, ки пас аз марг кафандузд шаванд
Он шоиракони монда аз мактаби панд.

То сатр ба сатри дигаре зам кардам,
Як рӯз зи умри гузарон кам кардам.
Бар ҳурмати ҳар ҳиҷо сари болоро
Аз рӯи варақ пеши сухан хам кардам.

Он нодири дунёи сухан Нодирпур,
Бо ёди Ватан бизист аз Эрон дур.
Пайваста заминро ба замон дар охир[1],
Пас шеърбалаб бирафт то бар лаби гӯр.

Ҷое ки шуданд ошиқон ишқталаб,
Безории ишқ буд дар қаҳру ғазаб.
Дар шаҳри Димишқ ишқ чун қаҳтӣ шуд[2]
Фарёди Насимӣ омад аз шаҳри Ҳалаб[3].

[1] Ишора ба маҷмӯаи охирини шоир «Замин ва замон».
[2] Мазмун аз байти машҳури Саъдӣ.
[3] Шаҳр дар Суриё, ки он ҷо ҷоҳилон шоири зуллисонайн Имомаддин Насимиро барои аналҳақ гуфтанаш зинда пӯст канда буданд.

https://bikhon.tj/

Чашмони сарам ба роҳи дилбар чоранд,
Чашмони дилам ба ёди ӯ бедоранд.
Шабҳои дарозро расондам то субҳ,
Шабҳои фироқ кӯтаҳие доранд?!

Бар оҳуи кӯҳӣ ҳавасам меояд,
Бо ҳастии худ ба қулла ҳусн афзояд.
Сайёд агар бенафасаш гардонад,
Гӯй ба нафас ҷон зи танам биброяд.

Эй булбули кӯҳӣ, аз навоят шодам,
Овози хушат намеравад аз ёдам.
Дилмонда шудам зи ҳофизони бадхон,
Худ хон, ки ба хушхонии ту дил додам.

Як арчаи сабз дар сари кӯҳи баланд,
Тобад ба назар чу аскари кӯҳи баланд.
Рӯзону шабон ситода бинӣ ӯро
Чун бонии ганҷу манзари кӯҳи баланд.

Ҳоло, ки ту қаср дорию боми калон,
Инъом шуд аз мартабаю номи калон.
Маъюс машав баранд агар бар маҳбас,
Як ҳуҷра шавад баҳри ту инъоми калон.

Бас ком ситонда комгор аз айём,
Боре назаре накард сӯи ноком.
Ноком ба вақти ҷонканӣ обаш дод,
Ду дида намеканд аз ӯ дар фарҷом.

Гуфтам ба ту, эй нигор, Раштам аз ту,
Помиру Ҳисору Вахшу Аштам аз ту.
Аммо раҳи байни дил бишуд дуру дароз,
Умрам бигузашту нагузаштам аз ту.

https://bikhon.tj/

Ишқи ту, ки аз банди аҷал дод наҷот,
Эй ёр, ба ҳастият натарсам зи мамот.
Ҷӯянд нишонаи ҳаёт аз Миррих,
Бе ту ба Замин барои ман нест ҳаёт.

Печид чу бо рӯсияҳияш ба гуноҳ,
Рӯсӯхта гашту ҳоли худ кард табоҳ.
Гар деги сияҳ ба сӯхтан гашт сафед,
Испед нашуд ба сӯхтан рӯи сиёҳ.

Ноҳақ ба қиёс агарчи пир аст имрӯз,
Фармонбари ӯ Ҳаққи ҳақир аст имрӯз.
Ноҳақ ба адолат, ки адоват дорад,
Бо лашкари кинааш далер аст имрӯз.

З-ин олам агар ба дил аламҳо дорам,
Бо олами дигарам таманно дорам.
Аз ишқи қаламқош қаламкаш гаштам,
Дар олами шоирӣ қаламҷо дорам.

Чил хона агарчи буд ганҷи Қорун,
Ӯ дер напоид ба зери гардун.
Як хона китоб дораму дилшодам,
Қорунии ман ҳазор бор аст фузун.

Имрӯз, ки ман шоҳиди ду манзараам,
Аз дузди замона хастаю бефараам.
Ӯ қуфлу дару панҷараҳо мешиканад,
Дар хонаи худ ман ба паси панҷараам.

Ҳаргиз ба ҳузур боиси ранҷа машав,
Ҷое ки Низомӣ аст, дар Ганҷа машав.
Ҳар панҷа, ки аз барои панҷ ангушт аст,
Ангушти зиёди ҳар кафу панҷа машав.

https://bikhon.tj/

Чун абри гузар гузашта умрат башитоб,
Ҳар рӯзу маҳу соли ту бошад баҳисоб.
Хуршед дар осмон бувад дар гардиш,
Ту рӯи замин чу соя хобастию хоб.

Он сангдилон, бубин, чӣ бо мо карданд,
Карданд ҷудову дилхушиҳо карданд.
Хоки ману ту бехта бо элаки худ
Девор зи санги сина боло карданд.

Фардо ба дуо агарки шодам накунед,
Дар маҷлиси худ бо бадӣ ёдам накунед.
Бар хирмани дигарон набудам коре,
Бодӣ наяму чу коҳ бодам накунед.

Бар зирафурӯш, дилбари Сарвода,
Дил додаму худ нашуд ба ман дилдода.
Гарчи раҳи Анзоб зи нав боз бишуд,
Роҳи дили бастааш нашуд бикшода.

Эй зирафурӯши Петигии хушном,
Чун зираи хеш бурдӣ аз дил ором.
Ҳар бор, ки зираи туро мебӯям,
Аз бӯи хушаш бӯи ту ояд ба машом.

Чун аз хурухобпешагон парҳезам,
То дер нахуфта пештар мехезам.
Гар субҳ зи худ нуру сахо мепошад,
Ман нури сухан ба шеъри нав мерезам.

Аз чеҳраи офтоб то мамнунам,
Дар рӯзи ҳавогирифта ман маҳзунам.
Рӯзе ки ҳаво кушод, бозам баалам,
Дилҳои гирифта мекунад дилхунам.

https://bikhon.tj/

Чашми бади мардумон ба сӯят нашавад,
Пою қадами бадон ба кӯят нашавад.
Аз гулназарии ту манам некназар,
Чашми ҳавасам канда зи рӯят нашавад.

Гӯянд маро, ки шоири содадилам,
Пӯшидадиле наям, ки бикшодадилам.
Чун ориям аз фитнаву бухлу кина,
Бо содадилии хеш озодадилам.

Оне, ки бидод дар замонам озор,
Озор зи кардаҳо кашидаш ҳар бор.
Ҳар гаҳ ки сифатномаи ӯ бинвиштам,
Дар хондани он кашид ранҷи бисёр.

Эй шахси накарда раҳм бар ҷони сухан,
Рӯзе бикунад кӯр туро нони сухан.
Дирӯз агар будӣ гиребонгирам,
Имрӯз бигирӣ аз гиребони сухан.

Вақте ки шудам равона бар шаҳри калон,
Дар боғи падар нишондаме нахли ҷавон.
Акнун зи дарахту шохаҳои сабзаш
Қадди ману панҷаҳои ман монда нишон.

Як зумра ҳаёт бурда бо нони сухан,
Меҳмони нахондаанд дар хони сухан.
Ҳар як дару дарвоза бувад дарбондор,
Афсӯс аз он, ки нест дарбони сухан.

Дар сояи дигарон паногоҳам нест,
Аз раҳрави дигарон хати роҳам нест.
Ман доя надоштам замони тифлӣ,
Ҷуз зиндагӣ ёвару дилогоҳам нест.

https://bikhon.tj/

Ҳар дам, ки ғанимат аст, дамсоз куҷост?
Розам, ки нагуфта аст, ҳамроз куҷост?
Аз ҳамнафасони бад нафасгардонам,
Як ҳамдили мушфиқу ҳамовоз куҷост?

Дар зиндагӣ ар роҳи хатое дорӣ,
Бар саҳву хатои худ ҷазое дорӣ.
Роҳи ҳама гар дар ибтидо ҳарранг аст,
Як раҳ чу ҳама дар интиҳое дорӣ.

Боғи падарам фурӯхта моиндар,
Дар хоки дигар кард бино боғи дигар.
Дар боғи падар дарахти бечирм будам,
Шуд захми танам зиёда бе боғи падар.

Эй ёр, вафоят, ки таманнои ман аст,
Мерос зи ишқат ин ғазалҳои ман аст.
Ман шасти камоли худ зи ту медонам,
Аз ҳастии ту умеди фардои ман аст.

Ту рӯи самоию манам рӯи саро,
Эй ахтари бахти дур, наздик фаро.
Аз чашм ниҳон машав, дилам бишкаста,
Дидори ту ҳамчу мӯмиёест маро.

То чанд чу абр гиря дорӣ, эй дил?
То чанд ба зери ғусса зорӣ, эй дил?
Гар гиря нашуст гарди ғамҳои туро,
Бо ханда чаро бурун наорӣ, эй дил?!

Дар умр, ки мӯҳтоҷи тағое нашудам,
Бар кӯрдили замон асое нашудам.
Аз якраҳиям рӯи гилеме бурданд,
Чун қолии ранга зери пое нашудам.

https://bikhon.tj/

Эй чашмкабуд, дилбари Варзобӣ,
Ҳарчанд, ки худ суғдияму Яғнобӣ,
Чун чашми ту ман надидаам чашми дигар,
Ҷуз чашми Худо, ки буда он ҳам обӣ.[1]

Дар хурдӣ, ки аз Хӯса намехӯсидам,
Бе бим рухи духтаракон бӯсидам.
Имрӯз гирифта бӯса аз хӯсанамо,
Аз бӯсаю фарҷоми бадаш тарсидам.

З-он пеш, ки, эй тезгарон, тез кунед,
Боре зи забони тез парҳез кунед.
Дигар ҳамаро намуда тезу сӯҳон,
Умре ҳазар аз ханҷари хунрез кунед.

Рӯзе, ки ҷудо шудем аз ҳам ману ту,
Будем ба ҳам ба соҳили ғам ману ту.
Дарёча ба марги ишқи мо мегирйист,
Ҳарчанд надоштем мотам ману ту.

Гуфтӣ, ки Убайди Рачаби ҳамдам рафт,
Шодиву сурурбахши мо бо ғам рафт.
Бобо буду дошт ӯ дили тифлона,
Бо он дили тифлона кай аз олам рафт?!

Чун мавсими офтобгардони ман аст,
Аз рафтани умр дар дил армони ман аст.
Эй косагули давра, на бар рафъи хумор,
Бар дафъи ғамам майи ту дармони ман аст.

[1] Иқтибос аз шоири Эрон Қайсари Аминпур:
«Эй мисли чашмҳои Худо обӣ».

https://bikhon.tj/

Эй шеър, забони ишқу розам будӣ,
Ифшогари ҳар сӯзу гудозам будӣ.
Ҳар гоҳ, ки ҷонамози худ бикшодам,
Ту сураву ояти намозам будӣ.

Гӯянд, ки шеъри вақт мегӯям боз,
Гаҳ нарм ва гоҳ сахт мегӯям боз.
Ҳар рӯзи ҳаёт нест якрангу аз он
З-испеду сиёҳи бахт мегӯям боз.

Дар асри навин, ки кӯҳнагӯ бисёр аст,
Аз дасти ғазалбоф ғазалхон хор аст.
Ҳофиз, ба ту эҳтиёҷи мо камтар нест,
Дар қолаби хиштрез ҳам ашъор аст.

Эй ҷони падар, ҷони ҷаҳонам бошӣ,
Ҳам фахри ману фахри замонам бошӣ.
Рахшида ба мисли ахтаре рӯи замин,
Баъд аз сари ман ту хушнишонам бошӣ.

Гуфтӣ, ки агарчанд назар дӯхтаӣ,
То ҳол маро хуб наомӯхтаӣ.
Гар номаю ҳолномаи ман аҷаб аст,
Пас, аз чӣ китоби шеъри мо сӯхтаӣ?!

Гӯянд, ки хушку тар бисӯзад якҷо,
Ман шубҳа ба ин гуфта надорам асло.
Бар сӯхтани шеъри таре дорам шак,
Аз саҳфаи дил агар равад бар лабҳо.

Борид чу барфи симгун аз дина,
Шуд пайраҳи кӯҳу пушта мармарзина.
Имрӯз ба пуштакӯҳ кардам назаре,
Чашмам бирабуд бо ҷило ойина.

https://bikhon.tj/

Эй барфи нахуст, барфи пайғому навид,
Бо омади ту фасли зимистон бирасид.
Эй барфи сафед, дорам аз ту уммед,
Бахти сияҳи маро бикун боз сафед.

Эй шаҳри Душанбе, чӣ мубарро шудаӣ,
Ту шаҳри дилӣ, аз он дилоро шудаӣ.
Тоҷики Бухоро ба ҳавас менигарад,
То Хонаи тоҷикони дунё шудаӣ.

Аз Хоҷаи оби Гарм гармӣ бурдем,
Аз ҳавру ҳавои нарм нармӣ бурдем.
Ҳамроҳ ба он гармию нармӣ бо худ,
Сабр аз дили нозанини шармӣ бурдем.

Аз боғи падар мева нахӯрдам,афсӯс,
Ман доғи падар ба сина бурдам, афсӯс.
Дар хоки дигар реша давондам танҳо,
Бо хеш ниҳолаке набурдам, афсӯс.

Фарзона манам аз он, ки Фарзон дорам,
Дилбанди ягонаи забондон дорам.
Вақте ки бимонам аз забони гӯё,
Бар лафзи ишоратам баёнхон дорам.

Як рӯзи дигар гузашт аз умри гузар,
Аз рӯзи гузашта монд як мисраи тар.
Як мисраи тар бимонд аз шеъри дароз,
Як мисраи тар расонд бар рӯзи дигар.

Чун умр ба давлати падар меронӣ,
Кай қимати вақту зиндагӣ медонӣ?
Имрӯз, ки хондаанд худгумкарда,
Фардо, ту яқин, ки гумнишон мемонӣ.

https://bikhon.tj/

Эй дӯст, магар бехабарӣ аз Варзоб?
Гӯйӣ: – Набувад суханваре аз Варзоб.
Дарёи равону чашмааш шеъри тар аст,
Омӯз ту шеърофарӣ аз Варзоб.

Чанде ки ба даҳр меҳмонӣ дорам,
Дар олами шеър зиндагонӣ дорам.
Ноком нагашта аз ҳаёти талхам,
Бо шираи шеър комронӣ дорам.

Эй бехабар аз назокату бӯи сухан,
То чанд ту даст мебарӣ сӯи сухан.
Рӯзе шиканӣ пою сару гардани худ,
Афтодаю норасида то кӯи сухан.

Дар хоб калиди ҳуҷра Мӯъминшо[1] дод,
Аз хонаи нав барои ман ҳам ҷо дод.
Сӣ сол муқаддам ба дами бедорӣ,
Дар хонаи шеър ӯ ба ман фатво дод.

Бар дафъи фишори ғам мусаллас хӯрдам,
Бар рафъи фишори хун мухаллас[2] хӯрдам.
Азбас ба фишори зиндагӣ дору нест,
Гаҳ ҳар ду ба якҷоягӣ то бас хӯрдам.

Даҳ рӯзи Худо фақат рубоӣ гуфтам,
Ҳар чӣ гуфтам, вақти сабоӣ гуфтам.
Дарди дили хеш карда як-як ифшо,
Якчанд рубоии давоӣ гуфтам.

[1] Устод Мӯъмин Қаноат.
[2] Номи гиёҳи кӯҳӣ.

https://bikhon.tj/

Он ёри куҳан, ки сабзҷонӣ дорад,
Дар олами ёди ман ҷавонӣ дорад.
Ҳуснаш, ки ба шеъри дил тароват бахшид,
Бо шеър ҳаёти ҷовидонӣ дорад.

Хоҳам хонам китоби пешониро,
Ҳар саҳфаву қисму боби пешониро.
Дар ҳар хати худ, ки бори розе дорад,
Камтар бикунам азоби пешониро.

Дарёи ҳаёти мо дамон асту дамон,
Ҳар барг дар он умри хазон асту хазон.
Эй баҳри Арал, намешавад оби ту кам,
Дарёи ду чашми ман равон асту равон.

Ту шод машав аз он, ки ман мемирам,
Дар ҳолати назъ бе сухан мемирам.
Бодӣ туиву беватану ҳарҷоӣ,
Ман хокиву дар хоки Ватан мемирам.

Як зумра, ки одоби сухан гум карданд,
Бо ҳарфи бади худ туву ман гум карданд.
Бадном нашуд Ватан аз он бадгӯён,
Худ гум бишуданд, то Ватан гум карданд.

Чун ҳадя ба ман, ки шеър кардӣ эҷод,
Эҳдои ту кард қалби маҳзунам шод.
Бо бӯсаи деринтизорам, Ширин,
Ширин кардӣ ту коми талхи Фарҳод.

Як зумра, ки моли туву ман медузданд,
Аз шоиру шеъри ӯ сухан медузданд.
Бар сол баромада бигарданд заиф,
Ночор зи соли хештан медузданд.

https://bikhon.tj/

Ровӣ, ки ду дида сӯи ту дӯхтаем,
Аз шаҳди лабат таҷриба андӯхтаем.
Оташдамият то ки биёмӯхтаем,
Дар оташи рӯи ту басо сӯхтаем.

Бар саҳна чу Ортиқ бигардад ҳозир,
Гоҳе бувад ӯ шоиру гоҳе носир.
Ангуштшумор монда чун марди ҳунар,
Ангушти зиёдатӣ набошад Қодир.

Бар тахти амал агар амакдор расид,
Ӯ бо раҳи безинаю ҳамвор расид.
Бар тахти Сухан расида бошад шоир,
Бо зинаи бешумори ашъор расид.

Бе кори баландаму ҳамон боорам,
Нафрин зи азал ба косалесон дорам.
Бо кисаю бо косаи холӣ будам,
Зинҳор набуд косалесӣ корам.

Маъзур, аё косагули давронам,
Ман нанг ба хеш чоплусӣ донам.
Монандаи косапушт коса бар пушт
Он беҳ, ки қатори косагардон монам.

Чандон, ки ба уммед қалам меронам,
Худ шоири шеъри зиндагӣ мехонам.
Ҳар пасту баланде, ки бувад дар шеърам,
Аз пасту баланди зиндагӣ медонам.

Имрӯз ҳар он, ки чанд доллар дорад,
Дар дил ҳавасе ба ҳаҷҷи акбар дорад.
Чун санг кулӯх ҳам зимистон аз барф
Сарпӯши сафеди гирда дар сар дорад.

https://bikhon.tj/

Дар рӯи замин, ки зиндагӣ дорам чанд,
Худ хокияму ба хокиёнам пайванд.
То ки ба сухан расам ба кайҳони диле,
Аз марзи баланд хоки ман бигрифтанд.

Кас донаи ҳиммате накорад имрӯз,
Борони саховате наборад имрӯз.
Эй дил, ба умеди дигарон будан бас,
«Девори касе соя надорад имрӯз»[1].

Дил мекашадам, ки бо ту бошам, дилбар,
По мекашадам, ки ман равам ҷои дигар.
Дар роҳи дилу по шудаам саргардон,
Ту рӯй магардон зи мани дилбовар.

Эй қасрнишин, махон, ки қаср аст камин,
То қасргузин шудан бишав халқгузин.
Мекӯш, азизи пиру барно гардӣ,
Дар хонаи чашму дил шавӣ болошин.

Имрӯз ба мансабат туӣ болодаст,
Бар пири хирад намедиҳӣ ҳатто даст.
Барге, ки ба зери пои худ мебинӣ,
Аз шохи баланд бар замин афтодаст.

Ҳоло ки ҷавонию чу дегӣ ҷӯшон,
Сар хам накунӣ ба пеши пирони замон.
Чун деги ҷавоният бимонад аз ҷӯш,
Он гоҳ чу сарпӯш шавӣ сарпоён.

[1] Аз Бедил.

https://bikhon.tj/

Шогирдаки мо на давлату сарват дошт,
Бар Давлату устоди худ ҳурмат дошт.
Вақте ки бишуд аз амалаш давлатдор,
Бар Давлату устоди худ нафрат дошт.

Бояд кӯшем, неши нӯше нашавем,
Бадном ба ҳар забону гӯше нашавем,
Сангин накунем вазни худро ба гуноҳ,
Фардо мирем, бори дӯше нашавем.

Гардун, ки зи гардиши ту саргардонам,
Бекорию бепулӣ азоби ҷонам.
Чун қитъаи беоб сафолак бастам,
Эй абри гузар, бирез ту боронам.

Аз «Чашмаи шоирон» даме нӯш кунам,
Бар замзамаҳои қалбашон гӯш кунам.
Бо оби зулол шуста ҳар гарди малол,
Ғамҳои замонаро фаромӯш кунам.

Дар баччагиям аспсаворӣ кардам,
Сад бор фитодаму на зорӣ кардам.
Дар баччагӣ асптозӣ ар шуғле буд,
Бо пирии по пиёда коре кардам.

Бо хандаи ту ин фалаки нилобӣ,
Ёро, шавад офтобию маҳтобӣ.
Дастам нарасад ба осмон, боке нест,
Ту дастрасу чу осмон метобӣ.

Харчанд, ки ном дораму нон дорам,
Аз омади худ ҳасрату армон дорам.
Умрам ба адои қарзи мардум бигзашт,
Аз қарзи Ватан азоби виҷдон дорам.

https://bikhon.tj/

Пойизу зи нав бубин, расидаст анор,
Аммо донӣ зи чӣ кафидаст анор?
Аз рафтани боғбон бигашта дилкаф,
Бар хок ба ранги хун чакидаст анор.

Ҳайфо, ки туро хонда нигори хушгил,
Ман мехчагул дамонда будам дар дил.
Аммо зи нигоҳи мисли сармо сардат
Дар гӯшаи сина яхчагул шуд ҳосил.

На дар Қаратоғ истироҳат кардам,
Монандаи дигарон фароғат кардам,
Чун зиндагӣ аз дарду ғам озод накард,
Бо зиндагиам нишаста сӯҳбат кардам.

Дарёи ҳаёт доимо пуроб аст,
Ҳар мард шиновар аст, нусратёб аст.
Аз мавҷ биёмӯз тариқи ҳастӣ,
«Саргардонӣ насибаи гирдоб аст»[1].

Бе субҳи рухат рӯз нагардад шаби ман,
Бе шираи бӯса талх кому лаби ман.
Ту дарси ҷудоӣ аз кӣ омӯхтаӣ?
Ту дарси висол гир аз мактаби ман.

Гӯянд, ки Лоиқи сухан майзада буд,
Дидем басе ҷоми паёпай зада буд.
Ӯ май зи фишори зиндагӣ менӯшид,
Беҳудаву бесуд куҷо, кай зада буд?!

[1] Мисраъ аз Бедил

https://bikhon.tj/

Хоки Ватанам агарчи шоирхез аст,
Бозори суханварӣ на гарму тез аст.
Парҳезии ман зи талху шӯрӣ бошад,
Аз шираи шеър иддае парҳез аст.

Дар шаҳри карон мабод, то кар бошам,
Чун пилтабагӯш як суханвар бошам,
Гар дил нашавам ба синаи миллати худ,
Гӯши шунавои аҳли кишвар бошам.

Як зумра, ки айнаки тилоӣ доранд,
Некӯ нигарӣ, чашми гадоӣ доранд,
Бедавлатакон шуданд чун давлатдор,
Аз давлати ришва худнамоӣ доранд.

Эй руди равон[1], равона бинам доим,
Ҳар ҷӯши ту шоирона бинам доим.
Монандаи Мирзои дарёдили худ,
Дар лаб ғазалу тарона бинам доим.

Бар дарди дилам шеъри давоӣ гуфтам,
Гоҳе ғазалу гаҳе рубоӣ гуфтам.
Чанде хӯрда обу ҳавои Қаратоғ,
Гуфтам сухани тар, на ҳавоӣ гуфтам.

Бар хоб шабона модарандар омад,
Чун деви сиёҳ мушт бар сар омад.
Кам буд, ки додари маро кушт ба мушт?
Бедор шудам, садои тундар омад.

[1] Руди Қаратоғ

https://bikhon.tj/

Эй дилбари меҳрубони ман, меҳрангез,
Ангезаи меҳри ту набошад бечиз.
Ок қадр азизӣ ту, ки то баргаштад,
Ҷорӯб ба погаҳ назадам ман ҳаргиз.

Як ҷуфти муносибед имрӯз шумо,
Аз ҳам нашавед дур чун соҳилҳо.
Пайванд чу Сурхоб ба Хингоб шавед,
Чун Вахш равон шавед бо як маҷро.

Эй кафтаракони донаю лонаҷудо,
Хешони қарибеду чу бегона ҷудо.
Дар хонаи охират ҷудо бигзоранд,
Ҳамхона ба ҳам шавед, на хонаҷудо.

Гуфтӣ, ки туро чӣ ғам зи май хӯрдани ман,
Ҳам бо кӣ куҷо хӯрдану кай бурдани ман?
– Эй дӯст, агар пештар аз ман биравӣ,
Нолон кӣ шавад мисли ту аз мурдани ман?!

То чанд ба рангу бор дил бирбоӣ,
Ин ҳусни худододаи худ олоӣ.
Худ Моҳ най, пас аз чӣ монандаи он
Ҳар гоҳ ба шакли дигаре бинмоӣ?

Ёро, боис ба фахру нозам бошӣ,
Шоистаи ҳар навою созам бошӣ.
Аз кӯтаҳии рӯзу шабон боке нест,
Худ воситаи умри дарозам бошӣ.

Имрӯз, ки як суханвари айёмам,
Бо оташи дил пухта кунам ҳар хомам.
То ки ба диле бубахшам орому қарор,
Дар баҳри сухан чу мавҷи нооромам.

https://bikhon.tj/

Ҳарчанд, ки ном дорам, унвон дорам,
Дар кохи сухан ҷо чу сухандон дорам,
Аммо зи ҳама баланд ному унвон
Тоҷики баному Тоҷикистон дорам.

Дил, ғусса махӯр, ки бори ту афзун шуд,
Пуркорию боз кори ту афзун шуд.
Ёрон ба миёни раҳ намонанд туро,
Ҳон, шод бишав, ки ёри ту афзун шуд.

Раҳ пеш гирифта ҷониби олами шеър,
Кардем тавофи чашмаи замзами шеър.
Бар сайри гулистону чаманҳо рафтем,
Хӯрдем ба рафъи ташнагӣ шабнами шеър.

Султони Сафар драмнависӣ мекард,
Бар саҳна зиёда чеҳраҳо меовард.
Бикшода ба зиндагӣ ду чашми дигарон,
Бо дидаи хирабин бирафт ӯ бо дард.

Дорад пире азоби санги гурда,
Ҳоле дорад ба сони ранги гурда.
Чун марди багурда ғолиби майдон буд,
Мағлуб шавад кунун ба чанги гурда.

Дурию мани ошиқи зорат мурдам,
Аз дарди ҷудоии канорат мурдам.
Дар роҳи ту кӯки дидаам канда бишуд,
«Боз о, боз о, к-аз интизорат мурдам».[1]

[1] Мисраъ из Ҳофиз.

https://bikhon.tj/

Дар шаҳри висол ошиқон хушбахтанд,
Шаҳбаччаю синҳори замон дар тахтанд.
Дар шаҳри фироқ мондаам бе дилбар,
Ҳар рӯзи ҷудоӣ аз бароям сахтанд.

Эй марди шикорӣ, аз шикор омадаӣ,
Шодӣ, ки ба сайди бобарор омадаӣ
Рӯзе, ки аҷал баҳри шикорат ояд,
Гуфтан натавонӣ: «Ба чӣ кор омадаӣ?».

Рӯзе мирам, бимон, ки зебо мирам,
Дар боғи гуле, ҳазорово мирам.
Дар боғи дигар агарки ҷоям надиҳанд,
Дар домани Яккабоғи[1] якто мирам.

Дар қитъа чӣ моҷарост, ӯ бохабар аст,
Аз чуниву аз чарост ӯ бохабар аст.
Аз вазъи ҷаҳон агар хабардор бувад,
Аз хона, ки ғамсарост, ӯ бохабар аст?!

Устод Раҷаб Амонии фарзона,
Бас дурри сухан бисуфту шуд дурдона.
Дар кишвари афсона, ки мезист мудом,
Худ гашт ба кору номи нек афсона.

Рафтӣ писару бар сари мо ёдат монд,
Доғат ба дилу ба гӯш фарёдат монд.
Гар дасти аҷал шикаст шохи умрат
Бар мо чу нишона боғи ободат монд.

[1] Зодбуми шоир

https://bikhon.tj/

Модар, ки забонхону забондон будӣ,
Чун наҷми само ба дида тобон будӣ.
Будӣ ту агар азизи шогирдонат,
Баҳри писарон баробари ҷон будӣ.

Бо айнаки пуррабини худ хонда китоб,
Ту сакта биҷӯиву кунӣ сакта ҳисоб.
Аз ҷустани сакта, ҳон, шавӣ сактаи дил,
«Ҳар мисраъи мавҷ сакта дорад зи ҳубоб»[1].

Ҳар хок, ки киштае надорад, гӯр аст,
Ҳар об, ки ташналаб надорад, шӯр аст.
Ҳар дил, ки муҳаббате надорад, санг аст,
«Ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст»[2].

Дар пуштаву кӯҳ, ки барфи нав меборад,
Пайғом зи айёми дигар меорад.
Гар мансабие равад зи ҷои гармаш,
Борони ғам аз ду чашми ӯ мешорад.

Пойизу шуданд баргҳо тиллоӣ,
Хоҳам, ки шаванд даркҳо тиллоӣ.
Он гуна кунем зиндагиро рангин,
Фардо гӯянд: «Маргҳо тиллоӣ».

Аз об паришаве баромад ногоҳ,
Гардид равона сӯи ӯ мавҷи нигоҳ.
Аз мавҷи нигаҳ чашм агар қатра гирифт,
Бар об назар фитоду бикшидам оҳ.

[1]-2 Аз Бедил

https://bikhon.tj/

Гар ришвахӯре дар айни боӣ дидам,
З-ойинаи вақт дунамоӣ дидам:
Дирӯз ба халтаҳои пурзар мегашт,
Имрӯз ба халтаи гадоӣ дидам.

Афсӯс, туро шуд амали бад пеша,
Ҳар сабзаву гул ҳамеканӣ аз реша.
То ки назанӣ ба решаи худ теша,
Сарсабз намо буттагули андеша.

Дилбанди азизу меҳрубони ширин,
З-оташкушӣ ёфтӣ ту нони ширин.
Як ҷони азизи хеш кардӣ қурбон,
Андар бадали ҳазор ҷони ширин.

Дар ҷустани кор коргар сарсон шуд,
Аз хонанишиниаш дилаш нолон шуд.
Берун рафт ӯ, то нафаси тоза кашад,
Аз таънаи баднафас нафасгардон шуд.

Гӯянд: «Раванда, мисли дарё бошад,
Истода ба ҷо, ба сони бурё бошад»
Аз рафтану истодан агар суде нест,
З-ин умри гузар чӣ нақш барҷо бошад?!

Дил ойина буду орӣ буд аз зангор,
Шуд шуста ба ашки дидагон гарду ғубор.
То чирк ниҳон ба зери нохун нашавад,
Ман нохуни хешро гирифтам ҳар бор.

Эй дӯст, бигӯ, ки аз чӣ озурда туӣ?
Монандаи гул будию пажмурда туӣ?
Гӯйӣ, ки : «дилам мурда, нафас афсурда»,
Чун зинда туӣ, гар ба дили мурда туӣ?!

https://bikhon.tj/

Рафтам чу давоқӯй ба бозори гиёҳ,
Буданд чу ман басе харидори гиёҳ.
Ман меҳргияҳ, ки ҷустуҷӯ мекардам,
Доданд аҷалгиёҳ чун ёри гиёҳ.

То дар варақи вақт бимонад номат,
Эй дӯст, ба сӯзу соз паз ҳар хомат.
Хоҳӣ, ки абад талх набошад комат,
Ширин бинамо ҳаёт бо икдомат.

Ношир шуда мо ранҷу ҳаловат бурдем,
Бар нашр китоби нав ба нав биспурдем.
Аз пухта, ки хомҳо фузунтар буданд,
Гаҳ баҳри нахӯд оби ҳавзе хӯрдем.

Хондӣ, ки зи гӯшт оҳу шуд парҳезӣ,
Аз баҳри шикори он саҳар мехезӣ.
Бар мурдаи ҷонваре агар резам ашк,
Бо мурдани оҳуе ту май мерезӣ.

Гӯянд, ки тӯю маърака шуд танзим
Бар шоҳу арӯс «Чайка» шуд нолозим.
Тайёра барояшон муҳайё созед,
Ҳам ҳадя кунед тилифони бе сим.

Он дил, ки гудоза асту гармӣ дорад,
Бо сӯзу гудоз боз нармӣ дорад,
Бо ҷӯшу хурӯш мебарорад овоз,
Танҳо Зафари Нозими Ғармӣ дорад.

Онон, ки зи нодории худ меноланд,
Аммо на зи ночории худ меноланд,
Аз моли ҷаҳон, ки чашмашон сер нашуд,
Дар хобию бедории худ меноланд.

https://bikhon.tj/

Гӯянд, ки шоирон ҳама дороянд,
Чун Ҳотами Той дасту дил бикшоянд.
Гӯед, сухан «гавҳари ҳастӣ» бошад,
Пас аҳли сухан чаро гадо бинмоянд?!

Имрӯз, ки зиндагӣ ба дунё дорам,
Ман ҳам зи канори он ба худ ҷо дорам.
Кафлесак агар шино кунад дар кулмак,
Худ моҳияму шино ба дарё дорам.

Ҳар ҷо зи ҳалолу пок қилесту қол:
Камёб шуда рӯи замин оби зулол.
Дастони ҳалолу пок ҷустам бисёр,
Сад дасти ҳаром буду як дасти ҳалол.

Дар соҳили хеш дида ду санги гарон,
То ҳол Зарафшон бикунад шӯру фиғон.
Гар санги мазор аст нишони Туғрал,
Санги дигар аз қотили ӯ монда нишон.

Бар кӯчаю бозор нигар, рекломест,
Бар ҳар хасу хори хушку тар рекломест.
Чун нархи гарон гаронӣ овард ба сар,
Одам бишуд афгор, дигар рекломест.

Тилло нахарида дӯст ҷустам ҳар ҷо,
Буд қимати дӯст аз бароям боло.
Аммо чӣ аҷаб, ки пештар аз тилло
Занге ба дилам бимонд аз дӯстнамо.

Хуршед, ки умри ҷовидонӣ дорад,
Бингар, дар уфуқ чӣ заъфаронӣ дорад.
Аз рӯзи гузаштааш бихӯрдаст афсӯс,
З-ин рӯ дилу чашми хунчаконе дорад.

https://bikhon.tj/

Ҳарчанд ки бо сояи ман кардӣ ҷанг,
Дар дил набувад вале ғубореву занг.
Бад кардӣ агар, варо навиштам дар рег,
Некии туро навишта кардам дар санг.

То дил ба тапиданасту то ҷон ба рамақ,
Некӣ бикунему монад он рӯйи варақ.
Эй дӯст, бигир дасти ҳар афтода,
Аз Рӯдакию мактаби ӯ гир сабақ.

Чун шоир агар ба халқ манзур шудам,
Маъмурписар буда, ки машҳур шудам.
Як лаҳза зи халқи худ наҷустам дурӣ,
Худ монда халаф, зи нохалаф дур шудам.

Шоир шуда сарнавишти худ бинвиштам,
Гуфто дилу дар навишти худ бинвиштам.
Фарзанди Ватан мондаму ман номи варо
Бо меҳр ба ҳар навишти худ бинвиштам.

Ҳар кас, ки зи умри худ нишон мемонад,
Ӯ зинда ба даҳр ҷовидон мемонад.
З-ин рӯй ба гуфтае надорам бовар:
– Кас пир шавад, марг ҷавон мемонад.

Ҳарчанд, ки шеъри бахт хондам чандон,
Як шоири хушбахт надидам ба ҷаҳон.
Бал Рӯдакӣ – он суханвари оламгир-
Аз пирии худ дошт шикоят ба замон.

Имрӯз ҳама Имоми Аъзам гӯяд,
Аз мактаби ӯ роҳи тариқат ҷӯяд.
Хоҳам, ба Эмом рӯй орем пасон,
Ҳар пайрави ӯ роҳи ҳақиқат пӯяд.

https://bikhon.tj/

Шуд қаҳри нигор дарди дидор ба ман,
Ё чашми баде расид ин бор ба ман.
Дорам талаб аз ту, эй Худои якто,
Он ёри ягонаро нигаҳ дор ба ман.

Эй шӯхи сабукпой, сабук по монӣ,
Бо каҷравиат ростравӣ кай донӣ?
Имрӯз, ки қимати ту сад сомонист,
Фардо шавӣ беқурб чу як сомонӣ.

Гӯянд, ки хоби дида гӯем ба об,
Аз об чу таъбир биҷӯем ҷавоб.
Эй чашмаи пок, ёри кӯҳистонӣ,
Хобам ба ту гӯям, ки надорӣ гирдоб.

Боғу чаманам ту, Яккабоғам, бошӣ,
Зеби суханам ту, Яккабоғам, бошӣ.
Дунёи кушод дидаму гуфтам боз
Ҳусни Ватанам ту, Яккабоғам, бошӣ.

Ҳарчанд, ки ном Тоҷикистон монданд,
Аз Боми ҷаҳон боми ниҳон пӯшонданд.
Аз чашми ҷаҳон намонд тоҷик пинҳон,
Бар тахти баланди Созмон биншонданд.

Гӯянд: бас аст, мо бузургон дорем,
Мероси гарон, дафтару девон дорем.
Сарномаи ту кӣ менависад имрӯз,
Гар қадри суханвари нав арзон дорем.

Бо хеш, ки дилномаи Соиб дорам,
Як оқилу фарзона мусоҳиб дорам.
Шаб сарду аҷаб сӯҳбати ӯ тасфон аст,
Устоди ғазалҳои кавокиб дорам.

https://bikhon.tj/

Шеърам, самари нахли каломам бошӣ,
Худ пухтагари ҳосили хомам бошӣ.
Ҳар зинаи ту, ки зинабоғи ман шуд,
Беҳин асаре зи субҳу шомам бошӣ.

То нимараҳи ҳаётро тай кардам,
Се мавсими умри хешро дай кардам.
Наспарда раҳам ба нақши пои дигарон,
Бар роҳравон ҳар қадамам пай кардам.

Ҳар силсилакӯҳ қуллабандӣ дорад,
Кӯҳсор ба қулла сарбаландӣ дорад.
Эй озими кӯҳ, чӣ тарсӣ аз шебу фароз,
Ҳар қуллакушой арҷмандӣ дорад.

Бар пуштаи кӯҳ сел бо шаст омад,
Бигрифта ғизолбачча то паст омад.
Гум карда ғизол ширмасти худро,
То соҳили рӯдбори хунмаст омад.

Бо рези хазон рези дигар сар кардам,
Ҳар барги сухан даруни дафтар кардам.
То ин ки дарахти шеър монад сарсабз,
Бо чашмаи дил решаи он тар кардам.

Эй шоири шеърҳои олӣ, Лоиқ,
Ҷои ту миёни халқ холӣ, Лоиқ.
Дар олами шеър рӯйи дастон будӣ,
Дар олами меҳр безаволӣ, Лоиқ.

Он рӯз, ки дар «Адиб» ношир будам,
Бар дафтари дарди ту муҳаррир будам.
Фарёди дилат вале накардам таҳрир,
Фарёдраси ҳозиру нозир будам.

https://bikhon.tj/

Бо кинаварӣ ба хешу ҳам бегона,
Дар шаҳри пуродам шудаӣ афсона.
Маҳзун нашавӣ ту аз дили нопокат,
Маъюс шавӣ зи вируси роёна.

Ман, ки чу гули ханҷариам, эй гулбон,
Дар боғи Ватан маро баҳор асту хазон.
То ки нашавам ҷойи дигар нороҳат,
Аз хоки Ватан маро макун ҷогардон.

Як гул ту будию сад харидорат буд,
Айёми баҳор гарм бозорат буд.
Гар гулҳавасон ошиқи бӯят буданд,
Як ошиқи дилдода вафодорат буд.

Эй мом, бимонд ёдгорат писарат,
Бар ҷои ту бод медарояд зи дарат.
Ҳарчанд набуд хиштрезӣ ҳунарат,
Рафтӣ сари хишту хишт шуд зери сарат.

Дар пояи олуча бувад гӯри писар,
Дар сояи олуча бувад гӯри писар.
Мехост дилам, ки худ шавад сояи ман,
Ҳамсояи олуча бувад гӯри писар.

Эй шоири халқ, эй табиби даврон,
Имрӯз Сухан ҳамекашад дарди гарон.
Мекӯш, ки он намираду монад амон,
Ёбад зи каломи доругиат дармон.

Айнии замонро чу даҳо мехондӣ,
Гулдаста ба пои ҳайкалаш мемондӣ.
Имрӯз бидидамат, ки санги таҳқир
Бар ҷониби ӯ дудаста меғуррондӣ.

https://bikhon.tj/

Эй оби равон, умри гарон мегузарад,
Ту ҷорию одам зи ҷаҳон мегузарад.
Пирях агар умри дарозе дорад,
Одам зи ҷаҳон боз ҷавон мегузарад.

Эй ишқи дилам, ки бо ту ҳастам ҳамтан,
Бе ман ту наметавонию бе ту ман.
Мирӣ ту агар, намегузорам танҳо,
Гӯям ба кафандӯз, ки дӯзад ду кафан.

Эй бод, садои ошноям меор,
Аз тоқи сурайё ба сароям меор.
То чанд давом мекунад дурии мо,
Пайкеву паём аз ӯ бароям меор.

Эй Дӯст, чӣ бахте, ки Сухан овардӣ,
Илҳом бидодию суханвар кардӣ.
Гар мансаби олие надодӣ ба замон,
Аммо ба паямбарон баробар кардӣ.

Қозӣ, ту ба Мансур чӣ тӯҳмат кардӣ?
Ӯ содиқи Дӯст буд, мазаммат кардӣ.
Мегуфт, ки: «Дӯст ҳақ», ту «Ман ҳақ» хондӣ,
Бо ҳукми бароварда хиёнат кардӣ.

Чун мову туем зери як боми баланд,
Бояст кунем шукри инъоми баланд.
Кӯшем, ки номи мо ба пастӣ набаранд,
Дар боми баланд монда бо номи баланд.

Аз барқи ду чашми ту агар мирам, ҳон,
Аз оташи хашми ту агар мирам, дон,
Бо хандаи зебои ту ман зинда шавам,
Бо нозу адоҳои ту ман зинда шавам.

https://bikhon.tj/

Бин, навқадаму навсафар устод шудаст,
Норафта ба Бесутун Фарҳод шудаст.
Аз ёд набурдааст лек устодаш,
Аз ҷумлаи шогирдаки ӯ ёд шудаст.

Эй, ки талаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам,
Субҳе ба шаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам.
Ду «Мунтахабот»-и ман чӣ арзиш дорад,
То мунтахаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам.

Эй ёри куҳан, ки мекунам ёди ту ман,
Хондам ба алам дафтари эҷоди ту ман.
Пиндоштам аз ёди ту рафтам кайҳо,
Гуфтӣ, ки шудам китоби азёди ту ман.

Пазмон бишудам чу нағмаю сози туро,
Чун рози худам бихонда ҳар рози туро.
Фарёд задам, кӯҳ набурд овозам,
Бошад, шунавам зи бод овози туро.

Хонӣ чу «Фалак», шефтаи сози туям,
Як мухлиси дилбастаи эъҷози туям.
Гардида зиёд «ахтар»-и сарду хира,
Одина[1], саро, ки ман ҳамовози туям.

Шоирхасакон, ки дони пуч мекоранд,
Аз хирмани коҳ кох мебардоранд.
Кам гашта шумори шоирони ҳамдард,
«Маддоҳи ғурур шоирон бисёранд»[2].

[1] Одина Ҳошим.
[2] Аз Мирзо Бедил.

https://bikhon.tj/

Ёди рухи ту агар фаровард табам,
Бо ёди танат сафед шуд тирашабам.
Он субҳ, ки бе ту лаби дарё будам,
Бо ёди лаби ту гул баровард лабам.

Ман дев набуда девкорӣ кардам,
Ҳам фил набуда филдорӣ кардам.
Чун аспи савориам давонданд зиёд,
Одам будам, ки бурдборӣ кардам.

Як ҳуҷра ба пири нотавоне доданд,
Гӯё ки барояш осмоне доданд.
Бар ҷумла баландпоягон аз пастӣ,
Бар ӯ зи баландӣ ошёне доданд.

Аз номи ту як замон забон ширин буд,
Бо ҳастии ту ҳаёти ман рангин буд.
Чун қуи сафед дидамат дар хобам.
Дар зери сарам аз пари қу болин буд.

Эй дил, ту азиз дор ин хоки диёр,
Монандаи баргу бор шав шукргузор.
Дар шохаи худ чу сабз карду бирасонд,
Ҳам барг ба пойи нахл афтад, ҳам бор.

Ҳар чо, ки ҷавону пир Роғун гӯяд,
Бо азми нав аз замир Роғун гӯяд.
Тоҷик, ки Сангтӯда нуристон кард,
Ин бор шуда далер: «Роғун!» гӯяд.

https://bikhon.tj/

Эй Вахш, ки саргаҳи ту пуртилло шуд,
З-ин рӯ ба забон номи ту зарбахшо шуд.
Имрӯз, ки даргаҳат бишуд нурафзо,
Ҳам шӯҳрати ту чу меҳру маҳ боло шуд.

Эй дӯст, ба Роғун ту биё, ҳамсаф шав,
Ҳамдаст ба аҳли кору дил дар каф шав.
Исроф макун умри равонат ба зарар,
Монанди фурӯзонаки каммасраф шав.

Бин, тоҷики сарзинда чи сарболо шуд,
Машҳур чу созанда ба ҳар акҫо шуд.
Аз тӯдаи санг хирмани нур гирифт,
Ду дидаи кӯри бадгумон бино шуд.

Эй дӯст, бидон қадру баҳои Роғун,
Саҳме бигузор дар бинои Роғун.
Фардо бишавад чу чархҳояш гардон,
Бо шукр кунӣ саҷда ба пойи Роғун

Бошад, бошад, ҳамеша бо мо бошад,
Дар маҷлису базм маҳфилоро бошад.
Ғамхор шуду нашуд ғамафзо бар дӯст,
Дар гулшани дил ҷойи Гулафзо[1] бошад.

Чун ахтари Исфара Гулафзо бошад,
Нурофари Исфара Гулафзо бошад.
Тобад ба назар ситораҳояш хира,
Равшангари Исфара Гулафзо бошад.

[1] Гулафзо Савриддинова

https://bikhon.tj/

То модари Исфара Гулафзо бошад,
Номовари Исфара Гулафзо бошад.
Гар Исфара гашта фахр фарзандонаш,
Зебу фари Исфара Гулафзо бошад.

Ман роҳи дарози хеш мепӯям боз,
Ноёфтаҳои хеш меҷӯям боз.
Аз пой намондаам, қаламчӯбам ҳаст,
Бо мӯи чу шир шеър мегӯям боз.

Ман Одамаму зиндагӣ аз буди ман аст,
Ҳар як нафасам нишон зи мавҷуди ман аст,
Ҳар рӯзи ҳаёт рӯзи падрудам нест,
Ҳар рӯзи ҳаёт рӯзи мавлуди ман аст.

Шоир чу уқоб асту фазояш холист,
Парвоз дар осмон варо иқболест.
Вақте ба замин фуруд ояд пайи сайд,
Бар қар-қари зоғони сияҳ кораш нест.

Онон, ки пайи шӯҳрати худ мегарданд,
Дар дил ҳаваси шеъру сухан парварданд.
Кам буд магар дафтари ҳазёни зиёд,
Девони калони худ мураттаб карданд.

Ҳар ҷой иморате чу бунёд кунем,
Ҳусне ба деҳу ба шаҳр эҷод кунем.
Ободии ҳар диёр гардад афзун,
Вайронии дил даме ки обод кунем.

https://bikhon.tj/

Чун васлгаре нахуст агар ёд шудӣ,
Шогирд бимондию ту ношод шудӣ.
Ҳар ҳалқа, ки пайванд бидидӣ, кандӣ,
Дар фаслгарӣ оқибат устод шудӣ.

Дил хост, ки шогирди қаламкаш бошам,
Ифшогари табъу хотири хуш бошам.
Аммо қалам иншогари дарду ғам шуд,
Имрӯз худ устоди аламкаш бошам.

Гул ном бидоду Хайригул номат шуд,
Гул шаҳд бидоду ангубин комат шуд.
Аз заҳмати ошиқии ман нагзаштӣ,
Як бӯсаи обдор инъомат шуд.

Дунёст маро гӯшаи тангат, Ватанам,
Тахт аст маро тахтаи сангат, Ватанам.
Подоши талошу амалам бас бошад,
Хонӣ писари баору нангат, Ватанам.

https://bikhon.tj/

ҚИТЪАОТ ВА ФАРДИЁТ

ДУ ҚУЛЛА

Ба устод Мирзо Турсунзода

Бар қуллаи кӯҳ расиданаш осон буд,
То қуллаи шеър роҳи мушкил паймуд.
Гар қуллаи кӯҳро ба номаш монданд,
Дар қуллаи шеър роҳпаймо хонданд.

ҚИТЪА

Гар ниёгон бо пари товус
Дурр басе суфтанд тиллоӣ,
Қадри шеър имрӯз боло нест,
Хомаҳо ҳарчанд тиллоӣ.

ҲАСРАТИ ВАРЗОБ

Бодом шукуфту нест Лоиқ,
Он ёри баҳор байни мо нест.
Ҳар рӯзу шабон ба ҷустуҷӯяш,
Варзоб равона бар Душанбест.

ҲАМСАРОЁН

Ҳамсаро чун шоирон гаштанд,
Ҳамсароён ноаён гаштанд.

БУЛҲАВАС

Ёфт чун маъшуқаи роёнагӣ,
Кард бо дилдодааш бегонагӣ.

https://bikhon.tj/

БИЁ

Шаҳди лабат аз ком нарафтаст, биё,
Нақши лабат аз ҷом нарафтаст, биё.
Рӯзам ба раҳи шом бирафтаст агар,
Хуршеди ман аз бом нарафтаст, биё.

МУРҒИ ИЛҲОМ

Дили ман лонаи ту буду рафтӣ,
Биё, ки бе ту гаштам бе табу тоб.
Бичида донаҳои ҳасратамро,
Биё, аз косаи чашмам биҳӯр об.

УМРИ ШЕЪР

Агарчи умри кӯтаҳ дид Лоиқ,
Валекин умри шеъри ӯ дароз аст.
Агарки баста шуд роҳи ҳаёташ,
Ба шеъраш роҳи дил пайваста боз аст.

БА ШОИРИ КӮҲАНСОЛ

Ғар махӯр, дар пирӣ ар кам шеър гуфтӣ,
Гарчӣ кам гуфтӣ, валекин дурр бисуфтӣ.
Оби дарё тирамоҳон мешавад кам,
Мешавад пурқадр бо софӣ чу Зам-зам.

БА ДИЛБАРИ САНГИСТОНӢ

Аз миёни сангҳо боло шудӣ,
Чун гули санг ин қадар зебо шудӣ?
Гар парие буд, он дар об буд,
Гулпарӣ, аз санг чун пайдо шудӣ?!

https://bikhon.tj/

САНГИ КАР

Санг ҳам диле дорад…
Бедил

То ҷудо аз кӯҳ нагашт он, кар набуд,
Кӯҳ таркиду садояш кар намуд.

БА АБДУҶАББОР ҚАҲҲОРӢ

Ҳар захми танат ба хеш бурдӣ, аммо
Бо рафтани худ захм ба дилҳо мондӣ.
Дар даст китоби ту «Шаби пеш аз марг»,
Омад хабари шум, ки дунё мондӣ.

ҲАЁТУ МАМОТ

Шеъри ман маънии ҳаёти ман аст,
Шеър ногуфтанам мамоти ман аст.

ШАПАЛАК

Шапалак дида умри якрӯза,
Кори садсола медиҳад анҷом.
Ком бистонда, насл мемонад,
Аз ҷаҳон ӯ намеравад ноком.
Роҳи умри варо ба рӯи замин
Ворисаш медиҳад дубора давом.
Гоҳ одам ба умри садсола
Бенишон рафта мешавад гумном.

ДИЛНАВАРД

Падар аз ҷому бода буд парҳез,
Қарзи ман нест ҷомбардорӣ.
Номи некӯ бимонд аз ӯ мерос,
Фарзи ман буда номбардорӣ.

https://bikhon.tj/

Парчами қисмат аст номи падар,
Ман ба пастӣ намезанам асло.
Дилнавардӣ намуда бо шеърам,
Мебарам то ба қуллаи дилҳо.

БА ЗОДБУМ

Баччагиам дур аз оғӯшат гузашт,
Ту нагаштӣ аз барояш сарпаноҳ.
Меҳри ту дар пириам боло гирифт,
Пириамро гир, эй деҳ, дар паноҳ.

«ҲАМДАРД»

Хешро ҳамдард чун мехонӣ, эй ёри шикам?
Дарди ман бори дил асту дарди ту кори шикам.

БА БАДХОҲ

Ман шамъ наям, ки бо пуфи ту мирам,
Худ зодаи Меҳрияму[1] хуштақдирам.
Шоир ба ҷаҳон умри дарозе дорад,
Куштан натавониям, қалам-шамшерам.

РОНДА

Одам, ки биҳишт буд ҷояш, ронданд,
Ронда ба биҳишт кай зи нав раҳ ёбад?!

ҚИТЪА

Ҷон агар дорӣ, набошӣ ҷонфидо,
Дар бадан ҷони ту бошад камбаҳо.
Дил агар дорӣ, набошӣ дилнавоз,
Кай хабар дорӣ ту аз сӯзу гудоз?!

[1] Номи модар

https://bikhon.tj/

АРМОНИ МОДАР

Гар субҳи дамида чодари шаб бидаронд,
Тири ғами ту хоби шаби ман бипаронд.
Дар тифлӣ агар ба алла мехобондам,
Дар роҳи илоҷи ғами ту дармондам.

КАТИБА

Ба ёди Ёдгори Пӯлоддухт

Модар, модар, чӣ ғамгусоре мондӣ,
Худ гашта хазон, ба мо баҳоре мондӣ.
Бе ному нишон нарафтӣ аз дори фано,
Моро ба ҷаҳон ту ёдгорӣ мондӣ.

ТАБАРДАСТОН

Онон, ки табар ба даст доранд,
Бо дасти дарози худ бинозанд.
Аз дасти дарахт хӯрда мева,
Аз дасти дарахт даста созанд.

ДАР НИШЕБИ УМР

Расида бар нишеби умр,
Нахӯрдам кам фиреби умр.
Гузар кардам зи ҳар пастӣ,
Бикардам шукр аз ҳастӣ.

БА ХОНАНДА

Ту дигар аз варақи дил ғазали шӯх мачӯ,
Дӯстон хотира гардидаву мо марсиягӯ.

https://bikhon.tj/

ШИШАҲОИ ШИКАСТА

Шишаҳои истгаҳ дидам шикаста,
Дилшикаста гаштам аз беғамнишаста.

НИШОНА

Ҳар сӯ нигарӣ, аломати раҳ бошад,
Ҳар роҳраве зи рамзаш огаҳ бошад.
Дар байни аломати зиёди раҳу рӯ,
Хоҳам, ки нишона баҳри гумраҳ бошад.

ШОИР

Дар соҳили рӯд карда манзил,
Дар баҳри сухан наёфт соҳил.

ТАЗОД

Панду ҳикмат бишуд дусад дафтар,
Гӯши ҳикматшунав бишуд камтар.

ХИШТСОЗ

Ҳарчанд зи лойи пухта хишташ бошад,
Аз лойу гили хом сиришташ бошад.

ТАРС

Тарсам, на ман аз тири камон метарсам,
Аз теғи забони нокасон метарсам.

ЧАШМА

Эй чашма, ба сози аллаат мехуфтам,
Мекард навои ту зи хобам бедор.
Дар лаҳзаи эҷод ба ҳар байти дилам,
Эй кош, ки оҳанги ту ёбад такрор.

https://bikhon.tj/

БАРГИ БОДОВАРДА

Шамол овард чун барги хазоне,
Гирифтам рӯи даст аз рӯи хона.
Хазони умри худ дар барг дидам,
Накардам ҳасрат аз умри равона.
Равам чун барги бодоварда фардо,
Дарахти шеър мемонад нишона.

ҒАМИ ИШҚ

Ҳар қадам хӯрдам ғами олам,
То ғамат кам бошад, эй ҷонам.
Аз бароят аз ғами олам
Як ғами ҷовид хоҳонам.
К-он ғами ишқ асту ширин аст,
Бо ҳамин ғам даҳр рангин аст.

ҚОЛАБӢ

Чашма бо ҷӯше аён гардид,
Ту чу оби ҷӯ намеҷӯшӣ.
Вахш ҳам маҷрои худ нав кард,
Лек чун кӯлию хомӯшӣ.
Тоҷикистон ёфт истиқлол,
Қолабӣ худ чаро то ҳол?!

РЕША ВА АНДЕША

Ширинбия гар решаи ширин дорад,
Ширин чи хуш андешаи рангин дорад.
Фарҳод намешавад ба ӯ ҳар ошиқ,
Дар зиндагӣ ар пешаи нангин дорад.

https://bikhon.tj/

БА КОРМАНДИ ТОҶИКСТАНДАРТ

Сифати ину он ту медонӣ,
Баҳри ҳар як баҳот мемонӣ.
Моли шоир вале надорад ҳад,
К-он дар андозаат намегунҷад.

МУШКИЛОТ

Ба дунёи дигар рафтан набошад он қадар мушкил,
Дар ин дунё чӣ мушкилтар расидан то ба мулки дил.

БА ЁДИ АБДУЛЛО ДӮСТИ ХОКСОРӢ

Яке Хоксории бохома буд,
Чу дарвеш соле ба як ҷома буд.
Агар буд як чашмаи кӯҳсор,
Ба «Дарё»-и дунё варо «нома» буд.

НАҚДИ УМР

Аз се писарам як писари ман монда,
Чун нақди ҷаҳон зиндагари ман монда.
Осуда равам, агарки фардо гӯянд:
– Аз сӣ асарам як асари ман монда.

ДОҒИ ҶУДОӢ

Аз дурии ту куҷо фароғе дорам?
Ҳар ҷо, ки равам, туро суроғе дорам.
Сангин дили ту бувад, вале ман дар дил
Чун ушнаи рӯи санг доғе дорам.

https://bikhon.tj/

МЕЪМОР

Хонаи бетарҳ чун подор нест,
Хонаи дилро чаро меъмор нест?!

НАСИМИ САҲАР

Дар пуштаи Осиёб шуд кӯи писар,
Осӣ шудам аз надидани рӯи писар.
Шуд одати ман хестан аз хоб саҳар,
Шояд, ки насим оварад бӯи писар.

МАНЗАРАИ ХОҶА ОБИ ГАРМ

Се кӯҳ чу се киштии сабз аст аён,
Се киштӣ ситодааст дарёст равон.
Се фасли ҳаёти ман наистода гузашт,
Се киштии умр монда дар баҳри дамон.

ПАРАСТУ

Парвози хушаш дида шудам волаи ӯ,
Овози дилаш расид чун нолаи ӯ.
Халлоқ, надорам талабе аз ту ба худ,
Садсола бикун ту умри яксолаи ӯ.

ФИДОЙ

Гарки булбул фидоии чаман аст,
Кабки хушрав фидоии даман аст.
Ошиқе ҷонфидои дилбари худ,
Булҳавас ҷонфидои лутфи зан аст.
Пурсӣ аз шоират фидоии чист?
Ӯ бигӯяд фидоии Сухан аст.

https://bikhon.tj/

ТАРҶУМОНИ ДИЛ

Тарҷумони забон шудӣ охир,
Нашудӣ тарҷумони дил, афсӯс.

МОДАР

Ҳар бор, ки бӯи модарон[1] бӯ кардам,
Бӯи ту надошт, рӯ дигар сӯ кардам.
Пас бастам умеди хеш бар меҳргиёҳ,[2]
Аз меҳри ту бӯ набуд дар меҳргиёҳ.

ШАҲРИ САНГИН

Эй шаҳри санг, хонаи сангини ту кам аст,
Аммо шумори сангдилонат бувад зиёд.

БУХОРО

(Дар ҳошияи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ)

Магӯ, таърихи ту ба ин тамом аст,
Ба ҳар тоҷик умрат бардавом аст.

ЗОДАИ БАҲОР

(Дар ёдбуди Султон Шоҳзода)

Султон ба мо гузошта «Афсонаи баҳор»,
Бар хонаи хазон бишуд аз хонаи баҳор.
Худ зодаи баҳор буду дар баҳор рафт,
Нашкаста ӯ хумхор зи паймонаи баҳор.

[1-2] Номи гиёҳҳои шифоӣ

https://bikhon.tj/

ОБСОФКУНАК

Гуфтам ба обсофкунак об соф кун,
Гуфто чӣ гуна соф кунам, чун гил аз сар аст?!

ДОДИ ХУДО

Ман баъди Худо туро, туро медонам,
Бар хеш туро доди Худо медонам.

ОИНАСАНГИ ШАҲРИСТОН

Ба дасти кӯҳ, ки оинасанг аст,
Раҳи оинабинон интизор аст.
Набинад хеш дар оинаи кӯҳ,
Ҳар он, ки дилсиёҳу кинадор аст.

БОРОН

Донӣ аз чӣ ҳар замон борон
Шишаи тиреза мешӯяд?
– Чашми худ бикшой бар олам,
Хуш назар бинмой, мегӯяд.

НОҚИДИ МИНБАРӢ

Ҳарф мегӯяд зи боби шеър,
Гашта дар ҳар маҳфиле ҳозир.
Худ надорад як китоби шеър,
Айб мемонад ба ҳар шоир.

Ҷуз сияҳ ранге намебинад,
Ҳамзамон санге занад бар ман.
Баҳри ҳар андешаи беранг
Кафзанон мегӯямаш: – «Аҳсан!»

https://bikhon.tj/

КӮҲНАКОР

Пеша нав карду накард андеша нав,
Кай дарахти хушк созад реша нав?!

ҚУЛЛАИ НОАЁН

Ном доранд ҳар яке бар худ
Қуллаҳои баланди кӯҳистон.
Аз барои Муҳаббат аммо нест
Қуллае дар тамоми рӯи ҷаҳон.
Марди ишқе накарда тасхираш,
Ноаён мондааст аз чашмон.

ШЕРҲОИ САНГӢ

Эй шерҳои сангии майдони «Дӯстӣ»,
Ҳастед рамзи қудрату паймони дӯстӣ.
Душман мабод бишканад ойини дӯстӣ,
Истодаед ҳар ду чу дарбони «Дӯстӣ».

БОЗДИД ВА ПАДРУД

Рӯз дода дасти худ бар шаб,
Як сухан овард пас бар лаб:
– То боздид!
Дасти худ бар субҳ дода шаб,
Рафт бе армон ба як матлаб:
– То боздид!
Рафт вақте аз ҷаҳон инсон,
Гуфт бо ҳасрат ба пайвандон:
– Падруд!..

https://bikhon.tj/

ЁДИ МУҲИДДИН ОЛИМПУР

Дастгоҳаш бештар дар худ
Аксҳои дигарон гунҷонд.
Хешро нанмуда аккосӣ
Сурataш дар чашму дилҳо монд.

БОДУ АБР

Бод ҷорӯб мезанад,
Абр об мезанад,
То Замин тоза шавад.

ЯГОНА

Баҳри ман бишуд осон ошиқона бӯсидан,
Дар дилам бимонд армон «он ягонаро дидан».

БА МУҲОФИЗИ ТАБИАТ

Ҷангалистон чун биёбон шуд,
Ҳифз бинмо ҷангали инсон.

ШИКАСТАБАНД

Шикастабанд, бубин ин дили шикастаи ман,
Ки дил бидодаму аз даст дилшикан афканд.
Шикастааст дилу орзуст нашкаста,
Умеди ман зи ту, ки мекунӣ варо пайванд.

ТААССУРОТ АЗ КИТОБҲОИ ХУДНАШР

Худнашр бештар шуд,
Дил хонда рештар шуд.

https://bikhon.tj/

НИҚОБ

Безор бигаштам аз дилозор,
Эй дӯст, барои ман ниқоб ор!

ЗАНБӮРИ АСАЛ

Дида умри кӯтаҳи чилрӯзае,
Мекунад умри асалхӯрон дароз.
Зиндагон,
эй зиндагон, бар ҳамдигар
Дар ҷаҳони бебақо бошад ниёз.

САРНАВИШТ

Гар баҳору хазони худ бинанд,
Ман хазону баҳори худ дидам.
Некие дигарон агар карданд,
Ман бадӣ аз табори худ дидам.
Бар дигарҳо накардаам қисмат
Он чӣ дар рӯзгори худ дидам.
Сарнавиштам чӣ зарнавиште дошт,
Ибратомӯзи кори худ дидам.

ЛАҲЗАИ НОТАКРОР

Бо ту буданам ҳамеша буд нотакрор,
Эй кош, бигардад ба ду дунё такрор.

БОРГОҲИ СУХАНВАРОН

Чун Каъба буду ҳаст азиз,
Бар аҳли дил ин боргоҳ.
Бар хиштрезони замон
Ҳошо, шавад анборгоҳ.

https://bikhon.tj/

ДАР ҶАНОЗАИ ДӮСТ

Дунё, чӣ бевафо, ки вафодор мебарад,
Рӯзи азои дигар азодор мебарад.

МАДОРО ВА ҶУДОӢ

Рӯзу шаб бо ҳам баробар шуд,
Ду бародар нобародар шуд.

БА ҶАНГХОҲ

Эй мард, ба ҷое, ки гули ханҷар ҳаст,
Пас аз чӣ барӣ ба дастаи ханҷар даст?!

СИЁҲ ВА САФЕД

Зангӣ, ки ба шустушӯ нагардид сафед,
Бар дилсияҳе набастам ихлосу умед.

БА ДИЛБАРИ КАНГУРТӢ

Ҷоно, Сиёба ҷониби Варзоб меравад,
Бар тарфи Вахш рӯдаки Сурхоб меравад.
Бе ту зи ҷӯи дидаи ман об меравад,
Бо талху шӯриаш сӯи Талхоб[1] меравад.

[1]Рӯде дар Кангурт, ки обаш талху шӯр аст.

https://bikhon.tj/

КОРВОНИ КӮҲҲО

Кӯҳҳо чун уштурони пур зи бор
Дар канори деҳи мо хобидаанд.
Гӯиё истода дар роҳи сафар,
Интизори субҳдам гардидаанд.

* * *

Бишканад ногаҳон чу паймона,
Қадаҳи дигаре диҳад мизбон.
Косаи сабри мо шавад лабрез
Бишканад одаме агар паймон.

* * *

Бишканад шишаҳои панҷарае,
Лоҷарам шишагар шавад пайдо.
Бишканад шишаи дили инсон
Чорасозе магар шавад пайдо?

* * *

Бишканад шохае агар зи дарахт,
Шохи сабзи дигар амон монад.
Бишканад шохи нахли умри ҷавон,
Бар дили мо сад ормон монад.

* * *

Хонаеро кунанд агар вайрон
Ҷои он манзиле шавад бунёд.
Хонавайрон шавад агар инсон
Кунад онро ба мушкилӣ обод.

https://bikhon.tj/

* * *

Тухмие гар зи хок сар накашад,
Деҳқон тухмии дигар ҷӯяд.
Одамизод гар ба хок равад
Тухми одам дигар намерӯяд.

* * *

Оби ҷӯ кам шавад агар вақте
Вақти дигар зиёдтар гардад.
Обрӯ кам шавад агар вақте
Вақти дигар чигуна баргардад?

ТАЗОДҲО

Гар пир ҷавондил бишавад, шод шавам,
Ғамгин шавам, ар пир шавад қалби ҷавон.
Оқил бишавам зи панди пири доно,
Девона кунад панди ҷавони нодон.

* * *

Бо пою қадам агар ба дунё оӣ,
Чун одами хушқадам туро бишносанд.
Бе пою қадам қадам гузорӣ ба ҷаҳон,
Чун шумқадам ба ҳар куҷо бишносанд.

* * *

Ҳар доғи матои ту бигардад тоза,
Аммо дили пурдоғ нагардад тоза.
Гар сакта ба шеър кардӣ, кардӣ, он ҳам
Бар сактаи дил намешавад андоза.

https://bikhon.tj/

* * *

Имрӯз агар мартабаат олӣ шуд,
Худро ту макун гум, ки яке гум бишавӣ.
Имрӯз агар савора гардӣ, фардо,
Эй дӯст, пиёда мисли мардум бишавӣ.

* * *

Хам шавад нахл агар зи бори зиёд
Нест душвор рост кардани он.
Хам шавад гар саре зи бори гуноҳ
Рост кардан намешавад осон.

* * *

Гар гул бошӣ, ту гули хушбӯе шав,
Гар хор шавӣ, яқин, ки бӯят накунанд.
Гар хокиӣ, нақши хеш дар хок бимон,
Чун одами барфӣ ҷустуҷӯят накунанд.

* * *

Модар чу ба ман ватанпарастӣ омӯхт,
Танпарвару худпараст ҳаргиз нашавам.
То хам накунад шохи маро роҳгузар,
Ман меваи шохи паст ҳаргиз нашавам.

* * *

Ман зиндадилам бар алами мурдадилон,
Ман гармдилам бар алами дилсардон.
Рӯсурх ба рағми рӯсиёҳон бошам,
Мардии ман аст марг бар номардон.

* * *

Аз обилаи даст надорам боке,
Аз обилаи дил ҳамадам метарсам.
Аз мастии ҳамраҳам надорам боке,
Аз пастии шахси ҳамқадам метарсам.

https://bikhon.tj/

* * *

Агар дар ресмон афтад гирехе
Кушодан кори осонест, додар.
В-агар афтад гирехе дар дили ту
Кушодан кори осон нест, додар.

* * *

Туро гар сардмеҳре пушти по зад
Ба дунё меҳргармон бешуморанд.
Дили девонаи ман, бош оқил,
Ки бар девонагон коре надоранд.

* * *

Ғамамро ғамгусори ман бидонад,
Надонад дардро бедард ҳаргиз.
Ба бемеҳрон насозам меҳр изҳор,
Надонад мардро номард ҳаргиз.

* * *

Набошам то гадочашму тиҳидил,
Маро бо чашму қалби сер зоданд.
Ба рағми кӯрчашму кӯрдилҳо
Ба ман чашму дили бедор доданд.

* * *

Гули бегард дар бӯстон набошад,
Каси бедарду ғам инсон набошад.
Маро гарди ятимӣ дарди зӯр аст,
Ки бар он чораю дармон набошад.

* * *

Касе, ки бедил асту бедиёнат,
Мачӯ дил ҳеҷ гоҳ аз синаи он.
Наёбӣ аз дили ҳар кӯҳ ганҷе,
Набошад шер ҳам дар ҳар найистон.

https://bikhon.tj/

РЕЗАҲО

Оне, ки доим дар бағал
Баҳри дигарҳо санг дошт,
«Дар рафтани ҷон аз бадан»
Бо санги гурда ҷанг дошт.

* * *

Чу модар зод бо дасту дили гарм,
Чаро пас дорӣ ту дасту дили сард?
Чу номи мардро бар худ гирифтӣ,
Чаро пас мекунӣ ту кори номард?

* * *

Яке марду яке зан офаридаанд,
Ки бе ҳар ду ҳаёту зиндагӣ нест.
Агар зан мард гардад, сарбаландист
В-агар марде бигардад зан, чӣ пастист!

* * *

Яке бадхоҳу дигар некхоҳ аст,
Яке фандат диҳад, дигар диҳад панд.
Ба қасди он ҳама бадхоҳҳоям,
Маро чун марди некӯхоҳ зодаанд.

https://bikhon.tj/

ДАРСОЗ

Сохта дарҳои нав бар одамон,
Баҳри худ дарҳои дилҳоро кушод.
Қулф биншонда ба дарҳо ҳар замон,
Боз кард ӯ қулфи дилҳои зиёд.

Баҳри усто як дари маҳкам набуд,
Худ калиде буд андар рӯзгор.
Ҳалқаи дар шуд қади хамгаштааш,
Дар адои хизмати аҳли диёр.

* * *

Модари тоҷик, гардам аз сарат,
Ҳам ҳалолат бод нони хӯрдаат.
Баччаи бисёр дорӣ, хуб, хуб,
Кам набошад лек тифли мурдааст.

* * *

Намедонам киҳо хонахудоянд,
Вале донам, басе хонагадоянд,
Ба шаҳри худ агар ёбанд иҷора,
Зи шодӣ бӯрёкӯбон намоянд.

* * *

Гар қаламро мекунад шамшер адӯ бар қасди мо,
Ӯ сари худ мебурад, то мебурад сарҳои мо.
Нокасе аз оҳани дил қулф агар созад, яқин
Қулф гардад дасти ӯ, то қулф гардад пои мо.

* * *

Агарчи камзамин ҳастему дар як оламе ҳастем,
Ба чашми кам мабин моро, ки ҳар як оламе ҳастам.

https://bikhon.tj/

ОФТОБИ ДИЛ

Зарра-зарра нури худ кам мекунад
Офтоби зарнисори тирамоҳ.
Гар зимистон сард ояд, бим нест,
Ҳаст меҳри гарм дар дилҳои мо.

Хира гардад офтоби тирамоҳ,
Мон, нагардад тира меҳри қалби ту.
Офтоби дил агар созад ғуруб,
Мекунад бори дигар оё тулӯъ?!

ДУ МОҲ

Моҳи навро духтарак
Дида андар осмон,
Шодмонӣ менамуд.

Бехабар аз он, ки худ
Дар замини гулфишон,
Моҳтоби пурра буд.

ГИРУДОРИ ЗИНДАГӢ

Ҳар дами мо гузашта бо пархош,
Мекунем аз барои зист талош.
Зиндагӣ гирудорҳо дорад,
Мӯр ҳам мӯрхорҳо дорад.

* * *

Дилбари бевафои ман, падруд,
Нашудӣ лоиқи вафои ман.
Худ ҷазое надоштам дигар,
Шуд ҷудоии ту ҷазои ман.

https://bikhon.tj/

Бо ҳамин ғам равам агар зи ҷаҳон,
Наравад лек дарду доғи ман.
Ҳамчу ман ошиқе намеёбӣ,
Мешавӣ боз дар суроғи ман.

* * *

Оҳу аввал надошт шох ба сар,
Буд бехор хорпуштак ҳам.
Бепару бол буд гунҷишкак,
Бе пару бол буд лаклак ҳам.

Ҷайра аввал надошт дук ба тан,
Морбачча надошт заҳру зиён.
Ҳар яке чун бигашт душмандор,
Аз паи ҳастияш шуду ғами ҷон.

…Одамӣ ҳам чу бар ҷаҳон омад,
Бе забон буду буд бе дандон…

АСП ВА ШУТУР

Зумрае аспанд, аспи бодпо,
Медаванд онҳо ба майдони шараф.
Борашон азбаски мебошад сабук,
Мешаванд аз мо ба майдон пешсаф.

Лек ман на аспаму на бодпо,
Уштурам ман, кори уштур мекунам.
Бори ман азбаски мебошад гарон,
З-ин сабаб оҳиста мемонам қадам.

https://bikhon.tj/

БОЛИ ОРМОН

Хоб дидам, ки гашта парранда,
Мезанам бол, мекунам парвоз.
Раҳ гирифта ба хонаи хуршед
Мешавам бо ситорагон дамсоз.

Хестам, бар фазо назар кардам,
Даргузар абрҳо аён буданд.
Абрҳо пеши дидагони ман
Ҳамчунон боли ормон буданд.

ДАРАХТИ БЕСАМАР

Эй нахли бесамар,
Чун беҳунар ту аз пайи озори ман машав,
Дори фано басанда бувад,
Дори ман машав!

* * *

Дили ман дарёе,
Дар замираш ишқи ту гавҳар буд.
Рафтиву чун ёде
Монд ду гавҳараке дар чашмон.
Дили дарёии ман
Чун Арал гашта камоб,
Бо садафи холӣ монд.

БАРГҲО

Тарсу бим
Тарси ман аз душмани нотарс нест,
Бими ман аз дӯсти тарсончак аст.

https://bikhon.tj/

Ҷанговар
Ӯ намурд аз захми тири душманон,
Лек охир мурд аз захми забон.

Обпош
Ҳар чангу ғуборро бишустам бо об,
Лекин чӣ кунам, ғубори дил шуста нашуд.

Раҳбон
Санги сари роҳро рабудан осон,
Душвор бувад рабудани санги бағал.

Роҳкушо
Ӯ роҳ кушод аз барои дигарон,
Лекин дигарон пеши раҳашро бастанд.

Тарҷумон
Забони хориҷиро то биёмӯхт,
Забони модарияш шуд фаромӯш.

Суруди шаршара
Суруди шаршара бишнав зи Хоҷа оби Гарм,
Ки ҳар мақоми худ аз Шашмақом бигрифтаст.

Шоир ва хонанда
Хомпаз, хомхӯр, ки шуд бисёр,
Ман ба ашъори пухта гаштам зор.

Подош
Ин бор, ки токи ҳота ангур накард,
Даймоҳ расиду токбон гӯр накард.

Муҳоҷирони тоҷик
Рафтаанд аз Ватан ҷавонмардон,
Гаштаанд абрҳои саргардон.

https://bikhon.tj/

Ба абршикан
Абрҳои сиёҳ дар гардун,
Дил зи абри ғам аст оганда.
Эй, ки абри сиёҳ меронӣ,
Абри дил ҳам бикун пароканда.

Ёд
Дар Сари осиёб дилбандам,
Бар дари осиёб то чандам?!

ИНТИЗОРӢ

Занге назадӣ,
То занги диламро зудоӣ.
Тилфони шашрақамаи шаҳрам
Ҳафтрақама шуд аз ғами ҷудоӣ.

* * *

Ҳар саҳаргаҳ ба хониши мурғон
Мешавам ман зи хоби худ бедор.
Ҳар яке лаҳни дигаре доранд,
Баҳри мо мондаанд чун асрор.

Сад дареғо, ки лаҳни мурғонро
Чун забон дар ҷаҳон намедонем.
Боз бо ин ҳама, чӣ коноӣ,
Тир бар сӯяшон бипарронем?!

САЙД

Бумҳо шабонгаҳ ба сайд мебароянд,
Ағлаб шоирон низ шабкоранд.
Сайди эшон дигар аст,
Шоирон бобароранд.

https://bikhon.tj/

Субҳро ба ҷои шаб меоранд.
Ва боз бо худ
Шеъри тари шабнамӣ,
Шеъри сафеди субҳона доранд.
Аз сафои субҳ
Ва шираи шеър бархурдоранд.
Шоиронро ба сайди бумҳо коре нест.

ШӮРУ ФИҒОНИ ҶАЙҲУН

Донӣ, чаро рӯди Ҷайҳун шӯр дорад?
– Аз марги шоири шӯридадил Адиб Собири Тирмизӣ,
Ки сангҳои баста дар ҷисми ӯ то ҳол зери обаш мондаанд.
Пас фиғонаш аз чист?
– Боз ҳастанд зумрае ки натанҳо ба Ҷайҳун,
Балки ба дарёи дили шоирон низ санг меандозанд.

ГАРМО

Осмон обӣ нест…
Сӯҳроби Сипеҳрӣ

Осмон нилиеву обӣ аст,
Субҳ борони офтобӣ аст,
Шом борони моҳтобӣ аст,
Боз дил интизори боронҳост.

* * *

Дӯш ман ҳам китобхон будам,
Шуд ба нури сухан шабонам рӯз.
Хонда сарномаҳои рангине,
Рехтам ашк шамъсон бо сӯз.

Ҳолиё, ки қаламкашӣ дорам,
Медиҳам сарнавишти худ ба қалам.
Сатрҳои ба ашк суфтаи ман
Мекунад ғуссаи дилеро кам?!

https://bikhon.tj/

АБР

Ба ёди Аминҷон Шукуров

Ба тундӣ меравад абре Бухоро,
Чунон чун аспи бесабри Бухоро.
Саворашро, Худо, тамкин ато кун,
Насозад абрро қабри Бухоро.

* * *

Аср нав шуд, кӯҳнагӯ бисёр шуд,
Шоири навҷӯю навгӯ хор шуд.

* * *

Дар замоне, ки Сухан хор аст, хор,
Хор аз ҳастии худ кардаст ор.

* * *

«Шоирӣ – девонагӣ», – гуфтанд чанд,
Ҳолиё девонаҳо шоир шуданд.

* * *

Ба дипломи муаллими риёзӣ
Зи ҳар фан дарс мегӯяд ба бозӣ.

* * *

Менависад танзҳо бар «шоири ашъори фач»,
Бехабар аз он, ки худ гаштаст чун шоир фалаҷ.

ИЗТИРОБ

Оре, аз гармою тафти офтоб
Пиряхҳо мешаванд об,
Лек ғамҳои куҳан
Аз фишори қалбҳои сард

https://bikhon.tj/

Дар дили ман
Тахта-тахта
Пирях гардидаанд.
Офтоб,
Эй офтоб,
Пиряхҳоро бимон барҷо.
Гарм бинмо қалбҳои сардро,
Пиряхҳои дилам гарданд об.

ТАВЛИДИ ДИГАР

Ба ёди Қайсари Аминпур

Рӯзи марги ӯ дар Эрон
Солгарди умри Мавлонои Балхӣ буд.
Марги ӯ ширин,
Алорағми ҳама шӯрию талхӣ буд.
Марги ӯ тавлиди дигар буд,
Қайсарии умри Қайсар буд.

АНДЕША

Дар замоне, ки ин Замин – Модар
Пир гаштасту мекашад озор,
Аз фишори ҳарорати гармӣ,
Рӯйи сайёра пур бувад бемор,
Кӯлҳо ҳар куҷо агар хушканд,
Рӯдҳо мешаванд чун ҷӯбор,
Пиряхҳо ҳам об мегарданд,
Мешавад кам дарахти ҷангалзор,
Аз чӣ бошад шумори дилсардон
Кам нагардида мешавад бисёр?!

https://bikhon.tj/

МЕРОС

Ҳар мард
Аз хонаи падар
Бачагии худро меҷӯяд.
Ман бачагиамро
Чун дигарон
Дар хонаи падар намондаам.
Он ягона меросро
Ба моиндар намондам.
Ба шаҳр овардам,
Ва ҳадя ба ворисам кардам.

МАРДИ РОҲ

Ба ёди Эгами Шукур

Ронанда ки будӣ, буд роҳи ту дароз,
Бе тарсу ҳарос будӣ аз шебу фароз.
Раҳ монд дарозу умри ту кӯтаҳ шуд,
Паскӯчаи Яккабоғ охирраҳ шуд.

ГУЛҲАВАСИ СУХАН

Аз санъати шеъри ман гузар кун,
Бар ҳусну ҷамоли ман назар кун.
Аз вазни арӯз ҳам ту бигзар,
Бар вазни мани арӯс бингар.

УМЕДА

Аё яктои аз Якто расида,
Ба шоми ман дамида чун сапеда.
Макун ту ноумедам дар ду олам,
Умеди зиндаи ман, эй Умеда.

https://bikhon.tj/

КАМТАРИН ШОИРИ ТУ БОШАМ, БАС

Гаҳ ба ҳасрат бигӯйиам, ки чаро
Бурда номе зи шоирони зиёд,
Ноқидон дар қатори беҳтарҳо
Номи ту н-оваранд боре ёд?

– Эй, ки номам ту мебарӣ ба забон,
Хонда ҳар шеъри тозаам ба ҳавас,
Эҳтиёҷам ба ноқидон набувад,
Камтарин шоири ту бошам, бас!

СУХАНИ ОТАШИН

Санг бар санг мезадам вақте,
То зи санг оташак шавад пайдо.
Ҳолиё аз ҳиҷову ҳарфи дилам
Сухани оташин шавам ҷӯё.

ЗАБОНШИНОС

Эҳдо ба Ҳуснигули Талбак

Худ Ҳуснигулию рашки гулҳо бошӣ,
Дар гулшани илм ҳуснафзо бошӣ.
Ҳаргиз нашавад хор забони тоҷик,
Устоди забон агар ту бар мо бошӣ.

ХУМОР

Аз кӯчаҳои баччагӣ ман баччагӣ ҷӯё шудам,
Гарчи барои баччагони деҳа худ бобо шудам.

ПАНДИ ДИЛ

Эй аҳли ҳунар, ту банди наззора машав,
Хуршед бишав, чу хира истора машав.

https://bikhon.tj/

АРМОН

Ба бедорӣ агар рафтӣ, падарҷон,
Ба хобам гум шудӣ, афзуд армон.

ДАР ЗОДРӮЗ

Роҳбандон, ки роҳи ӯ бастанд,
«Пеш рав!» – гуфта шод биншастанд.

МОДАР

Рӯзи маргат баччагиамро,
Дафн кардам дар мазори ту.

САГ

Дӯсти одамӣ агар, эй саг,
Пас ба ӯ аз чӣ мезанӣ ак-ак?!

САРДОБ ВА ЗАРДОБ

Аз дили тахтасанги кӯҳистон
Қатра-қатра агар чакад сардоб,
Аз дили лахтаранги кинаварон
Қатра-қатра ҳамечакад зардоб.

ДУ ОФТОБ

Гармии офтоби оламтоб
Яхи Қутби Шимолро кард об.
Бикун, эй офтоби дил, кора
Ту ба дилҳои гашта яхпора.

ГАДОИ ИШҚ

Гуфтиям, ки гадо шуда афзун,
Нест ором занги манзили ту.
Ман гадоям ба ишқат, эй дилбар,
Мезанам занги хонаи дили ту.

https://bikhon.tj/

БОДИ ВАТАН

Ҳар бор, ки берун шудам аз марзи ту ман,
Боди ту маро боз биовард, Ватан.

МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ

То «Аналҳақ» роҳи ҳақ паймуд,
Ҳақ расид охир ба он ҳақдор.
Ҷони ӯ то осмонҳо рафт,
Ҷисми ӯ боло бишуд бо дор.

ВАСЛГАР

Наҷустам шӯҳрате ман дар замона,
Раҳи худ суфтаму гаштам равона.
На пешоянду на пасванд гаштам,
Чу пайвандак бимондам дар миёна.

ПАЗМОНӢ

Дар шаҳри мусофирӣ шудӣ абршикан,
Ду дида ба роҳи ту, биё, сабр шикан.

ПОДОШ

Оне, ки ба шоирон назар нек накард,
Тухми бадию кина ба қалбаш парвард,
Дар охири умри худ шуда нобино
Меҷуст шифо ба дарди худ аз Сино.

ШИТОБ

Солам башумору ман шитобе дорам,
Нанвиштаю нохонда китобе дорам
Рафтам ба ҳисоби дӯстони дилакӣ,
Бо душмани ҷони худ ҳисобе дорам.

https://bikhon.tj/

НУРИ ХИРАД

Бархест алайҳи нур ҳамсояи мо,
Бардошт қиёму шӯр ҳамсояи мо.
Аз нури хирад, ки шомҳо шуд равшан,
Ночор бишуд сабур ҳамсояи мо.

ТАШНАВУ ГУШНА

Ба ёди обшори мӯи ту ман ташнаам, ташна,
Ба ёди кулчаҳои рӯи ту ман гушнаам, гушна.

ИБРАТ

Надорад гардҳо дар рӯйи худ ойинаи Наврӯз,
Биё, покӣ биёмӯз аз дили бекинаи Наврӯз.

ИЛТИҶО

Чун офтоби тирамаҳ гармӣ намебахшад ба дил,
Бо оташи ишқат, биё, ин қалби сардам гарм кун.

ДАРЁЧА

Рӯзе, ки шудам зи деҳа бар шаҳр равон,
Дарёча чу додар аз пасам буд давон…

ГУЛПАРВАР ВА ШОИР

Гар гул ба гуле ту мекунӣ гулпайванд,
Ман шеър ба дил бурда кунам дилпайванд.

БӮСАИ ҲАВОӢ

Ҳар гаҳ ба дидаи ман аз дур менамоӣ,
То чанд дил фиребӣ, бо бӯсаи ҳавоӣ?!

АЗ ГОРАТСИЙ

Санг бар ман мезанад ағёр,
Ман ба худ каф мезанам ҳар бор.

https://bikhon.tj/

ЧАРОҒИ ЧАШМ

Макун аз бечарағӣ ҳасрат, эй ҷон,
Чароғи чашми ту бошад, фурӯзон!

ПИРУ КАМПИР

Ҳар ду хӯрда дар вафо савганд,
Бо раҳи савганди худ рафтанд.
Дода дарси ҳаёт з-илми ишқ,
Монда бар мо панди худ, рафтанд.

ИФТИХОР

Падарам дошт ифтихор аз он,
Ки писар шеъргуна мегӯяд.
Шоире дар замини аҷдодӣ,
Ҳамчу худрӯ ниҳол мерӯяд.

Ман, ки ҳоло дарахти пурборам,
Реша дар мазраи Сухан дорам.
Падарам ифтихор аз ман дошт,
Бо Сухан ифтихор ман дорам.

ШИША ВА ПАНҶАРА

Оруе байни шишаҳои дар
Сар халониду лоҷарам дармонд.
Ҳар қадар кард ҷаҳди озодӣ,
Монда ночор оқибат сар монд.

Иддае бо гуноҳ дар маҳбас,
Менишинанд монда ҷон ба гарав.
Норасида ба қадри озодӣ,
Бар паси панҷара раванд аз нав.

https://bikhon.tj/

БА УСТОД БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Устод, агар барои ту ҳайкал намондаанд,
Шогирдҳо ба пояи шуҳрат нишондаанд.

ДАРЁЧАИ ДЕҲА

Дарёчаи деҳа буд вақте ки дамон,
Ман ҳам будам қад-қади дарёча равон.
Имрӯз, ки мондааст аз ҷӯшу хуруш,
Ҳамчун мани пир гардад оҳиста равон.

АЛОРАҒМИ ҒАЗАЛБОЗОН

Он қадар шоирон ғазал гуфтанд,
Бешумар шоирон ғазал гуфтанд.
Пеши заргар бақадр зар гардид,
Қадри Ҳофиз баландтар гардид.

АРЧА

Арчае дар қулла метобад,
Бо қабои сабз чун инсон.
Нест азбас бонии ҷангал,
Арча гардидаст ҷангалбон.

ПОСУХ

Гӯянд: Ба ин тамкину пурбардорӣ,
Ҳайрон, ки ба худ ту боз душман дорӣ.
– Эй дӯст, надидаӣ магар мӯронро,
Аз мӯрхурак кашанд азобу хорӣ.

БАРОИ ХУД

Бар бод агарчи моҳу солам додам,
Аз боқии умри дидаи худ шодам.
Дар роҳи ҳаёт пешпо хӯрда зиёд,
Дар зинаи ҳафтод зи по н-афтодам.

https://bikhon.tj/

БАҲОИ ҶОН

Дар лаҳзаи назъ он чӣ ман металабам,
Ҷон медиҳаму ҷони сухан металабам.

БА ҶОИ УЗР

Девони ту гар нахондам, ону ин шуд,
Дар лаҳзаи хоб зери сар болин шуд.

ПАНДИ НОДОР

Нодору миёншикаста бошӣ,
Кӯшо, ба миёни баста бошӣ.

БА РИШВАХЎР

З-он, ки ба забони баста гардӣ,
Беҳтар ба даҳони баста гард

БА ДАЪВОГАР

Мекунӣ даъвии унвон: Шоири халқӣ!
Халқ мегӯяд: Бигӯ, ту шоирӣ?
Балки…

АРЗИ ОИЛАБЕЗОР

Аз омаданат агар хабар медодӣ,
Маҳрум намешудам ман аз озодӣ.

ХИТОБИ МАЙПАРАСТ

Чашми ман ду коса дорад, косагул,
Дар ду коса чашмсерӣ май бирез!

БАРДОШТ

Хирмани шеъри туро кардам бод,
Коҳ бардоштаме, коҳи зиёд.

https://bikhon.tj/

СОЗГОРОН

Зану шавҳар, ки ошиқона шуданд,
Созгорони ин замона шуданд.
Шавҳар ар дастиёри хона бишуд,
Зани ӯ пулбиёри хона бишуд.

КОРАИ ПОРА

Судам карданд аз барои пора,
Он пора намуд вақти ҳукмам кора.

БА ОВОЗХОНИ ХАСАКӢ

Овози туро шунидам аз дур,
Бо қар-қари зоғ буд ҳамҷӯр.

ПИРМАРД

Аз умри гузашта мекунад ёд,
Аз солимии худ аст ӯ шод.
Солаш бирасид то ба ҳафтод,
Кораш ба табиби пул наафтод.

МУҲОҶИР

Бар дӯш бори зиндагӣ,
Чун дур шуд аз дудмон,
Бо расми аҷдодии худ,
Дар кӯлабораш дошт нон.

Баргашт вақте бар диёр,
Нонаш ба аҳли деҳ расид.
Худ гушнаи дидор буд,
То кулчарӯ ёраш надид.

ҲАЙКАЛИ МОДАРИ ТОҶИК

Дар Душанбе,
Дар қатори Рудакӣ,

https://bikhon.tj/

Синою Айнӣ…
Модари тоҷик пайкардор мегардад.
Аз муҳаббат,
Аз саховатҳои фарзандони худ,
Шукргӯ бисёр мегардад.
Қомати хамгаштаи ӯ мешавад рост,
Дар замини хоҳарӣ подор мегардад.
Зодаи ӯ – зиндакору зинданом,
Боз модардор мегардад.

ТӮҲФАИ ПАДАР

(Аз нақли ҳамдеҳа)

Падар аз ҷанги калон,
Ҷанги ҷаҳон омада буд,
Борхалта бар дӯш.
Гарчи дар он
Ба ҷуз аз номаю акс
Ман надидам чизе,
Кардам аз сидқ оғӯш.
Чунки бо омади ӯ
Хона пур гашту бишуд равшантар.
Падарам Бахт овард,
Туҳфае беҳтар аз ин
Ман надидам дигар…

ШЕЪРҲОИ ТИЛЛОӢ

Рӯдакиро кӣ хонд нобино?
Буд бинотарин зи биноҳо.
Он чӣ ӯ дид, дигаре кай гуфт,
Ҳар чӣ дурр суфт, дигаре кай суфт?
Дар сухан ҷуст сарвати худро,
Кони ганҷе бимонд беҳамто.
Ганҷи ӯ шеърҳои тиллоист,
Ҳамчу шеъраш баҳои тилло нест.

https://bikhon.tj/

БА ЁДИ МАСТОН ШЕРАЛӢ

Ту нашъаи ҷавонӣ агарки чашидаӣ,
Ӯ буд ҷавону раъшаи пирӣ чашида рафт.
Мӯяш сафеду мӯйсафедӣ надид агар,
Чун пири шеър бори Суханро кашида рафт.

ДАВЛАТИ ДИДОР

Гар давлат аз Худой талабгор будаем,
Дар орзуи давлати дидор будаем.

БА ҲАМҚАЛАМ

Осори ту гар сарват аст,
Дидори ту худ давлат аст.

ЗОМИНИ БАХТ

Эй, ки бар бахти ман шудӣ зомин,
Омади бахти худ бубин. Омин!

ВОРИС

Ин кулбаи падар, ки барояш нишона монд,
Дорад ҳазор шукр, ки устуни хона монд.

ДИЛШИНОС

Ба табиби ҳозиқ М.М.

Мислат надида будам
Ғамхори дил, Муҳима.
Аз чашми ту шудам дур
Ман бо дили дунима.

Бар рағми дард мондӣ
Девора дар раҳи дил.
Аммо ҷудоӣ аз ту
Дардест сахту мушкил.

https://bikhon.tj/

ШОИР

Бо ҳарфу каломи хеш шоир
Иззу шарафи зиёд дорад.
Гар танг шавад ба ӯ ду олам,
Дунёи Сухан кушод дорад.

УМЕД

Ҳар шом, ки чилчароғу моҳе дорад,
Ҳар шаб зи паяш боз сабоҳе дорад.
Навмед набояд шудан аз ноомад,
Ҳар кӯҳи баланд боз роҳе дорад.

ТАСКИН

Эй, ки куштӣ ту мурғи илҳомам,
Мурғи дил зинда аст, бокам нест.

КОСАИ ОБ

Косаи об буд оинаи мо,
Аксоз мекард ба худ динаи мо.
Боз ҳам косаи об асту нигоҳ,
Ману ту нӯш кунем оби никоҳ.

ДАР ХОКИ АРАБ

Дар хоки араб араб, ки ноором аст,
Бар Шом нигар, ки рӯзи он ҳам шом аст.

ДУ СУҲРОБ

Ба ёди Суҳроби Қурбон

Суҳроби туро агар падар кушт,
Суҳроби маро ғами ҳунар кушт.

https://bikhon.tj/

ҶОҲИЛ

Эй мард, ки бадгумон ба занҳо гаштӣ,
Ҷоҳил шуда бадном ба дунё гаштӣ,
Фарзона, ки сангсор шуд дар Лоҳур,
Фархунда лагаткӯб бишуд дар Кобул.

ХОКСОРӢ

Модари тоҷик, баски хоксорӣ доштӣ,
Пайкара аввал ба фарзандони худ бигзоштӣ.

ДӮСТНАМО

Он дӯстнамо ба ман вафодор нашуд,
Ҷуз ҷабру ҷафо дигар варо кор нашуд.
То қуллаи нокасӣ баромад, вайҳақ,
Бар пояи иззат ӯ сазовор нашуд.

АРМОН

Баҳор омад, баҳори интизорӣ,
Ҳазор омад, вале н-омад Баҳорӣ.

ҲАСРАТИ ХОНАҶУДО

Парасту лонаашро мекунад обод,
Ману ту хонавайрон гаштаем, эй дод!

ДАР САНГИ МАЗОР

Дилбанди азиз, рафта аз дори фано,
Армон нашикастиву шикастӣ дили мо.

ЁДГОРИ ШАБ

Он бӯса агар зи ман нишон бар лаб монд,
Ин ёд зи ту чу ёдгор аз шаб монд.

https://bikhon.tj/

ДАР ЗОДРӮЗ

Эҳдо Ба Ҳақназар Ғоиб

Нур аз чеҳраи ту меборад,
Гармтар з-он туро дил асту даст.
Ё ки фарзанди офтобастӣ,
Зодбумат ҳам Офтобӣ аст.
Аспи хатлӣ, ки зинсаворат кард,
Аспи илҳом мебарад то сад.

ДЕҲҚОН

Деҳқон ҳар куҷо, ки бекор аст,
Дили ӯ худ замини шудгор аст.

КУРТАЧАКАН

Ҳар гаҳ, ки туро, куртачакан, медидам,
Бо ҳусну ҷамоли тоза ман медидам.
Гулпӯш танат чу гулбадан медидам,
Аз боғи дилам гули Сухан мечидам.

ДАР БОҒИ НАВОӢ

Дар ин ҷо магӯ ҳарфи ноошноӣ,
Ки Ҷомӣ ҳам ояд ба боғи Навоӣ.

БА ҚАЛАМДОРОН

Баъди Бозор қалам тез кунед,
Аз шикастан ҳама парҳез кунед.
Ҳар қадар шеъри тар эҷод шавад,
Рӯҳи мардони Сухан шод шавад.

ҶОНУ ҶАҲОН

Бароям шеър шуд ҷону ҷаҳонам,
Наҷустам шӯҳрат аз он дар замонам.
Навишта номи худро бе ситора,
Ба номи шеър мондам се ситора.

https://bikhon.tj/

МУНДАРИҶА

Дилпайванд 3
Ғазалиёт 4
Рубоиёт 62
Қитъаот ва фардиёт 117

Сайидалӣ Маъмур

ГУЛШУКУФТИ АРМОНҲО

(Гулчини ашъор)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳри Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *М. Фарзон*

Ба матбаа 12.11.2018 супурда шуд.
Чопаш 14.11.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 10,0. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.

https://bikhon.tj/